**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:323(091)(581)**
**ТКБ:66.3**
**А-14**

**АБДУСАМАТОВ БЕКБОБО БУРИХОНОВИЧ**

# АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1992-2001: ВАЗЪИЯТИ СИЁСӢ–НИЗОМӢ ВА МУШКИЛОТИ ДАВЛАТСОЗӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих**

**(6D020302 - Таърихи умумӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои таърих, дотсент Искандаров Қ.

**Душанбе – 2024**

МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо**........................................................................ 3
**МУҚАДДИМА**.................................................................................. 4-22
**БОБИ I. БА ҚУДРАТ РАСИДАНИ АҲЗОБИ ИСЛОМИИ МУХОЛИФ ДАР АФҒОНИСТОН ВА ПАЁМАДҲОИ ОН**
1.1. Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло.................................................... 23-39
1.2. Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи гурӯҳҳои исломии мухолиф ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА)............................... 40-62
**БОБИ II. ИХТИЛОФҲО БАЙНИ ГУРӮҲҲОИ СИЁСИЮ НИЗОМИИ ИСЛОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ МУТАМАРКАЗ**
2.1. Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ: сабабҳо ва паёмадҳои он................................................................ 63-84
2.2. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ............................................. 85-99
**БОБИ III. ЗУҲУР ВА ТАШАККУЛИ ҲАРАКАТИ «ТОЛИБОН»**
3.1. Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»............ 100-119
3.2. Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»........... 120-133
3.3. Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ........................................................................ 134-148
**ХУЛОСА**........................................................................................ 149-154
**ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО**... 155-156
**РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.... 157-171
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**............................................................ 172-173

## Номгӯи ихтисораҳо

**ISI** - Созмони истихбороти низомӣ (Покистон)

**ДИА** - Давлати исломии Афғонистон

**ИИБОА** - Иттиҳоди исломӣ барои озодии Афғонистон

**ИИМА** - Итиҳоди исломии муҷоҳиддини Афғонистон

**ИМА** - Иёлоти муттаҳидаи Амрико

**ИЧШС** - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**НАТО** - Созмони Атлантикаи Шимолӣ

**СИЗА** - Созмони инқилоби заҳматкашони Афғонистон

**СММ** - Созмони Милали Муттаҳид

**СУТ** - Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ

**СҲИ** - Созмони ҳамкории иқтисодӣ

**ҲВИА** - Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон

**ҲХДА** – Ҳизби халқи демократии Афғонистон

**ҲДХА** Ҳизби демократи халқии Афғонистон

**ҲИА** - Ҳизби исломии Афғонистон

**ҲИИА** - Ҳаракати инқилоби исломии Афғонистон

**ҶИА** - Ҷамъияти исломии Афғонистон

**ҶМИА** - Ҷабҳаи милли исломии Афғонистон

**ҶНИА** - Ҷамъияти наҷоти миллии Афғонистон

**ШҲИИ** - Шурои ҳамоҳангсозии инқилоби исломӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳиммияти масъалаи таҳқиқшаванда, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки то имрӯз ба унвони чунин мавзуъ пажуҳиши комплексии илмии диссертатсионӣ анҷом наёфтааст. Афғонистон аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамчун минтақаи муҳимми стратегӣ муддати зиёд дар зери таваҷҷуҳи абарқудратҳо қарор дошта, бинобар сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ буҳрони шадиди сиёсиро сипарӣ намуда истодааст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Афғонистон аз ибтидои даст ёфтан ба истиқлол (1919) то имрӯз, дар роҳи эъмори давлати мутамарказ ба чандин падидаи номатлуби сиёсӣ рӯ ба рӯ гардидидааст, ки ин раванд то ҳол идома дорад. Дар ин муддат дар Афғонистон зери таъсири рӯйдодҳои инқилобӣ ва тағйироти пайдарпайи низомӣ-сиёсӣ заминаи гузариш аз сохти давлатдории подшоҳӣ ба ҷумҳурӣ сурат гирифтааст.

Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки ҳанӯз 27-уми апрели соли 1978 бо роҳбарии Ҳизби демократии халқи Афғонистон, ки аз соли 1965 инҷониб фаъолият менамуд, табаддулоти давлатӣ ба амал омад, ки бо номи «Инқилоби Савр» машҳур аст. Дар натиҷа Ҷумҳурии Афғонистон ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ивази ном кард. Ин тағйироти куллӣ, махсусан кӯшиши бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ қисме аз мардуми мусулмони кишварро норозӣ сохта, боиси ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷомеаи суннатӣ гардид. Соли 1979 нерӯҳои мусаллаҳи давлати Шуравӣ бо дархоси ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (ҶДА) ба хоки Афғонистон ворид гардиданд, аммо Ҳафизуллои Аминро, ки зоҳиран ба даъвати ӯ ворид шуда буданд, сарнагун намуда, ба ивази он Б. Кормалро ба қудрат расониданд. Ворид гардидани қувваҳои низомии шуравӣ вазъиятро боз ҳам пуршиддаттар намуд ва баъд аз 9 соли ҷанг ниҳоят соли 1989 нерӯҳои шуравӣ хоки Афғонистонро тарк карданд.

Моҳи апрели соли 1992 қувваҳои мухолифи исломӣ бо номи «муҷоҳиддин» Кобулро ишғол карданд, ки боиси аз байн рафтани низоми ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло гардид. Баъд аз ин кишвар номашро ба

Давлати Исломии Афғонистон иваз кард. Қудрати сиёсӣ ба Шурои ҷиҳодӣ (Шурои муваққатии муҷоҳиддин) гузашт.

Баробари он ки гурӯҳҳои мухолиф бар сари қудрат расиданд, ҷиҳати ба даст овардани нуфузи сиёсӣ байни худ мубориза мусаллаҳонаро оғоз карданд. Моҳи сентябри соли 1992 ин ихтилофҳо ба моҷарои бузург мубаддал шуд. Аз ин шароити беқонунӣ истифода карда, соли 1994 дар Афғонистон гурӯҳи нави сиёсӣ бо номи «Ҷунбиши Толибон» зуҳур намуд ва моҳи сентябри соли 1996 Кобулро зери тасарруфи худ даровард. То соли 2001 «Толибон» тавонистанд 80%-и хоки Афғонистонро соҳиб гардида, кишварро ба маркази фаъолияти терроризми байналмилалӣ табдил диҳанд. Акнун ба қудрат расидани «Толибон» боиси ба маркази терроризми ҷаҳонӣ табдил ёфтани Афғонистон гардид, ки паёмади он на танҳо барои ин кишвар, балки барои минтақа ва ҷаҳон бисёр нигаронкунанда буд. Сабабҳои табаддулоти давлатӣ, фаъолияти нерӯҳҳои ҳукуматхоҳ, пайдоиши ҳаракати «Толибон», паёмади сиёсати толибон дар Афғонистон ва таъсири он ба минтақа, ки то имрӯз идома дорад, нақшу таъсири қудратҳои хориҷӣ дар ин раванд ва дигар масъалаҳои ба ин монанд ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда далолат мекунад.

Дар маҷмуъ, аҳаммият ва мубрамии омӯзиши мавзуъ барои баррасӣ дар қолаби як рисолаи диссертатсионӣ бо далелҳои зерин собит мегардад:

***Якум,*** бо назардошти вазъи ҷуғрофӣ ва равандҳои таърихӣ омӯзиш ва пажуҳиши вазъи низомиву сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва омилҳои нопойдории Давлати исломӣ дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад. Тавре маълум аст, истиқлол ва пешрафти давлат дар ҳар давру замон аз ҳолати таъсири омилҳои динӣ, сиёсӣ, низомӣ, этникӣ ва амсоли ин вобаста мебошад. Таҳқиқи таъсири ин омилҳо ба раванди давлатсозӣ дар Афғонистон (1992–2001) дорои аҳаммияти илмию амалии хос мебошад;

***Дувум,*** Афғонистон дар маркази рақобати абарқудратҳо қарор дошта, солҳои зиёд бинобар омилҳои дохилӣ – қавмгароию динсолорӣ ва омилҳои хориҷӣ – ихтилофи қудратҳои ҷаҳонӣ барои манфиатҳои геополитикӣ ва

геостратегии худ ранҷ мекашад. Зиёда аз сад сол мешавад, ки ин кишвар дар маркази диққати абарқудратҳо қарор дорад. Паёмади бархӯрди манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ дар 30 соли охир на танҳо Афғонистон, балки кишварҳои минтақаро ба ташвиш овардааст;

***Сеюм,*** паёмадҳои ҷанги дарозмуддати шаҳрвандӣ дар Афғонистон далели он аст, ки таъсири омилҳои хориҷӣ – дахолати баъзе давлатҳо омили шиддат ёфтан ва боз ҳам печидатар шудани ҷанг гардида, сади роҳи дастёбӣ ба сулҳ ва ба роҳ мондани музокироти васеъ бо мақсади ҳалли осоиштаи низои тӯлонӣ гардидааст, таҳқиқи ин масъаларо муҳимтар месозад;

***Чорум,*** бuҳрони идомаёбандаи ҷомеаи Афғонистон ва мушкилоти давлатсозии он хусусияти геополитикӣ дорад, ки таҳқиқи бунёдии илмиро талаб мекунад;

***Панҷум,*** яке аз масъалаҳои мубрами давлати Афғонистон ихтилофи дохилии миёни ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ аст, ки сади роҳи дар кишвар ташкил ёфтани ҳукумати ҳамашумул гардидааст. Бо назардошти печидагии вазъият ва моҷарои сиёсии Афғонистон омӯзиши сабаб ва омилҳои дохилию хориҷии ин мухолифатҳо таҳқиқи мавзуъро боз ҳам ҷиддитар мегаронад;

***Ниҳоят,*** падидаи зуҳури «Толибон» ва зери назорат гирифтани аксари манотиқи кишвар то соли 2001 ва ба қудрати сиёсӣ дубора омадани онҳо дар соли 2021 таҳқиқоти ҷиддии илмиро тақозо менамояд.

Дар маҷмуъ, як чанд ҳолатҳои объективӣ, аз ҷумла дигаргуниҳои бунёдии ҷаҳон, минтақа ва Афғонистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро ҳамчун объекти таҳлили таърихӣ ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқу омӯзиши моҳияти равандҳои низомӣ, сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 дорои аҳаммияти муҳимми илмиву амалӣ мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Бояд гуфт, ки олимону пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои мухталифи таърихи навини Афғонистонро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд. Дар омӯзиши масъалаи мазкур

олимону муҳаққиқони Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон, баъзе кишварҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Русия саҳм гузоштаанд. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои таърихии масоили сиёсию низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Дуруст аст, ки баъзе паҳлуҳои ин масъала ва ҷанбаҳои гуногуни раванди давлатсозӣ дар солҳои 90-уми асри XX дар таҳқиқоти олимони соҳаҳои гуногун мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд, вале таҳқиқоти махсуси илмӣ дар бораи раванди давлатсозӣ ва паёмадҳои он то ҳанӯз анҷом дода нашудааст.

Бо назардошти он ки мавзуи мавриди таҳқиқ васеъ аст, лозим дониста шуд, ки адабиёти истифодагардида оид ба мавзуъ ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шавад:

**Ба гурӯҳи аввал** натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони Афғонистон, Покистон ва Эрон дохил мешавад, ки ба масъалаҳои гуногуни таърихи кишвар, махсусан низомӣ-сиёсӣ, сохти давлатдорӣ, таъсис ва фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, андешаҳои озодихоҳӣ ва ғайра таваҷҷуҳ намудаанд.

Яке аз роҳбарон ва назарияпардозони ҷараёни чапгарои либералӣ – буржуазии «Ватан» М. Фарҳанг[1] мебошад, ки дар осораш таърихи сиёсии Афғонистонро дар панҷ қарни охир мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қисми охири асари ӯро вазъи сиёсии Афғонистон дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI фаро мегирад, ки дар он омилҳои вазъи муташанниҷи кишвар аз нигоҳи муаллиф инъикос гардидааст.

Донишманди дигари Афғонистон Ғ.Д. Панҷшерӣ[2] дар асари худ раванди тағйироту таҳаввулоти сиёсии Афғонистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф иштирокчии бевоситаи ҳаракати чапгарои солҳои 60–90-уми асри XX будааст, ки масъалаи пайдоиш ва шикасти ақидаҳои марксистиро, ки таҳти таъсири намунаи сотсиализми шуравӣ бе назардошти анъана ва урфу одатҳои мардуми Афғонистон дар муҳити мусулмонӣ таҳмил

[1] Фарҳанг, М. Афғонистон дар панҷ қарни охир [Матн] / М. Фарҳанг. – Кобул, 1394 (2016). – Ҷ.1-2. – 1354 с.
[2] Панҷшерӣ, Ғ.Д. Зухур ва заволи Ҳизби халқии демократии Афғонистон [Матн] / Ғ. Д. Панҷшерӣ. – Пешовар, 1377 (1998). – 619 с.

мешуд, аз нигоҳи танқидӣ таҳлил кардааст.

Инчунин, Ваҳиди Мужда[1] сиёсатшинос, нависанда ва корманди Вазорати корҳои хориҷии «Толибон» дар солҳои 90-уми асри XX дар таҳқиқоташ чӣ гуна ба сари қудрат омадани «Толибон» ва дастгирии онҳо аз ҷониби қудратҳои хориҷӣ, вазъи низомӣ-сиёсии кишварро дар замони ҳукумронии «Толибон» мавриди таҳлил қарор додааст.

Соҳибназар Муродӣ[2] дар рисолаи номзадӣ, китобҳо ва мақолаҳои илмии худ вазъи низомӣ-сиёсӣ, инчунин корномаи каҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъудро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муҳаққиқи дигар Муҳаммадикром Андешманд[3] дар асари худ вазъи дохилӣ ва хориҷии мамлакатро таҳқиқ кардааст, ки дар осори ӯ омилҳои шиддат гирифтани вазъи сиёсӣ ва паёмади ворид гардидани нерӯҳои Амрико ба Афғонистон инъикос гардидааст.

Пажуҳишгари эронӣ Ч. Паҳлавон[4] дар асари илмии худ ба қудрат расидани муҷоҳиддин ва мушкилоти байни гурӯҳҳои муҷоҳиддин, инчунин зуҳури «Толибон»-ро возеҳу равшан таҳқиқ намудааст.

Муҳаққиқи афғонистонӣ А. Аҳадӣ[5] дар асараш зиддиятҳои Эрон ва Арабистони Саудиро дар хоки Афғонистон барои мустаҳкам намудани мавқеи сиёсӣ ва иқтисодии худ, инчунин бозиҳои худро тавассути ҳаракати «Толибон» ба амал баровардани онҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Рӯзноманигор ва муҳаққиқи покистонӣ Аҳмад Рашид[6] асари илмии худро дар мавриди ба қудрат расидани «Толибон», суқути Кобул ва дар арсаи сиёсат баромад намудани «Толибон» дар Афғонистон, инчунин, бозиҳои

[1] Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи толибон [Матн] / В. Мужда. – Пешовар: Майванд, 2002. - 480 с.
[2] Муродӣ, С. Аҳмадшоҳи Масъуд ва таҳаввулоти даҳаи ҳаштод дар Афғонистон [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул: Бунёди Шаҳид Масъуд, 1385 (2006). – 381 с.; Ҳамон муаллиф: Кабул в исторических источниках [Текст]: Дисс... канд. истор. наук / С. Муродӣ– Душанбе, 2002. – 171 с.; Ҳамон муаллиф: Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – 750 с.
[3] Андешманд, М.И. Амрико дар Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2007. – 388 с.; Ҳамон муаллиф: Маорифи асрии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2011. – 416 с.
[4] Паҳлавон, Ч. Афғонистон, асри муҷоҳиддин ва баромадани толибон [Матн] / Ч. Паҳлавон. – Теҳрон, 1999. – 268 с.
[5] Аҳадӣ, А. Арабистони Саудӣ, Эрон ва ҷанг дар Афғонистон [Матн] / А. Аҳадӣ. – Машҳад, 1998. – 480 с.
[6] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000.- 336 с.

геосиёсии давлатҳои хориҷиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Ба гурӯҳи дуюм** осори намояндагони мактаби афғонистоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ворид намудан ба маврид аст. Мавзуи вазъи низомӣ-сиёсии Афғонистон дар таҳқиқоти афғонистоншиноси тоҷик Ҳ. Назаров[1] ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Махсусан, осори ӯ, ки ба таҳлили мавзуи ташаккул ва рушди ҷунбиши сиёсӣ-иҷтимоии Афғонистон дар асри XX, мақом ва нақши тоҷикони Афғонистон дар таърихи ин кишвар бахшида шудаанд, аҳаммияти хоссаро доро мебошад.

Муҳаққиқи тоҷик Ш.З. Имомов[2] равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон дар охири асри XX  ва ибтидои асри XXI, ҳамчунин усул ва роҳҳои дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Афғонистонро таҳлил намуда, ба муносибатҳои байналмилалии Афғонистон таваҷҷуҳ кардааст.

Дар осори Қ. Искандаров[3] заминаҳо ва раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсии Афғонистон дар нимаи дуюми асри XX инъикос гардидааст. Барои таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии бухрони Афғонистон ва таъсири он ба амнияти Осиёи Марказӣ таҳқиқоти ин донишманди афғонистоншиноси тоҷик аҳаммияти махсус дорад. Корҳои илмии ӯ ба ҷанбаҳои мухталифи вазъи бухронии Афғонистон, ташаккул ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон, таъсири бухрони Афғонистон ба вазъи Тоҷикистон ва ғайра бахшида шудааст.

Муҳаққиқ Ҷ. Латифов[4] вазъи муосири Афғонистон, ҳадафҳои стратегии иштирокчиёни амали зиддитеррористӣ, таъсиси ниҳодҳои идораи давлатӣ ва таъсири ин омилҳоро ба сиёсати хориҷӣ ва дохилии ин кишвар мавриди

---

[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – 656 с.

[2] Имомов, Ш. Усул ва роҳҳои дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Афғонистон [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе, 2000. – 37 с.; Ҳамон муаллиф: Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 267 с.

[3] Искандаров, К. Молодежное движения ва Афганистане (1945-1990 гг.) [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Дониш, 1992. – 148 с.; Ҳамон муаллиф: Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 500 с.; Ҳамон муаллиф: Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – 236 с.; Ҳамон муаллиф: Афганистан: Талибан и формирование террористических групировок [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 132 с.

[4] Латифов, Дж. Афганистан: семена надежды (Урегулирование политической ситуации, укрепление государственных основ и проблемы посконфликтного Афганистана [Текст] / Дж. Латифов. – Душанбе, 2007.- 127 с.

таҳқиқ қарор додааст.

Афғонистоншиноси дигари тоҷик Р. Маҳмадшоев[1] масъалаи миллӣ, муносибатҳои сиёсӣ-этникӣ ва фарҳангии Афғонистонро таҳқиқ кардааст. Бояд гуфт, ки дар маркази таваҷҷуҳи ӯ масъалаи этиникӣ ва вижагиҳои равандҳои сиёсии Афғонистон қарор гирифтаанд.

Дар корҳои илмии Р. Шарифов[2] масъалаҳои мушкилоти маорифи Афғонистон бо назардошти вазъи муосири ин кишвар мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки ҷиҳати омӯзиши омилҳои шиддат гирифтани низоъ дар ин кишвар муҳим мебошад.

Дар осори Г.Н. Зокиров[3] рушди равандҳо дар самтҳои амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла сатҳи таъсиргузории буҳрони Афғонистон ба ин равандҳо инъикос ёфтаанд.

Донишманди дигари тоҷик Ҳ.С. Саидов[4] масоили миллӣ-этникии Афғонистон, мушкилоти қавмӣ, тамоили рушди давлатдории Кобул ва таъсири омилҳои берунӣ ва дохилиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ Р.Ш. Нуриддинов[5] дар осори худ вазъи геополитикии

---

[1] Махмадшоев, Р. Процессы этнополитическое и социокультурного развития таджиков Афганистана [Текст]: Монография / Р. Махмадшоев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 390 с.; Ҳамон муаллиф: «Талибан» и таджико – пуштунский вопрос [Текст] / Р. Махмадшоев // Международная конференция «Афганистан и региональная безопасность: пять лет после «Талибан», Душанбе, 11, 12 декабря 2006 г. // Афганистан и безапасность: Центральной Азии. – 2006. – №3. – С. 155-167.; Ҳамон муаллиф: Духовная культура таджиков Афганистана и необходимость её изучения [Текст] / Р. Махмадшоев // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия история и филология. – 2009 – Т.8. – №4. – С. 84-87.

[2] Шарифов, Р.Я. История современного образования в Афганистане (1919-1978 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / Р.Я. Шарифов. – Душанбе, 2012. – 338 с.; Ҳамон муаллиф: Традиционное образование народов Хорасана (Ретроспективный взгляд на историю формирования и эволюции системы) [Текст]: Монография. – Душанбе, Эр-граф, 2017. – 109 с.; Ҳамон муаллиф: Социально-экономические предпосылки формирования современной системы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/5. – С. 126-130.; Ҳамон муаллиф: Этно-социальные предпосылки формирования современной системы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/7. – С. 79-85.; Ҳамон муаллиф: Состояние системы образования в Афганистане в период республики (27.07.1973-27.04.1978 гг.) [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/7. – Ч. II. – С. 3-6.; Ҳамон муаллиф: Историография проблемы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Педагогического университета им. Садриддина Айни. – 2018. – №2 (74). – С. 180-187.

[3] Зокиров, Г.Н. Минтақаи кӯҳистон (таҳқиқоти геополитикӣ) [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2016. – 152 с.

[4] Саидов, Х.С. Афганистан в поисках путей национально – государственного развития [Текст] / Х.С. Саидов. – М., 2011. – 440 с.; Ҳамон муаллиф: Маунстюарт Эльфинстоун английский дипломат и политик. Этнос, общества и власт в Афганистане [Текст] / Х.С. Саидов. – Душанбе, 2012. – 202 с.

[5] Нуриддинов, Р.Ш. Формирование левых демократических движений в Афганистане [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов. –Душанбе: Ватанпарвар, 2003. – 384 с.; Ҳамон муаллиф: Эволюция формирования политической системы современного Афганистана [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов. – Душанбе, 2004. – 371с.

минтақаи Осиёи Марказӣ, вазъи низомию сиёсии Афғонистонро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, инчунин равандҳои дохилидавлатии Афғонистон ва таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Нуриддинов П.Р.[1] ба масъалаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии раванди ташаккули ҳизбу ҳаракатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваҷҷуҳ карда, таҳаввули сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, фаъолияти гурӯҳҳои террористиро дар ин кишвар пажуҳиш намудааст.

Дар радифи ин як чанд муҳаққиқу хабарнигорон ба монанди Қ.Р. Расулиён[2], Ҷ. Алимӣ[3], Х. Асозода[4], Н. Давлат[5], К. Наврӯз[6], Ҷ. Сайдалиев[7], Н. Мирзоев[8], И. Пулод[9], Ҳ. Қурбонов, Ғ. Ғоиб[10], Х. Султон[11] китоб ва мақолаҳои илмии худро оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон ба нашр расонидаанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** натиҷаи пажуҳиши донишмандони мактаби афғонистоншиносии Федератсияи Русияро нисбат додан мумкин аст, ки дар онҳо масоили равандҳои сиёсӣ ва тағйирёбии сиёсати дохиливу хориҷии Афғонистон дар давраи муосир таҳлил шудааст.

---

[1] Нуриддинов, П.Р. Методологические проблемы зарождения и эволюции идеологических установок и практической деятельности террористических дивижения [Текст] / П.Р. Нуруддинов // Терроризм: моҳият, хосият ва раванди ташаккулу инкишоф: маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12-13 январи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 48-60.; Ҳамон муаллиф: Политические партии и партийная система Афганистана [Текст] / П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 416 с.; Ҳамон муаллиф: Кто есть, кто в Афганистане. Второе дополненое издание [Текст] / П.Р. Нуриддинов. – Душанбе, 2017. – 400 с.

[2] Расулиён Қ.Р. Тоҷикони Афғонистон: дирӯз ва имрӯз/ Қ.Р. Расулиён // Осори Мунтахаб. Ҷ. 4. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2022. – С. 449–458.

[2] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 339 с.

[4] Асозода, Х. Афғонистони инқилобӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 400 с.

[5] Давлат, Н. Аҳмадшоҳ Масъуд: 20 сол дар сангар [Матн] / Н. Давлат // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1998. – 16 март; Ҳамон муаллиф: Давлатов, Н. Толибон вориси Ҳикматёр ҳастанд [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 31 август.

[6] Наврузи, К. Толибон ба Покистон бар мегарданд [Матн] / К. Наврузи // Ҷумҳурият. – 2001. – №134. – 15 ноябр.

[7] Сайдалиев, Ҷ. Амрико, Амрико ва боз ҳам Амрико [Матн] / Ҷ. Сайдалиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2001. – №37-38. – С. 2.

[8] Мирзоев, Н. Муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон [Матн] / Н. Мирзоев. – Душанбе: Сино, 1997. – 104 с.

[9] Пулод, И. Террористические события 11 сентября и вмещательство США в Афганистане [Текст] / И. Пулод. – Испания, 2006. – 200 с.

[10] Қурбонов, Ҳ., Ғоиб, Ғ. Панҷшер - сарзамини мардхез [Матн] / Ҳ. Қурбонов, Ғ. Ғоиб. – Кулоб, 2011. – 280 с.

[11] Султон, Х. Аз Ардашер то Шери Панҷшер [Матн] / Х. Султон. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 100 с.

Донишманди афғонистоншинос М.Р. Арунова[1] вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Афғонистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, баъзан пешниҳодҳои худро доир ба эътидол даровардани вазъ дар ин кишвар аз солҳои оғози ҷанги шаҳрвандӣ то ба имрӯз матраҳ намудааст.

Дар таҳқиқоти В.Г. Коргун[2] таъсири ҳамдигарии таърихии давлатҳои бузург, бархӯрди манфиатҳо дар Афғонистон инъикос шуда, нақши Русия ва муносибати он бо Афғонистон муайян гардидааст.

Муҳаққиқони дигари Русия А.А. Князев[3], Г.В. Косов[4] ва А.А. Вартумян масоили мубрами вазъи сиёсии Афғонистон, Осиёи Марказӣ, мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, ҳамчунин масъалаи равияҳои динӣ ва қавмии Афғонистонро таҳқиқ кардаанд.

Дар китобу мақолаҳои илмии А.А. Сушентсов[5] сиёсати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Афғонистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муҳаққиқон А.Д. Давидов[6] ва О.В. Плешов[7] дар осори худ «Толибон»-ро ҳамчун ҳаракати тундгароёнаи исломӣ ва мушкилоти Афғонистон вобаста ба ҷаҳони имрӯз маънидод намудааст.

Муҳаққиқи рус В.С. Бойко[8] дар китобу мақолаҳои худ, вазъи дирӯз ва

[1] Арунова, М.Р. Афганская политика США в 1945-1999 гг. [Текст]: Крат. Очерк / М.Р. Арунова; Ин-т изучения Израиля и Ближ. Востока, Ин-т востоковедения РАН. – М., 2000. – 127 с.; Ҳамон муаллиф: Граница Россия с Афганистаном [Текст]: Ист. очерк / М.Р. Арунова; РАН. Ин-т востоковедения. – М.: ИВ РАН, 1998. – 112 с.; Ҳамон муаллиф: Очерк истории формирования государсвенных границ между Россией; СССР и Афганистаном / М.Р. Арунова; Рос. Цетр стратег. и междунар. Исслед., Ин-т востоковедения Рос. АН. – М., 1994. – 115 с.; Ҳамон муаллиф: Очерк средновековой и новой истории Афганистана [Текст]: Монография / М.Р. Арунова; Ин-т Востоковедения Рос. АН. – М.: Российский ун-т дружба народов, 2010. – 264 с.; Ҳамон муаллиф: Афганистан сегодня [Текст] / М.Р. Арунова // Афганский кризис и проблема формирования региональной системы безопасности в Центральной Азии. – М.: РУДН, 2010. – 105 с.

[2] Коргун, Г.В. История Афганистана XX век [Текст] / В.Г. Коргун. – М.: ИВ РАН, 2004. – 529 с.; Ҳамон муаллиф: Россия и Афганистан: Исторические пути формирования образа России в Афганистане [Текст] / В.Г. Коргун. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. – 320 с.

[3] Князев, А.А. Афганистан и безопасность Центральной Азии [Текст] / А.А. Князев. – Бишкек: ИД «Prinhovse», 2010. – 159 с.

[4] Косов, Г.В. «Исламофобия» и «этнофобия» в контексе политического конфликта [Текст] / Г.В. Косов, А.А. Вартумян // Социально-гуманитарные здания. – 2010. – №7. – С. 321-335.

[5] Сушенцов, А.А. Очерки политика США в региональных конфликтах 2000-х годов [Текст] / А.А. Сушенцов. – М.: Издательство МГИМО –Университета, 2013. – 249 с.

[6] Давыдов, А. Д. Режим талибов в Афганистане [Текст]: жесткая исламизация / А. Давыдов // Афганистан: война и проблемы мира. – М.: Наука, 1998. – С.47-59.

[7] Плешов, О.В. Движение «Талибан»: истоки фундаментализма [Текст] / О.В. Плешов // Афганистан: война и проблемы мира. – М.: Наука, 1998. – С.39-46.

[8] Бойко, В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX-начале XXI вв. [Текст]: Учебное пособие / В.С. Бойко. – Барнаул: АлтГПУ, 2016. – 136 с.; Ҳамон муаллиф: Проблемы и противоречия модернизации Афганистане в XX-начале XXI в. Очерки

имрӯзи Афғонистонро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Примаков Е.[1] дар мавзуи «Ҷаҳон баъд аз ҳодисаи 11 сентябр» асаре таълиф намуда, дар масъалаи вазъи Афғонистон ибрози назари илмӣ намудааст.

Пажуҳишгарони дигар ба монанди Б. Громов[2], Е. Владимир, А. Ляховский, В.М. Некрасов[3] ва дигарон мақолаҳо ва китобҳои худро оид ба паҳлуҳои гуногуни таърихи Афғонистон ба нашр расонидаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарб шомил карда шудаанд.

Донишмандони маъруфи Ғарб Симон Ҷонкенс[4], Тим Мек Гирк[5], О. Руа, Наҳид Сулейман[6], Ебен Каплан[7], Эмели Мак-Фаргуҳар,[8] Кавун Какар[9], Мичел Рубин,[10] А. Девиз ва дигарон вазъи сиёсии Афғонистонро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқон Симон Ҷонкенс[11] ва Тим Мек Гирк[12] дар осорашон махсусияти фаъолияти гурӯҳҳои тундрави Афғонистон ва Шарқи Наздикро, ки дар ташаккули буҳронҳои сиёсӣ нақш доранд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Донишманди дигар О. Руа[13] дар асараш вазъи сиёсӣ, низомӣ ва сохти идоракунӣ, инчунин масъалаи низоъҳои Афғонистонро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

---

альтернативных стратегий и практик развития: [Текст]: Монография / В.С. Бойко. – М., 2010. – 140 с.; Ҳамон муаллиф: Власть и оппозиции в Афганистане: особенности политической борьбы в 1919-1953 гг. [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / В.С. Бойко. – М., 2012. – 565 с.

[1] Примаков, Е. Мир после 11 сентября [Текст] / Е. Примаков. – М.: Мысл, 2002. – 188 с.

[2] Громов, Б. Ограниченный контингент [Текст] / Б. Громов. – М. 1994. – 127 с.

[3] Ляховский, А.А., Некрасов, В.М. Гражданин, политик, воин. Памяти Ахмад Шаха Масуда [Текст] / А.А. Ляховский, В.М. Некрасов. – М.: 2007. – 360 с.

[4] Simon Jenkins. Stop killing the Taliban – they offer the best hope of beating Al-Qaeda [Text] // The Sunday Times. – 2008. – 22 June

[5] Tim McGirk. Kabul Learns to Live with Its Bearded Conquerirs [Text] // The Independent. – 1996. – 6 October

[6] Nahid Suleman. Ethnic Discrimination in Afghanistan [Text] // Intermedia; Amir Shah. Taliban leader outlaw's poppy growing in Afghanistan [Text] // The Associated Press. – 2000. – 28 July

[7] Eben Kaplan, Greg Bruno. The Taliban in Afghanistan [Text] // The Washington Post. – 2008. – 7 July

[8] Emily MacFarquhar. Genie in Kabul [Text] // U.S. News & World Report. – 1996. – 7 October

[9] Kawun Kakar. An Introduction of the Taliban [Text]. – Institute for Afghan Studies. – Fall, 2000

[10] Michael Rubin. Who is Responsible for the Taliban? [Text] // Middle East Review of International Affairs. – 2002. – Vol.6. – №1. – 15 March

[11] Simon Jenkins. Stop killing the Taliban – they offer the best hope of beating Al-Qaeda [Text] // The Sunday Times. – 2008. – 22 June

[12] Tim McGirk. Kabul Learns to Live with Its Bearded Conquerirs [Text] // The Independent. – 1996. – 6 October

[13] Руа, О. Афғонистон, ислом ва навгароиҳои сиёсӣ [Матн] / О. Руа. Тарҷумаи Абдулғаффор Муҳаққиқ. – Машҳад, 1999. – 220 с.

Муҳаққиқон Наҳид Сулейман[1], Ебен Каплан[2] ва Эмели Мак-Фаргуҳар[3] дар осори хеш раванди ташаккули ҳаракати «Толибон» ва фаъолияти онро дар Афғонистон баррасӣ намуда, ин гурӯҳро ҳамчун ҳаракати террористӣ номидаанд. Диққати онҳоро бештар раванди муборизаи «Толибон» барои ҳокимият дар солҳои 90-уми асри XX ҷалб намудааст. Махсусан, дар осори онҳо қудрати «Толибон» дар ҳукумати Кобул ва сабабҳои заволи он дар ибтидои асри XXI инъикос ёфтааст.

Дар осори Кавун Какар[4] ва Мичел Рубин[5] низ бештар ба фаъолияти сиёсӣ ва низомии «Толибон» мароқ зоҳир шуда, паёмади онро барои Афғонистон ва минтақа иброз намудаанд. Дар маҷмуъ, ҳаракати «Толибон»-ро олимони мазкур ҳамчун падидаи номатлуб ва халалрасон дар раванди шакл гирифтани ҳокимияти мутамаркази Афғонистон номидаанд.

Девиз А. [6] дар осори хеш аз зуҳури «Толибон» то ба қудрат расидани онҳо, инчунин вазъи ҷаҳон баъди ба қудрат омадани «Толибон» маълумоти муфассал медиҳад.

**Ба гурӯҳи панҷум** метавон рисолаҳои илмии дифоъшударо, ки ба мавзуъ наздик мебошанд, дохил намуд. Махсусан, дар ин самт рисолаҳои илмии Р.С. Казаков[7], И.Э. Мамадғафуров,[8] Ш. Шарафёр,[9] Д.С. Қодиров,[10] Ф. Ҷалол[11], А.А. Аҳмад[12], М.Ҷ. Тайёр[1], М.А. Гудоз[2], Р.М. Давлатов[3], Ш.Ш.

---

[1] Nahid Suleman. Ethnic Discrimination in Afghanistan [Text] // Intermedia; Amir Shah. Taliban leader outlaw's poppy growing in Afghanistan [Text] // The Associated Press. – 2000. – 28 July

[2] Eben Kaplan, Greg Bruno. The Taliban in Afghanistan [Text] // The Washington Post. – 2008. – 7 July

[3] Emily MacFarquhar. Genie in Kabul [Text] // U.S. News & World Report. – 1996. – 7 October

[4] Kawun Kakar. An Introduction of the Taliban [Text]. – Institute for Afghan Studies. – Fall, 2000

[5] Michael Rubin. Who is Responsible for the Taliban? [Text] // Middle East Review of International Affairs. – 2002. – Vol.6. – №1. – 15 March

[6] Девиз, А. Афғонистон, толибон ва сиёсатҳои ҷаҳонӣ [Матн] / А. Девиз. – Машҳад, 1998. 680 с.

[7] Казаков, Р.С. Станавления и развитие политических, торгово-экономических и культурных отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан [Текст]: Дисс... канд. истор. наук [Текст] / Р.С. Казаков. – Душанбе, 2014. – 197 с.

[8] Мамадғафуров, И.Э. Тағирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / И.Э. Мамадғафуров. – Душанбе, 2020. – 199 с.

[9] Шарафёр, Ш. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба он [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / Ш. Шарафёр. – Душанбе, 2021. – 295 с.

[10] Қодиров, Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. таъ. / Д.С. Қодиров. – Душанбе, 2020. – 192 с.

[11] Ҷалол, Ф. Нақши қудрати сиёсӣ дар таъмини ваҳдати миллӣ дар Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / Ф. Ҷалол. – Душанбе, 2019. – 178 с.

[12] Аҳмад, А.А. Таҳаввули шаклҳои идоракунии давлати Афғонистон пас аз касбияти истиқлолияти давлатӣ [Матн]: Дисс... ном. илм. ҳуқ. / А.А. Аҳмад. – Душанбе, 2019. – 233 с.

Муҳаммад[4], К. Фаҳим[5] ва дигарон мебошанд, ки дар мавзуъҳои вобаста ба Афғонистон дифоъ намудаанд.

Казаков Р.С.[6] дар рисолаи илмии худ дар доираи муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо Афғонистон баъзе ишораҳо оид ба вазъи сиёсии Афғонистон намудааст. Ӯ мақоми Афғонистонро дар минтақа ба назар гирифта, суботи сиёсиро дар ин кишвар яке аз воситаҳои рушди иқтисоди кишварҳои ҳамсояи он, махсусан Тоҷикистон арзёбӣ намудааст.

Мамадғафуров И.Э.[7] дар рисолаи илмии худ раванди тағйирёбии сиёсати хориҷии Афғонистонро, ки ба ибтидои асри XXI рост меояд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ ширкати фаъоли Афғонистонро дар ҳалли масъалаҳои минтақа, махсусан ба вуҷуд овардани тавозун муҳим арзёбӣ менамояд. Инчунин, муаллиф падидаҳо ва дурнамои сиёсати хориҷии Афғонистонро бо дарназардошти таҳаввулот дар низоми идорӣ инъикос намудааст.

Муҳаққиқ Ш. Шарафёр[8] дар рисолаи илмиаш махсусияти шаклгирӣ ва ба амал омадани моҷарои сиёсии Афғонистонро таҳлилу баррасӣ намуда, яке аз омилҳои шиддати ин буҳрони сиёсиро дар дахолати қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба корҳои дохилии ин кишвар арзёбӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ маҳз сарпарастии нерӯҳҳои иртиҷоию террористӣ аз ҷониби абарқудратҳо ва бархӯрди манфиатҳои геосиёсӣ боис шудааст, ки буҳрони Афғонистон

---

[1] Муҳаммад, Ҷ.Т. Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон [Матн]: Дисс... ном. илм. фал. / М.Ҷ. Тайёр. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[2] Гудоз, М.А. Ташаккул ва рушди савдои дохилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) [Матн]: Дисс... ном. илм. иқ. [Матн] / М.А. Гудоз. – Душанбе, 2021. – 176 с.

[3] Давлатов, Р.М. Ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон (1992-2015) [Матн]: Дисс... ном. илм. таъ. / Р.М. Давлатов. – Душанбе, 2019. – 208 с.

[4] Мухаммад, Ш.Ш. Проблемы развития образования в Афганистане [Текст]: Автореф. дисс... канд. пед. наук / Ш.Ш. Мухаммад. – Душанбе, 2010. – 26 с.

[5] Кушо, Ф. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушди маорифи Афғонистон (солҳои 2001-2016) [Матн]: Дисс... д-р (Ph.D) / Ф. Кушо. – Душанбе, 2022. – 202 с.

[6] Казаков, Р.С. Становление и развитие политических, торгово-экономических и культурных отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан [Текст]: Дисс... канд. истор. наук [Текст] / Р.С. Казаков. – Душанбе, 2014. – 197 с.

[7] Мамадғафуров, И.Э. Тағирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / И.Э. Мамадғафуров. – Душанбе, 2020. – 199 с.

[8] Шарафёр, Ш. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба он [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / Ш. Шарафёр. – Душанбе, 2021. – 295 с.

дарозмуддат ва доманадор гардад.

Дар рисолаҳои илмии А.А. Аҳмад[1], М.Ҷ. Тайёр[2], М.А. Гудоз[3], Р.М. Давлатов[4] ва дигарон раванди амалӣ гардидани сиёсати хориҷии Афғонистон, махсусан муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамсоя таҳлилу баррасӣ шудааст.

Ҳамин тавр, осори муҳаққиқони мазкур имкон медиҳад, ки дар таҳқиқоти мавзуи мавриди пажуҳиш бо истифода аз методҳои илмӣ нуқтаҳои муҳим мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст, ки яке аз бандҳои он мавзуи мазкур мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва инъикоси вазъи низомию сиёсӣ ва мушаххас намудани мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва паёмадҳои он барои минтақа мебошад.

Мақсади гузошташуда иҷрои чунин вазифаҳоро талаб менамояд:

- мушаххас намудани заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун кардани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло дар Афғонистон;

- таҳлили омилҳо ва раванди ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА);

- таҳлилу муайян намудани омилҳои шиддат гирифтани ихтилофҳо байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ ва паёмадҳои он;

---

[1] Аҳмад, А.А. Таҳаввули шаклҳои идоракунии давлати Афғонистон пас аз касбияти истиқлолияти давлатӣ [Матн]: Дисс... ном. илм. ҳуқ. / А.А. Аҳмад. – Душанбе, 2019. – 233 с.

[2] Муҳаммад, Ҷ.Т. Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон [Матн]: Дисс... ном. илм. фал. / М.Ҷ. Тайёр. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[3] Гудоз, М.А. Ташаккул ва рушди савдои дохилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) [Матн]: Дисс... ном. илм. иқ. [Матн] / М.А. Гудоз. – Душанбе, 2021. – 176 с.

[4] Давлатов, Р.М. Ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон (1992-2015) [Матн]: Дисс... ном. илм. таъ. / Р.М. Давлатов. – Душанбе, 2019. – 208 с.

- мушаххас намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташаккули давлати мутамарказ;

- пажуҳиш ва баррасии омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури «Толибон» дар Афғонистон;

- муайян кардани андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии ҷунбиши «Толибон»;

- таҳлили шаклгирии муқовиматҳо бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ.

- омӯзиши раванди шаклгирии муқовимати зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот** вазъияти низомӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992–2001, ихтилофи байни гурӯҳҳои исломгаро ва бархӯрдҳои мусаллаҳона байни онҳо ва мушкилоти давлатсозӣ мебошад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқ.** Доираи таҳқиқи мавзуъ фарогири солҳои 1992–2001 мебошад. Вобаста ба вазъи сиёсиву давлатсозӣ дар Афғонистон ин замонро метавон ба ду марҳала тақсим кард.

1. **Солҳои 1992 – 1995**. Ин марҳалаест, ки пас аз суқути низоми демократӣ дар Афғонистон аҳзоби исломии мухолиф ба сари қудрат расиданд ва зиддиятҳои дохилӣ миёни муҷоҳиддин шиддат ёфт;

2. **Солҳои 1996 – 2001**. Дар ин марҳала ҳаракати «Толибон» ҳокимияти сиёсиро ба даст гирифтанд, вале бинобар сабаби пойдор набудани низоми сиёсӣ ва содир кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ натавонистанд ҳукумронии худро идома диҳанд, оқибат аз ҷониби ИМА ва муттаҳиддонаш ба шикасти низомӣ рӯ ба рӯ гашта, қудратро аз даст доданд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияро** усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо ташкил

медиҳад. Ба сифати усули асосӣ ва универсалӣ усули таҳлилӣ-муқоисавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ин имкон медиҳад, падида ва ҳодисаҳои таърихиро дар ҳамбастагӣ, робитаи мустақим ва мутақобил бо воқеияти иҷтимоӣ ва мутобиқ гардидани ниҳодҳои давлатӣ ва иҷтимоиро ба воқеиятҳои дохилӣ ва ҳаёти байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳем. Дар диссертасия усулҳои умумиилмӣ (анализ, синтез, ҷамъбаст, хулосабарорӣ, истисно кардан) ва усулҳои хосси илмӣ (таърихӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ, мантиқӣ, системавӣ ва шарҳу тавсир ва ғ.) мавриди истифода қарор гирифтааст. Истифодаи усули таърихӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳои ҳар як марҳалаи таърихӣ аз назари давраи муайяни таърихӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардида, дурнамои рушди онҳо муайян карда шавад. Бар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ масъалаҳои дар диссертатсия гузошта шуда амиқ, ҳамаҷониба ва воқеъбинона таҳқиқ гарданд. Бар асоси усулҳои хосси таърихӣ ҳадафи таҳқиқ-равандҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар шароити рушди низоми иҷтимоӣ, ҳамчун унсури асосӣ ва қувваи пешбарандаи он баррасӣ мешаванд.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқоти диссертасиониро** манбаъҳои соҳавӣ, маълумотномаҳо ва матбуоти даврӣ ташкил медиҳад, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** қонунҳои асосӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид шомил гардидаанд, ки дар давраи таҳқиқ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд;

**Ба гурӯҳи дуюми сарчашмаҳо** маводди бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон[1], Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шомил шудааст. Сарчашмаҳои мазкур хусусияти соҳавӣ дошта, маълумоти ба Афғонистон дахлдоштаро метавон дарёфт кард;

[1] Архив Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Управление информации, прессы, анализа и внешнополитического планирования. Папка «Афганистан» (Матералы за 1992–2001 гг.). Информационный бюллетень // Издания Департамента информации Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. 1994–1999. 54183. – Центральная Азия. (1997–2005).

**Гурӯҳи сеюми сарчашмаҳоро** хотироти шахсиятҳои барҷастаи илмӣ ва ҷамъиятию сиёсии Афғонистон, намояндагони дипломатӣ ва сиёсии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки бевосита нозири ин воқеаҳо буданд. Хотироти онҳо манбаи муҳимест барои таҳлили воқеаҳои ин давра;

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертасионӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи мазкур яке аз аввалин кӯшишҳо дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷониба ва назариявию амалии масъалаи вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар солҳои 1992–2001 дар Афғонистон равона шудааст. Барои таҳлили моҳияти равандҳои ба қудрат расидани мухолифони исломӣ ва мушкилоти асосӣ миёни муҷоҳиддин, инчунин ба қудрат расидани «Толибон» муаллиф ба манбаъҳо, адабиёти илмӣ муроҷиат намуда, ба нуқтаи назар ва андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ назар андӯхтааст. Дар ин радиф, чунин навгониҳои илмии таҳқиқот муайян карда шудааст:

- заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун кардани ҳукумати М. Наҷибулло дар Афғонистон муайян карда шуд;

- раванди ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи гурӯҳҳои мухолифи исломӣ ва ташкил кардани Давлати исломии Афғонистон (ДИА) таҳлилу баррасӣ гардидааст;

- сабабҳои шиддат гирифтани ихтилофу низоъҳо байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ, дар асоси омӯзишу ташхиси манбаъҳо ва адабиёти гуногун муайян гардид;

- вазъи иҷтимоию иқтисодии Афғонистон ва таъсири он дар устувории давлатдорӣ мушаххас карда шуд;

- омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури «Толибон» дар Афғонистон бо назардошти маълумоти нав омӯхта шуд;

- андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии ҷунбиши «Толибон» таҳлил гардида, тафовути он бо андешаи дигар гурӯҳҳои исломӣ мушаххас шудааст;

**Нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад:**

1. Сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, ки ба тағйирот дар сохтори давлатӣ боис шуд, дорои заминаҳои дохилӣ ва хориҷӣ буд. Дар шикасти ин ҳукумат анъанаҳои номатлубе чун қавмгароӣ ва динсолорӣ, ки дар ҷомеа ташаккул ёфта буд, заминаро баҳри истифодаи қудратҳои хориҷӣ муҳайё сохт. Қудратҳои хориҷӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои геосиёсии худ аз афкори ҷамъиятии Афғонистон самаранок истифода намуданд;

2. Новобаста аз талошҳои роҳбари Ҳизби исломии Афғонистон (ҲИА) Гулбиддин Ҳикматёр, ки дар зери сарпарастии Покистон фаъолият менамуд ва дигар гурӯҳҳои пуштугаро, Кобул зери назорати тоҷикон даромад ва Давлати исломии Афғонистон ташкил шуд. Аввал Сибғатулло Муҷаддадӣ ва баъд аз ду моҳ Бурҳониддин Раббонии тоҷик зимоми давлатдориро ба даст гирифтанд;

3. Шиддат гирифтани ихтилофҳо байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ, натиҷаи маҷмуи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ буд, ки дар он нақши баъзе кишварҳои минтақа, махсусан Покистон барҷаста арзёбӣ мегардад;

4. Вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ба раванди ташаккули ҳукумати мутамарказу ҳамашумул таъсири манфии худро расонид. Махсусан, низоми маорифу тандурустӣ ва истифодаи сарватҳои табиии кишвар ба манфиати тамоми ҷомеа равона нашуда буд;

5. Дар шаклгирии ҷунбиши «Толибон» маҷмуи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ нақш доштанд: ихтилофҳои байни гурӯҳҳо, бенизомию беқонунӣ, заъфи давлат, мудохилаи хориҷиён ва ғайра;

6. Андешаҳои динию сиёсии «Толибон» аз андешаҳои динии суннатии Афғонистон фарқ доштанд, ки дар соҳаи маориф ва тандурустӣ таъсир гузоштанд. Дар оянда ин гуна андешаҳо паёмадҳои номатлуберо барои ҷомеаи Афғонистон ба бор овард, ки заминаи тамоми мушкилот гардид;

7. Бо вуҷуди мудохилаи Покистон ва дигар кишварҳо муқовимати зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ бо роҳбарии А. Масъуд шакл гирифт. Вале дарк накардани аҳаммияти ин мубориза аз ҷониби аксари ҷомеа

боиси ҳамовозӣ пайдо накардани он гардид. Зиддиятҳои қавмӣ ва мудохилаи қудратҳои хориҷӣ боис шуд, ки ҳадафи Аҳмадшоҳи Масъуд дар роҳи ташкили ҳукумати исломии мутамарказ ва муътадил амалӣ нагардад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби геополитикӣ, минтақавӣ, этникӣ, мазҳабӣ, сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ ва ғайра мусоидат менамояд, зеро бидуни дарки ҷаҳонбинии таърихӣ, моҳият, хусусиятҳо ва мазмуни равандҳои навсозӣ ва ислоҳот бидуни касби истиқлоли комил ғайриимкон мебошад. Таҳлилҳо ва арзёбиҳои дар диссертатсия овардашуда имкон фароҳам месозанд, ки нақши ниҳодҳои низоми давлатдорӣ, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи мутамаддини муосир, таносуби арзишҳои муосири дунявӣ ва анъанавӣ дар таърихи Афғонистон дуруст дарк карда шавад. Маводди диссертатсияро метавон дар раванди рушди тафаккури миллии насли навраси Афғонистон ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Инчунин, таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар макотиби олӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи кишварҳои форсизабон», «Таърихи умумӣ», «Кишваршиносӣ» ва ғайра метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, (6D020302 - Таърихи умумӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ саҳмгузор мебошад. Инчунин, таҳияи нақшаву муқаддима, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва интихоби услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи № 6, аз 10.01.2024 с.) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Нуқтаҳои асосии кор ба сифати маърузаҳои илмӣ дар конфренсияҳои байналхалқӣ, аз ҷумла конференсияи 3-юми байналмилалии илмӣ-амалии «Илм ва маорифи навин: масоили мубрам, дастовард ва навгонӣ», Пенза, 30 октябри соли 2021, конференсияи 13-юми байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳамгироии илмӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ», Ростови лаби Дон, 29 сентябри соли 2021, конференсияи 3-юми байналмилалии илмӣ-амалии « Тағйири инноватсионии рушди илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии муосир», Петрозаводск, 11 ноябри соли 2021, конференсияи 34-уми илмӣ-амалии байналмилалии «Илм ва маърифат» Пенза, 7 декабри соли 2021 баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия аз 173 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ I. БА ҚУДРАТ РАСИДАНИ АҲЗОБИ ИСЛОМИИ МУХОЛИФ ДАР АФҒОНИСТОН ВА ПАЁМАДҲОИ ОН

## 1.1. Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло

Дар раванди баррасии омилҳои байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло қаблан зарур аст, ки заминаиҳои ин тағйироти сиёсӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирад. Таҳлилу баррасии маводди мавҷуда нишон медиҳад, ки баъди табаддулоти низомии моҳи декабри соли 1979, ки бо мудохилаи низомии шуравӣ сурат гирифт, Шуро ҳайати нави ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистонро эълон намуд. Дар он Бабрак Кормал ба ҳайси раиси ҷумҳур, роҳбари Шурои инқилобӣ ва муншии умумии Ҳизби халқии демократии Афғонистон (минбаъд ҲХДА) интихоб карда шуд. Ба ҳайати ҳукумати нав, асосан парчамиҳо интихоб шуда, зери шиори волояти қонун, адолат ва масъулият амал мекарданд. Ҳукумати нав ҷиҳати таҳкими мақоми хеш афви умумӣ эълон кард ва зиёда аз 15 ҳазор маҳбусро озод намуд, ки дар байни онҳо 2 ҳазор нафар аъзои ҲХДА аз гурӯҳи парчамиҳо буданд.

Бо дарназардошти талаботи низоми нав ва равандҳои сиёсӣ, акнун ҳукумати кишвар ба масъалаи миллӣ аҳаммияти зиёд медод. Афғонистон Ҷумҳурии демократӣ эълон карда шуд, ки мутобиқи меъёрҳои низоми нав тамоми миллатҳо баробарҳуқуқ эълон карда шуданд. Аз ин лиҳоз, табъу нашри қонунҳо на танҳо бо забони пушту ва дарӣ, балки бо дигар забонҳои ақаллиятҳои этникӣ амалӣ мешуд.

Ҳукумат ба сарнавишти ҳазораҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш кард, ки ба табъиз, тафриқаи байни шиа ва суннимазҳабон хотима бахшад, масҷидҳои онҳоро барқарор намояд. Яке аз шахсиятҳои машҳури шиамазҳабон Алишоҳи Таваккулӣ муовини шурои уламои кишвар интихоб карда шуд ва Султон Алии Киштманд аз ҳабс озод карда шуда, нахуствазири кишвар таъйин гардид.

Пас аз сиёсати табъизхоҳӣ, ҷудоиандозии шовинистӣ ва хунхории дастаҳои тарафдорони Н. Таракӣ ва Ҳ. Амин, ки муносибатҳои миллиро муташанниҷ карда буд, сабаби ошубҳои доманадори тоҷикон, узбекон, ҳазораҳо ва дигарон дар марказ, шимол ва ғарби кишвар гардид. Роҳбарони ҲХДА пеши ин ҷунбишро дар ҳадди лозима гирифта натавонистанд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Б. Кормал дар давраи ҳукуматаш аз соли 1980 то соли 1986 барои бартараф кардани ҷиноятҳо ва хиёнатҳои Н. Таракӣ ва Ҳ. Амин ташабусҳои хуб нишон дода, ваҳдат ва ягонагии нисбие дар қаламрави худ ба вуҷуд оварда буд, лекин пойдорӣ ва устувории вазъи дохилӣ танҳо ба парчамиҳо вобастагӣ надошт, лозим буд, ки бо гурӯҳҳои чапи демократӣ ҳатто бо исломиҳо забони муштарак ёбад.

Иттиҳоди Шуравӣ ба ихтиёри Б. Кормал имконияти васеи моддӣ ва молӣ гузошта буд, ҳамаи пешниҳод ва дархости он ба назар гирифта мешуд. Давлати Шуравӣ ба вилоятҳои алоҳидаи Афғонистон дасти ёрӣ дароз намуда, ҷиҳати рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо мусоидат мекард. Вале бар замми ҳамаи ин Б. Кормал дар шароити сиёсати фармонфармоии ин равандҳо дар шароити ҳузури мушовирони зиёди Шуравӣ аз уҳдаи идора кардани давлат баромада натавонист.

Роҳбарияти нави Иттиҳоди Шуравӣ бо сардории М. Гарбачёв, ки моҳи марти соли 1985 Котиби Генералии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ таъйин гардид, тағйироти куллӣ дар низоми давлатдорӣ ворид кард[1]. Дар Анҷумани XXVII ҳизб моҳи феврали соли 1986 М. Горбачёв Афғонистонро захми хунрав номид[2] ва 5-уми май Бабрак Кормал аз вазифаи Котиби Генералии Ҳизби демократи халқии Афғонистон (минбаъд ҲДХА) барканор гардид. Муҳаммад Наҷибулло, ки солҳои 1980–1985 роҳбари Хадамоти амнияти миллии Афғонистон буд, ба мансаби Котиби генералии ҲДХА интихоб карда шуд. 13-уми ноябри соли 1986 Бюрои сиёсии Кумитаи

[1] Уильям М. Афганистан с точки зрения истории и географии [Текст] / М. Уильям // Красного Креста. – 2010-2011. – №880-881. – С. 23.
[2] Материалы XXVII съезда Коммунистической партии Советского Союза [Текст]. – М.: Издалельство политической литературы, 1986. – С. 69.

марказии Ҳизби комунистии Иттиҳоди Шуравӣ қарор қабул кард, ки қӯшунҳои Шуравӣ дар давоми ду сол аз қаламрави Афғонистон бароварда шавад[1].

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Худойназар Асозода, Иттиҳоди Шуравӣ баъд аз талафоти ҷонии беш аз понздаҳ ҳазор нафар сарбози худ, лозим донист, ки сипоҳи низомии худро аз хоки Афғонистон берун созад[2].

Фаъолияти Муҳаммад Наҷибулло[3] аз давраи раиси ҷумҳур интихоб шуданаш пур аз ифроту ихтилофот дар сиёсати мусолиҳаи миллӣ маҳсуб меёфт. Махсусан, таъсиси ҳукумати эътилофӣ ва ба таносуби аҳолӣ ва минтақа вобаста намудани он, яке аз хостаҳои асосии нерӯҳои миллӣ ва тараққипарвар буд. Ба қавли яке аз вакилони Шурои миллӣ дар ҳайати ҳукумати ба ном эътилофии Ҳасани Шарқ, ки соли 1988 ташкил шуда буд, боз ҳам пуштугароӣ, табъизхоҳӣ ва тафриқаандозӣ ҷой дошт, ки ин боиси эътирози шадиди вакилони Шурои миллӣ гардид[4].

Давлати Шуравӣ, ки дастгиру мададгори доктор Наҷибулло буд, муддати 9 соли мубориза натавонист тамоми қаламрави Афғонистонро ба зери тасарруфи худ дарорад, аз ин лиҳоз маҷбур шуд, ки хоки Афғонистонро тарк намояд. Дар ин радиф, моҳи апрели соли 1988 дар шаҳри Женева қарордод миёни Покистон, ИҶШС ва ИМА ҳамчун кишварҳои кафил ба имзо расид, ки тибқи он нерӯҳои Шуравӣ бояд хоки Афғонистонро тарк менамуданд. Амрико ва Покистон уҳдадор гардиданд, ки маблағгузории шуришиёни афғонро комилан қатъ менамоянд. 15-уми майи соли 1988 ИҶШС ба иҷрои уҳдадориҳое, ки дар созишнома ба имзо расонида буд, яъне хориҷи нерӯҳои низомӣ оғоз кард. Вале ИМА ва Покистон дар ваъдаи худ

---

[1] Цаголов, К., Херисон, С.С.. Афганская война: взгляд из сегодняшнего дня [Текст] / К. Цаголов, С.С. Херисон // Восток. – 1991. – №3. – С. 53.
[2] Асозода, Х., Афғонистони инқилобӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2003. – С. 394.
[3] Муҳаммад Наҷибулло 6-уми августи соли 1947 дар шаҳри Гардези Афғонистон таваллуд шуда, миллаташ пушту мебошад. 27-уми сентябри соли 1996 дар шаҳри Кобул аз тарафи намояндагони ҷунбиши «Толибон» ба қатл расонида шудааст. Ӯ ходими сиёсию ҷамъиятӣ, дипломат, сардори Хадамоти амнияти давлатӣ (ХАД) (солҳои 1980–1986), Котиби генералии КМ Ҳизби Демократии Халқӣ Афғонистон (ҲДХА), раиси Шурои Инқилобӣ (солҳои 1986-1987) ва раиси ҷумҳурии Афғонистон (моҳи май 1987 то 18-уми марти соли 1992) буд.
[4] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С. 616.

наистода, ба таври пинҳонӣ ба муҷоҳиддин ёрии моддӣ тавассути дигар давлатҳо мерасониданд. Новобаста ба ин 15-уми феврали соли 1989 охирин воҳидҳои шуравӣ Афғонистонро тарк карданд[1].

Аммо Муҳаммад Наҷибулло муборизаро идома медод. Ба артиши Афғонистон муяссар шуд, ки якчанд ҳамлаи ҷангҷӯёнро зада баргардонад ва вазъро ба эътидол оварад. Гузашта аз ин, пас аз хурӯҷи нерӯҳои Шуравӣ пуштибонӣ аз роҳбари ин кишвар дар миёни мардуми Афғонистон зиёд гардид.

Шояд ин лаҳза метавонист як нуқтаи гардиш барои Афғонистон бошад, ки дастгирӣ кардани муҷоҳиддинро бас карда, онҳоро ба гуфтушуниди осоишта бо Муҳаммад Наҷибулло маҷбур созанд ва дар ин ҳолат кишвар метавонист аз вартаи ҷанг берун шавад. Аммо дар Вашингтон дар он лаҳза харобии лагери сотсиалистиро тамошо карда, дар бораи ғалабаи бечунучарои «ҷанги сард» орзу мекарданд. Инчунин, устувории Наҷибулло қасри Сафедро ба хашм меовард.

Ҳақиқат он аст, ки дар ин вазъи бисёр ҳасос Русия ба Муҳаммад Наҷибулло кумак накард. Барои пеши роҳи ин ҷангро гирифтан барои Афғонистон сарбозони ИҶШС лозим набуд, танҳо ба он силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва сӯзишворӣ лозим буд. Бо хуруҷи охирин сарбози нерӯҳои Иттиҳоди Шуравӣ аз Афғонистон, таҳлилгарони соҳа пешбинӣ мекарданд, ки ҳукумати доктор Муҳаммад Наҷибулло ба зудӣ сарнагун хоҳад шуд. Гурӯҳҳои муҷоҳиддин барои барканор кардани ҳукумати Наҷибулло азми қавӣ гирифтанд. «Шакке нест, ки нақшаҳо сари мардуми Афғонистон дар Вашингтону Исломобод, Маскаву Теҳрон, Пекину Деҳлӣ кашида мешавад»[2], менависад рӯзноманигори тоҷик Фахриддин Холбек.

Сабаби сарнагун шудани ҳукумати Муҳаммад Наҷибуллоро таҳлилгарони соҳа ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ рабт медиҳанд.

---

[1] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳиддин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С. 213-214.
[2] Холбек, Ф. Афсонаҳои Афғонӣ [Матн] / Ф. Холбек // Нигоҳ. – 2011. – №16. – 6 июл. – С. 9.

Масалан, ба навиштаи Муҳаммад Икром Андешманд пас аз он ки Борис Елтсин ба унвони раиси ҷумҳурии Федератсияи Русия интихоб шуд, кумакҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба Афғонистон қатъ шуд ва ин масъала «суқути давлати доктор Наҷибуллоро суръат бахшид ва дар ниҳоят ба сарнагунии комили он анҷомид»[1]. Инчунин, генерал Нурулҳақ Улумӣ[2] яке аз афсарони аршад дар артиши он замони Афғонистон чунин менависад: «Суқути Шуравӣ ба ҳамон андоза, ки бар давлатмардони Кобул таъсири манфӣ дошт, мухолифони давлати Кобул, яъне муҷоҳиддинро руҳия бахшид ва онҳоро ба ғалаба бар давлати Кобул умедвортар кард. Барҳамхӯрии давлати Шуравӣ он қадар амиқ буд, ки дар дохили ҳизби ҳоким дар Кобул ҳисси ҳамбастагӣ тақрибан аз байн рафт ва эҳсоси танҳо мондан ҷойи онро гирифт»[3].

Асадуллоҳ Валволҷӣ, муаллифи китоби «Хуруҷи генерал Дӯстум ва суқути доктор Наҷибулло» ба ин андеша аст, ки «фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар поён бахшидан ба давлати вақти Кобул кумак кард, аммо ба назари ӯ он чи ҳукумати доктор Наҷибуллоро басуръат ба самти нобудӣ кашонд, ин ихтилофоти дохилӣ ва боло гирифтани масоили қавмӣ дар дохили давлат буд. Намояндагони парчамиҳо ба ду даста - тоҷикҳо ва пуштуҳо тақсим шуданд ва қумандон Ҷумъахон Асак, ки дар он замон фармондеҳии нерӯҳои амниятии шимоли Афғонистонро бар уҳда дошт, масоили қавмиро дар шимоли Афғонистон доман зад ва ин масъала равобити миёни доктор Муҳаммад Наҷибулло ва генерал Абдурашид Дӯстум,

[1] Амор Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август [Электронӣ] https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110826 afghanistan_20years_after_ussr (Санаи мурочиат: 13.03.2022).

[2] Нурулҳақ Улумӣ 15 августи соли 1941 шаҳри Қандаҳори Афғонистон таваллуд шудааст. Яке аз сиёсатмадорони афғон мебошад, ки аз соли 2015 то соли 2016 вазири корҳои дохилии Афғонистонро бар уҳда дошта, инчунин солҳои 2005-2010 узви Маҷлиси Намояндагон аз Қандаҳор буд. Таъсисдиҳандаи Ҳизби муттаҳиди миллии Афғонистон мебошад. Рутбаи генерал лейтенантро доро мебошад. Ӯ номзадии худро дар интихоботи президентии Афғонистон дар соли 2019 гузошта буд.

[3] Амор Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август [Электронӣ] https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110826 afghanistan_20years_after_ussr (Санаи мурочиат: 13.03.2022).

инчунин, дигар қумандонҳои дар шимоли Афғонистон бударо тира кард, ки далели аслии сукути давлати доктор Муҳаммад Наҷибулло буд»[1].

Дар охирин рӯзҳои ҳокимияти доктор Наҷибулло Созмони Милали Муттаҳид тавассути Бен Севон[2], намояндаи вижаи худ дар умури Афғонистон, тарҳи барқарории сулҳро барои интиқоли қудрат аз ҳукумати доктор Муҳаммад Наҷибулло ба як шурои мавриди қабули эътимод ва ҳама тарафҳо дар Афғонистон матраҳ кард. Тарҳе, ки дар фарҷом ба ҷойи ин ки сабаби ташкили як ҳукумати эътилофии ҳамашумули қобили қабули муҷоҳиддин ва давлати доктор Наҷибулло гардад, баръакс сабаби сукути давлати доктор  Наҷибулло қарор гирифт[3].

Бояд гуфт, ки Нурулҳақ Улумӣ бар он назар аст, ки рӯйдоди ҷиддӣ ва амиқе, ки пас аз сукути Шуравӣ ба амал омад, бар тарҳи сулҳи Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди Афғонистон низ соя андохт. Машварати лозиму кофӣ бо тарафҳои мухталиф дар мавриди он сурат нагирифт ва дар натиҷа, қудрати бидуни омодагӣ ва бидуни барномарезӣ ба муҷоҳиддин мушарраф шуд. Аммо дигар таҳлилгарон муътақиданд, ки тарҳи ташкили ҳукумати эътилофӣ аз муҷоҳиддин ва давлати доктор Наҷибулло аслан амалӣ набуд.

Ба ақидаи Андешманд «Иттиҳоди Шуравӣ пас аз тарки Афғонистон давлат ва низомеро ба ҷо нагузошт, ки битавонад бидуни такя ба Шуравӣ ё нерӯи хориҷии дигар ба ҳаёти худ идома диҳад. Иттиҳоди Шуравӣ Афғонистонро дар вазъияте тарк кард, ки ҳеч навъ барнома ва тавофуқи байналмилалӣ барои таҳаққуқи сулҳ дар Афғонистон ба даст наомада буд»[4].

---

[1] Амор Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август [Электронӣ] https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110826 afghanistan_20years_after_ussr (Санаи муроҷиат: 13.03.2022).

[2] Бенн Вахе Севон соли 1937 дар Никосаи Кипр таваллуд шудааст, аз соли 1965 дар СММ ба кор шурӯъ карда, солҳои 1982-1988 Котиби СММ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, моҳи апрели соли 1988 директор ва мушовири калони сиёсии Дабири кулли СММ дар Афғонистон, соли 1991 раиси Дафтари ҳамоҳангсозии кумакҳои башардустона ба Афғонистон, моҳи июли соли 1992 ёвари Котиби генералии Департаменти корҳои сиёсии СММ шуд, кор кардааст.

[3] Амор Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август [Электронӣ] https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110826 afghanistan_20years_after_ussr (Санаи муроҷиат: 13.03.2022).

[4] Ҳамон ҷо.

Асадуллоҳ Валвоҷӣ бар он муътақид аст, ки «давлатҳои Ғарб ба унвони ҳомии гурӯҳҳои муҷоҳиддин низ барномае барои ташкили як давлати мавриди қабул ва ё барқарории субот дар Афғонистон барои марҳалаи пас аз сарнагунии ҳукумати доктор Наҷибулло, дар даст надошт ва давлати муҷоҳиддин баъди ба даст овардани қудрат натавонист ҳимояти байналмилалиро ба худ гирад»[1].

Доктор Муҳаммад Наҷибулло зимни суҳбат бо Би-би-сӣ (соли 1990) далели воқеии рӯй овардани муҷоҳиддин барои гуфтугӯро мантиқи қавии давлати худ наҳисобид ва гурӯҳҳои муҷоҳиддинро заиф шуморид. Аммо оғози фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ оғози поёни ҳукумати ӯ дар Кобул буд.

Дар пайи воқеаҳои 19-уми августи соли 1991, Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ, ки ҳомии давлати Кобул буд, нуфузи пешинаи худро аз даст дод. Борис Елтсин ва вазири корҳои хориҷаи ӯ Андрей Козирев талабҳои Амрикоро иҷро карда, аз 1-уми январи соли 1992 ҳама гуна интиқоли мол ба ҳукумати Афғонистонро қатъ намуданд[2]. Дар ин шароит М. Наҷибулло барои бақои ҳукумати худ чораҳои зиёд андешид. Махсусан, дар давраи ҳукуматаш Шурои дифоъ ташкил кард ва худ онро роҳбарӣ мекард. Ба Шурои мазкур соҳибмансабони дараҷаи аввали давлатиро дохил кард. Вале дар ҳайати хукумат ягонагӣ ва ваҳдат вуҷуд надошт, ихтилофот ва зиддият байни «парчамиҳо» ва «халқиҳо» бо шиддат давом мекард. Коршиносон ба ин андешаанд, ки Наҷибулло дар мақоми баланди давлатӣ қарор дошт, дар гуфтор ва кирдори худ ӯ лоф аз бародарӣ ва баробарӣ мезад, вале дар асл хилофи гуфтаҳои худ амал мекард. Сиёсати мусолиҳаи миллиро гӯё сархатти машқи худ қарор дода буд, аммо ягон кори  ҷиддӣ ба хотири татбиқи он сиёсат анҷом надод. Ӯ на танҳо бо ҳизбҳои исломӣ роҳи созиш ва ҳамкориро пайдо карда натавонист, балки бо ҳамҳизбиёни худ забони муштарак наёфт. Масалан, яке аз ҳамсафонаш Шаҳнавоз Танай бо ӯ

[1] Амор Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август [Электронӣ] https://www.bbc.com/tajik/institutional/2011/08/110826 afghanistan_20years_after_ussr (Санаи муроҷиат: 13.03.2022).

[2] Ҳамон ҷо.

мунокишаҳои дохилӣ доштанд. Натиҷаи кашмокашиҳои дохилӣ ба ташкили гурӯҳҳои сиёсӣ барои ғасби ҳокимият замина гардид, ки аксуламали М. Наҷибуллоро дар пай дошт. То охири соли 1989 садҳо нафар ба маҳбас кашида шуданд, ки якчанд генералҳо низ шомили ин гурӯҳ буданд ва ин амалҳо аксуламали вазири дифоъ ва узви ҷиноҳи «Халқ»-и ҲХДА Шаҳнавоз Танайро ба бор овард. Ӯ дар яке аз рӯзҳо утоқи кори раиси ҷумҳурро тарк карда, чунин хитоб кард: «Ин суиқасд шахсан муқобили ман ва халқиҳост»[1]. Ӯ дар Вазорати дифои миллӣ пинҳон шуда, талаб намуд, ки генералҳои маҳбусӣ озод карда шаванд. Шаҳнавоз Танай таҳдид низ кард, ки метавонад дар акси ҳол артишро ба по хезонад. Воқеан, Муҳаммад Наҷибулло чор нафар генералро аз маҳбас озод намуд. Вале норозигии байни раиси ҷумҳур ва вазири дифои миллӣ бо он хотима наёфт.

6-уми марти соли 1990 Шаҳнавоз Танай[2] шуриши мусаллаҳонаро муқобили Муҳаммад Наҷибулло ва «парчамиҳо» оғоз кард. Субҳи ҳамон рӯз бо гурӯҳи афсарон ва як дастаи муҳофизони нерӯманд ба пойгоҳи Багром омад, ки дар 60 километрии шаҳри Кобул ҷойгир мебошад. Ба ҷонибдории ӯ бригадаҳои 4-ум ва 15-уми танкӣ ҳамроҳ шуданд. Инчунин, ӯро полки 52-уми мухобиротӣ ва дивизияи 40-ум ҷонибдорӣ карданд. Генерал Шаҳнавоз Танай оид ба бомбаборон кардани шаҳри Кобул шахсан амр дод[3].

Дар муддати кутоҳ тавассути Муҳаммад Наҷибулло тамоми воситаи техникии ҳарбии боқимонда алайҳи шуришчиён равона карда шуд. Дар атроф ва ҳудуди Вазорати дифои миллӣ байни нерӯҳои содиқу вафодор ба Муҳаммад Наҷибулло ва шуришчиёни Шаҳнавоз Танай задухӯрдҳои мусаллаҳона ба вуқуъ омад. Вазорати дифои миллӣ ва Сарраёсати сиёсии онро ба муҳосира гирифта, ҷонибдорони доктор Наҷибулло баъдан онро таҳти назорати худ қарор доданд. Нерӯҳои ҳавоие, ки дар фурудгоҳи Мазори

[1] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С. 213.
[2] Шаҳнавоз Танай соли 1950 дар Пактиёи Афғонистон тавалуд шудааст. Миллаташ пушту. Соли 1988–1990 вазифаи Вазири дифои Афғонистонро ба уҳда дошт.
[3] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С. 213.

Шариф қарор доштанд, ба тарафи Наҷибулло гузашта, пойгоҳи низомии Багромро бомбаборон намуданд.

Шаҳнавоз Танай ба Покистон фирор кард. Бо сарфармондеҳи қувваҳои хушкигарди артиши Покистон генерал Аслам Бек ва сардори идораи ҷосусии Покистон Шамсурраҳмони Калу мулоқот намуд. Дар ин вохӯрӣ Гулбиддин Ҳикматёр низ ҳузур дошт[1].

Донишманди афғонистоншиноси тоҷик Ҳақназар Назаров ба ин назар аст, ки бар асари ин табаддулоти нофарҷом нооромӣ дар дохили ҲДХА бештар афзоиш ёфт, Ш. Танай, Н. Муманд, С. Гулабзой, Ниёзмуҳаммад аз ҳайати Бюрои сиёсӣ ва аз ҳама вазифаҳои ҳукуматӣ озод карда шуданд. М. Зерайӣ ва Ғ. Панҷшерӣ, ки асосгузорони Ҳизби халқии демократӣ буданд, аз Кумитаи марказӣ хориҷ карда шуданд[2].

Тибқи назари аксар таҳлилгарон, ин воқеаҳо мухолифати шадидро дар байни аъзои гурӯҳҳои «Парчам» ва «Халқ»-и ҲХДА, махсусан роҳбарони онҳо нишон медоданд. Ин ҳодиса тавонист, ки нерӯҳои мусаллаҳи кишварро низ ба ду қисм ҷудо намояд. Дар шароите, ки вазъияти дохилии кишвар муташанниҷ буд, моҳи июни соли 1990 Анҷумани дуюм ва охирини ҲХДА баргузор гардид, ки дар он фаъолияти 25 солаи Ҳизби халқии демократӣ таҳлил шуда буд. Дар гузориши Анҷуман таъкид шуд, ки Ҳизби халқии демократӣ дар натиҷаи рушд ва инкишофи авзои иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон ба хотири таъмини адолати иҷтимоӣ ва фаъолияти мардуми заҳматкаш аз тарафи равшанфикрони тараққипарвар таъсис дода шуда буд. Вале баъдтар Ҳизби халқи демократӣ авзои дохилӣ ва ҷамъияти афғониро дуруст ба эътибор нагирифта, таълимоти марксистиро сармашқи фаъолияти худ қарор дод ва хост дар муҳити ақибмондаи Афғонистон онҳоро татбиқ намояд. Дар ин замина иштибоҳот ва инҳирофоти роҳбарии ҲХДА пай дар пай ба амал омад. ҲХДА аз ҳад зиёд ба фаъолияти идеологӣ фурӯ рафта буд,

[1] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С. 213.
[2] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С. 627.

ки мухолифати шадиди қувваҳои иртиҷоиро ба вуҷуд овард. Дар анҷуман таъкид гардид, ки дохил шудани қувваҳои низомии шуравӣ маҳз дар пояи мафкураи сиёсӣ ба амал омада буд ва ҳеч зарурати воқеӣ надошт. Аз ин лиҳоз, қувваҳои иртиҷоӣ шиорҳои исломӣ ва миллиро ба миён овард, ҷанги бародаркуширо ҳамаҷониба доман заданд. Анҷуман мусолиҳаи миллиро василаи ягонаи раҳоӣ аз буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоӣ мешуморид. Вале роҳи дуруст ва мувофиқи татбиқи он равшан карда нашуда буд. Ҳизб усулҳои исломӣ ва башардӯстиро аз ҳаргуна таълимоти идеологӣ бартар мешуморид, вале мавқеи инҳисороии худро аз даст доданӣ набуд ва орзу дошт, ки ҳизбҳои дигарро дар атрофаш муттаҳид намоянд.

Назаров Ҳ. таъкид менамояд, ки маҳз ба ин васила ва дар ҳамин асос номи Ҳизби халқи демократӣ ба номи ҳизби «Ватан» иваз карда шуд. Анҷуман ҳайати кормандони марказиро аз 145 нафар аъзои доимӣ ва 60 нафар номзад ба аъзогӣ интихоб кард. Муҳаммад Наҷибулло бо сифати раиси Шурои иҷроияи ҳизби «Ватан» интихоб гардид[1].

Қарорҳои Анҷумани дуюми ҲХДА ва иваз кардани номи ҳизб аз он шаҳодат медод, ки ҳукумати Ҷумҳурии Афғонистон мехост бо роҳи мусолиматомез ва мусолиҳаи миллӣ муаммои сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро ҳаллу фасл намояд. Лекин ҳизбҳои тундрави исломӣ бо роҳбарии Г. Ҳикматёр, Ю. Холис ва Н. Муҳаммадӣ танҳо аз тариқи зурӣ сарнагун кардани ҳукуматро мехостанд, то қудратро ба даст гиранд. Дигар Ҳизбҳои исломӣ бо роҳбарии С. Муҷаддадӣ, С. Гелонӣ ва Б. Раббонӣ барои аз тариқи музокира ва мусолиҳа ба қудрат расидан кӯшиш мекарданд.

Ба ақидаи Ҳ. Назаров «Покистону Амрико ва дигар давлатҳои муттаҳидинашон дар солҳои ҷанги эълоннашуда ба ҳизбҳои тундрав мусоидат карда, дар суратҳисоби онҳо бештар аз 8,5 млрд доллар гузошта буданд».[2] Ҳамин мусоидати моддӣ ва молии ИМА ва дигар мамлакатҳои минтақа буд, ки азҳоби исломӣ сиёсати мусолиҳаи миллиро пайваста рад

[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.628.
[2] Ҳамон ҷо.

мекарданд. Дар ин радиф, ИМА нақшаи дигар ҳам дошт. Тавре маълум аст, амрикоиҳо хеле барвақт бо шоҳи собиқ М. Зоҳиршоҳ робита доштанд ва ӯро ҳатто мехостанд баъд аз суқути ҳукумати Наҷибулло ба Кобул биёранд.

Баъди чор рӯзи хуруҷи нерӯҳои низомии шуравӣ дар Афғонистон вазъияти фавқулодда расман эълон карда шуд. Бо мақсади роҳбарӣ ва идораи мутамарказ дар шароити вазъи фавқулодда дар Афғонистон бо амри раиси ҷумҳур Наҷибулло Шурои дифоъ ташкил карда шуд. Масъулини давлатҳои Покистон ва Амрико интизори ғалабаи ҳарчи зудтари нерӯҳои муҷоҳиддин буданд. Вале дар муддати шаш моҳ ин ҳама интизориҳо ҷомаи амал напӯшид. Баробари таъмини саривақтии нерӯҳои мусаллаҳи ҳукумати Афғонистон бо қисмҳои эҳтиётӣ, аслиҳа ва маводди сухт тавассути Иттиҳоди Шуравӣ нерӯҳои мусаллаҳи Афғонистон чандин маротиба тавонистанд шӯришу ҳамлаҳои гурӯҳҳои исломиро дар Ҷалолобод, Гардез, Ғазна, Қандаҳор, Шинданд, Файзобод ва Соланг пахш намуда, барҳам заданд.

Муҳаққиқи тоҷик Ҷ. Алимӣ менависад, ки 4-уми майи соли 1990 бо амри махсуси Муҳаммад Наҷибулло вазъи фавқулодда дар кишвар беэътибор дониста шуд[1].

Кӯшиши Муҳаммад Наҷибулло ва ҳамроҳони ӯ ҷиҳати барпо кардани робита бо фармондеҳони саҳроии мухолифин, таҳкими унсури қавми пушту дар қисмҳои низомии ҳукуматӣ дар шимол ба хотири нигоҳ доштани як давлати мутамарказ бо бартарияти пуштуҳо буд. Тадбирҳое, ки президент Муҳаммад Наҷибулло андешид, норозигии мардуми ғайрипушту, хусусан элитаи низомиёнро зиёд намуд.

Сабаби афзоиши рӯҳияи зиддиҳукуматӣ дар дивизияи 53-юми пиёдагарди Вазорати дифоъи Ҷумҳурии Афғонистон таҳти фармондеҳии генерали узбек Абдурашид Дӯстум шикасти нерӯҳои ҳукуматӣ соли 1990 дар Хуст буд, ки талафоти зиёд ба бор овард. Аз ҳазор афсару сарбози дивизияи 53-юм, ки дар ин амалиёт иштирок доштанд, бисёриҳо кушта ва

---

[1] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С.214.

асир афтоданд. Танҳо як қисмати ками онҳо аз муҳосира наҷот ёфтанд[1]. Ин дар замоне рух дод, ки ҳамаи ҷузъу томҳои нерӯҳои ҳукуматӣ бидуни муқовимат ба тарафи муҷоҳиддин гузаштанд. Ба нерӯҳои дивизияи 53-юм генерал Ҷӯрабек фармондеҳӣ мекард, ки инро ҳамчун фитнаҳои президент бо мақсади аз байн бурдани А. Дӯстум пиндоштанд.

Аммо пешвоёни ҷомеаи узбекҳо медонистанд, ки шуриши сирф қавмӣ ба онҳо муваффақият нахоҳад овард, бинобар ин, онҳо ба роҳбарияти ҳизби Ваҳдат, Ҷамъияти исломии Афғонистон (ҶИА), Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА), А. Масъуд, С.М. Нодирӣ, намояндагони дигар ҳизбҳо муроҷиат карданд. Дар таъсиси эътилофи зиддиҳукуматӣ раиси Иттиҳоди исломии вилоятҳои шимолӣ Озодбек[2] низ нақши назаррас дошт. Акнун ҳадаф аз ташкили эътилоф ва ҳамоҳангсозии талошҳо барои сарнагун кардани ҳукумати М. Наҷибулло таҳрезӣ гардида буд.

Ҷабҳаи муттаҳид, ба истилоҳ «ҳаракати шимолӣ», ки оғози сукути низоми Муҳаммад Наҷибуллоро нишон медиҳад, дар шаҳри бандарии Ҳайратон дар марзи Афғонистон ва Шуравӣ ба вуҷуд омад. Сабаби эътирози ошкоро аз ҷониби низомиён фармони озод ва ба вазифаи дигар гузаронидани фармондеҳи бригадаи 70-уми қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон (генерали тоҷик Муъмин[3]) ва ба ҷои ӯ таъйин кардани пушту буд.

[1] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / К.Искандаров. – Душанбе, 2004. – С.326.

[2] Озодбек, яке аз писаронии Ворис, зодаи Тошканд аст. Ворис омӯзишгоҳи тиббиро хатм карда, ба ҳайси табиб дар артиши Шуравӣ хидмат кардааст. Дар давоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ асир гирифта шуд ва то охири ҷанг асир монд. Пас аз раҳоӣ аз асорат ӯ ба Маскав омада, дар Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС кор кард. Сипас, ӯро консули Иттиҳоди Шуравӣ ба Карочӣ фиристоданд ва дар он ҷо бо Карим, набераи собиқи хони Қӯқанд Худоёрхон вохӯрд, духтарашро ба занӣ гирифт ва бо хоҳиши падарарусаш паноҳандагӣ аз мақомоти Покистон пурсид ва дар Карочӣ барои истиқомати доимӣ мондагор шуд. Пас аз сарнагун шудани низомӣ шоҳӣ дар Афғонистон (1973) як гурӯҳ исломгароён ба Покистон кӯчиданд ва омодагӣ ба сарнагунии М. Довудро оғоз карданд. Маҳз дар ин солҳо яке аз пешвоёни исломгароёни афғон Б. Раббонӣ бо Ворис Каримӣ вохӯрд (Ворис, пас аз издивоҷ бо духтари Карим, насабашро гирифт ва Каримӣ шуд).

[3] Муъмин аз тоҷикони ноҳияи Андароби вилояти Бағлон, хатмкардаи як мактаби ҳарбӣ ва факултети технологияи ҳарбӣ буд, ки пас аз он дар дивизияи 14-ум, воқеъ дар шаҳри Ғазна хидмат карданро сар кард. Ӯ дар Бағлон ба баталёни истихборотӣ дар Ҷалолобод ва Нимрӯз ба бригадаҳои сарҳадӣ фармондеҳӣ мекард, замоне фармондеҳи як ҷузъ дар Ҷабал-ус-Сироҷ буд. Соли 1987 ӯ фармондеҳи полк дар Ҳайратон таъйин шуд, ки пас аз муддате мақоми бригадаро гирифт. Нуфузи бригадаи ӯ, пас аз он ки дастаҳои якчанд фармондеҳони саҳроии муҷоҳиддин ба тарафи ӯ гузаштанд, афзоиш ёфт ва дар охири солҳои 90-ум он яке аз қисмҳои муассиртарини Қувваҳои Мусаллаҳи Афғонистон ба ҳисоб мерафт.

Бояд гуфт, ки Хайратон чун анъана маконе буд, ки тоҷикони аз дигар навоҳии шимол, бахусус аз Бадахшон ба кор омада ҷамъ меомаданд. Намояндагони чунин ҳизбҳо, ба монанди Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА), ки шуҳрати созмонҳои миллатгаро доштанд, дар ин ҷо ба як кори пурмашақат шуруъ карданд. Ин вазъ ба фармондеҳи бригада таъсир расонид. Зоҳиран, яке аз сабабҳои нигаронии фармондеҳи гурӯҳи фаврии шимол генерал Ҷумъа Асак, ки бо ақидаҳои миллатгароии пуштуниаш маъруф аст, робитаи генерал Муъмин бо ин созмонҳо буд. Маҳз, Ҷ. Асак мехост ӯро ба вазифаи дигар гузаронад, аммо Муъмин ба фармони президент итоат накард.

Қайд кардан зарур аст, ки бидуни дастгирии А. Дӯстум, С.М. Нодирӣ, сарварони Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА) ва эҳтимолан А. Масъуд, генерал Муъмин наметавонист аз фаромони президет сарпечӣ кунад. Сафороии нави нерӯҳои сиёсӣ дар шимол дар натиҷаи амалҳои ҳамоҳангшудаи эътилофи навтаъсиси зиддиҳукуматӣ ба амал омад.

Дере нагузашта, дивизияҳои 53 ва 80-уми пиёдагард аз итоати М. Наҷибулло хориҷ гардиданд. Мазори Шариф ва дигар шаҳрҳои шимол пай дар пай зери итоати нерӯҳои эътилоф, ки иборат аз муҷоҳидон ва коммунистони собиқ буданд, мегузаштанд. Барномаи Намояндаи шахсии Дабири кулли СММ дар Афғонистон Бен Севон дар бораи ташкили мақомоти эътилоф натиҷаи дилхоҳ надод[1].

Дар ин муддат ҳафтгонаи Пешовар низ ба таҷлили пирӯзии худ омодагӣ мегирифт. Аммо, дар тӯли 14 соли ҷанг ҳизбҳои исломӣ, ки узви Иттиҳоди исломии муҷоҳиддини Афғонистон (ИИМА-7) буданд, як ҳадаф доштанд - озод кардани давлат ва барқарории низоми исломӣ. Вале сарварони азҳоб ҳеч гоҳ натавонистанд, байни худ ба як созиш бирасанд. ИИМА-7 таҳти фишори

[1] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / К. Искандаров. – Душанбе, 2004. – С.328-329.

«кишварҳои мададрасон» сохта шуда, бештар хусусияти расмӣ дошт. Ин вазъ ба ташаккули «ҳукумати давраи гузариш» бетаъсир буда наметавонист[1].

Ба қавли Г. Ҳикматёр, президент М. Наҷибулло аз ӯ ёри хостааст, ки зоҳиран ҳокимият ба дасти ғайрипуштуҳо нагузарад. Ба гуфтаи ӯ, Наҷибулло пешниҳод кардааст, ки «бо ҳизби Ватан эътилоф эҷод кунад ва ваъда додааст, ки ӯро ҳамчун «бародари калонӣ»-и худ қабул мекунад. «Панҷ рӯз пеш аз истеъфо, - менависад Г. Ҳикматёр, - Наҷибулло бори дигар ба мо паём фиристод, ки дар он гуфта мешуд: «Ҳизби Ватан бузургтарин ҳизб дар кишвар бо 500 ҳазор аъзо буда, кишварро назорат мекунад. Ҳоҷати талаби тавбаи якҷояи мо нест. Мо ҳама мусалмонем ва мехоҳем мушкилоти кишварро тавассути ташкили эътилофи ду нерӯи асосии дар мунокиша қарордошта ҳал намоем («Ватан» ва ҲИА). Дар сурати рад, - навиштааст М. Наҷибулло, - мо ҳукуматро ба Зоҳиршоҳ ё каси дигар хоҳем супурд, ки ин барои шумо душворӣ меорад ва масъулият пурра ба зиммаи ҷаноби Г. Ҳикматёр меафтад». Пас аз ин, ман бори дигар паём фиристода, орзу доштам, ки шахсан мулоқот намоям, то зиддиятҳои мавҷударо рафъ кунам»[2]. Аммо, Муҳаммад Наҷибулло дар бораи ҳизби Ватан сухан ронда, оид ба тақсим шудани сафҳояш аз рӯйи нишонаҳои қавмӣ хомӯш монд ва дар сурати розигии Г. Ҳикматёр, байни намояндагони ҳизби Ватан ва ҲИА эътилоф эҷод мешуд.

Дар чунин ҳолат, эътилофи нави сиёсӣ дар ҳоли ташаккул буд. Мулоқотҳо миёни роҳбарони Ҷамъияти исломи Афғонистон (ҶИА), ҳизби Ваҳдат, пешвоёни исмоилиён, генерал А. Дӯстум, намояндагони Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА) оғоз ёфт, ки дар он мушкилоти ташкили ҳукумат пас аз истеъфои М. Наҷибулло баррасӣ шуд.

Инчунин, 11-уми сентябри соли 1991 ҳангоми сафари котиби давлатии ИМА Ҷ. Бейкер ба Москва миёни ИМА ва Иттиҳоди Шуравӣ шартномаи

[1] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / К. Искандаров. – Душанбе, 2004. – С.329.
[2] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи кувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – С.86.

дуҷониба имзо шуд, ки тибқи шартномаи мазкур ҳарду ҷониб уҳдадор шуданд, ки аз 1-уми январи соли 1992 ҳама гуна фаъолиятҳои хешро дар Афғонистон қатъ менамояд[1]. Пас аз қатъ гардидани ёрии Шуравӣ ба мардуми афғон ва ҳукумати расмӣ ҳукумати вақт заиф шуд. Қисме аз сарбозону афсарони ҳукуматӣ тадриҷан ба ҷониби мухолифини муҷоҳид мегузаштанд. Вилоятҳо пайиҳам тасарруф ва ба назорати муҷоҳиддин гузаштанд. Вазъ дар Кобул ҳам мураккаб гардида, идораи он мушкил шуд. Охирон маротиба 7 нафар мушовирони русро ҳам ба қатл расонданд. Чуноне ки генерал-майор В.В. Лагошин нақл мекунад, бегоҳӣ  ӯро Муҳаммад Наҷибулло даъват мекунад ва мегӯяд, ки бояд мушовирони рус фавран Афғонистонро тарк кунанд. Худи Муҳаммад Наҷибулло эҳсос мекард ва медонист, ки муҳлати президентии он кам мондааст ва ҳукумат ба дасти муҷоҳиддин мегузарад. Ӯ ҳатто иброз медорад, ки худам ҳам дар мақоми раиси ҷумҳур 5 рӯзи дигар боқӣ хоҳам монд. Вале зимнан таъкид ҳам кардааст, ки «ҳарчанд шуравиҳо ба ман хиёнат карданд, аммо ман боқимондаи онҳоро сиҳату саломат ба ватанашон гусел менамоям»[2].

Новобаста аз он ки аз тарафи кормандони фурӯдгоҳи байналмилалии Кобул нисбати гусели ҳавопаймои шуравӣ монеаҳо эҷод шуда буд, М. Наҷибулло аз худ мардонагӣ нишон дода, шахсан худаш ба фурӯдгоҳ ҳозир шуда, барои қабулу гусел кардани мушовирони рус ба Тошканд кумак ва мусоидат кардааст.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Ҷ. Алимӣ замоне М. Наҷибулло назоратро аз болои вазъи сиёсию низомӣ аз даст дод, ки оид ба омодагии худ ҷиҳати рафтан ба истеъфо рӯзи 18-уми марти соли 1992 ба тариқи расмӣ эълон дошт ва изҳор намуд, ки зимом ва идораи давлатӣ дар дасти ҳукумати муваққатии бетараф боқӣ монад. Бо мақсади гирифтани пеши роҳи дохил шудани Гулбиддин Ҳикматёр ба Кобул, Муҳаммад Наҷибулло аз Мазори Шариф

---

[1] Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров, Б. Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С.216-220.

[2] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – С.215.

дивизияи 53-юми узбектаборонро таҳти фармондеҳии Абдурашид Дӯстум вориди Кобул намуд. 16-уми апрели соли 1992 М. Наҷибулло тавассути пуштибонӣ ва мусоидати намояндаи махсуси СММ ҷаноби Б. Севон мехост аз Кобул бо ҳавопаймо фирор кунад, аммо бо амри Аҳмад Вакил тавассути сарбозони А. Дӯстум боздошт гардид ва бо бародараш дар дафтари СММ дар Афғонистон паноҳгоҳ ёфтанд[1].

Муҳаққиқ ва хабарнигори тоҷик Н. Давлатов дар хусуси сарнагун гаштани ҳукумати М. Наҷибулло чунин навиштааст: «Вақте шикасти коммунистон айён шуд, наздикони миллатгарои М. Наҷибулло ба тарафи Г. Ҳикматёр гузаштанд, зеро имконияти ба сари қудрат омадани тоҷикон дар Афғонистон ба миён омад. Аллакай 13 вилоят дар зери тасарруфи Аҳмадшоҳи Масъуд қарор доштанд. Ҳамин тариқ, дастаҳои Ҷамъияти исломӣ аз шимол ва дастаҳои Ҳизби исломӣ аз ҷануб худро ба назди дарвозаҳои Кобул расонданд. Намояндаҳои М. Наҷибулло ҳукуматро ба Аҳмадшоҳи Масъуд таслим намуданд»[2].

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, таназзул ва аз байн рафтани ҳукумати Муҳаммад Наҷибуллоро метавон ба чанд омил тақсим намуд:

*Якум,* хориҷ гардидани нерӯҳои давлати Шуравӣ аз хоки Афғонистон ва аз кумаки ИҶШС ва Русия маҳрум гардидани доктор Муҳаммад Наҷибулло. Берун шудани сипоҳи шуравӣ аз ин кишвар ва таназзули худи давлати Шуравӣ як навъ шикасти тавозун на танҳо дар минтақа буд, балки дар сатҳи байналмилалӣ як гардиши куллиро ба вуҷуд овард, ки аз ин раванд Амрико ва муттаҳидонаш хостанд ба таври самаранок истифода намоянд. Яке аз чунин минтақаҳои таъсиррасон ва калидӣ дар роҳи таҳкими мақоми байналмилалии онҳо Афғонистон буд, ки аз тамоми ҷиҳат муосид ба ҳисоб мерафт.

*Дуюм,* шиддат гирифтани муборизаҳои қавмӣ ва гурӯҳӣ дар Афғонистон

---

[1] Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012.– С.215-216.
[2] Давлатов, Н. Толибон ворисони Ҳикматёр ҳастанд [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 31 август.

барои ҳокимият. Ҳар як қавм акнун сарвар ва ё пешвои худро дошт, ки ҷиҳати ба даст овардани ҳокимияти олӣ дар байни ҳамдигар муборизаро оғоз намуданд. Дар раванди мубориза рӯз то рӯз таъсири нерӯҳои хориҷӣ, махсусан қудратҳои ҷаҳонӣ бо хориҷ шудани нерӯҳои Шуравӣ, зиёд мегардид. Қавмҳои сершумору ҳукуматхоҳ, махсусан пуштуҳо акнун сарпарасти наверо дар симои Амрико ва Покистон дарёфт намуданд.

*Сеюм,* амалӣ шудани як нақшаи таҳрезишуда, аз тарафи давлатҳои манфиатдор, ки баъди хуруҷи ИҶШС аз хоки Афғонистон имкон надоданд, ки ин кишвар дигар нуфузе дар ин сарзамин дошта бошад ва онҳо ба ҳадафи худ расиданд. ИҶШС доктор Наҷибуллоро ба сари қудрат оварда буд ва ба ӯ кумак мекард. Акнун қудратҳои нави ҷаҳонӣ, ки тавассути ин кишвари осиёии ба буҳрони этникӣ гирифтор шуда мехостанд ҳадафҳои геосиёсиашонро амалӣ намоянд, аз ҳукумати М. Наҷибулло розӣ набуданд. Ӯро чун гумоштаи шуравӣ пиндошта, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи худ бо тарзу усули нав муносибатро оғоз намуданд, ки яке аз онҳо шиддат бахшидан ба муносибатҳои этникӣ буд.

## 1.2. Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи гурӯҳҳои исломии мухолиф ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА)

Таҳлилу омӯзиши вазъи охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX Афғонистон нишон медиҳад, ки ин як марҳалаи бисёр ҳассос ва сарнавиштсоз барои кишвар маҳсуб меёфт. Паёмади раванду ҳодисаҳои дар ин давра ба амаломада, ки то имрӯз натиҷаҳои манфиаш эҳсос мешавад, гувоҳи ин гуфтаҳост. Пас аз он ки президенти вақти кишвар, роҳбари Ҳизби демократии халқ Муҳаммад Наҷибулло соли 1986 сиёсати мусолиҳаи миллиро эълон намуд, ҳизбу гурӯҳҳои мусаллаҳи исломгаро, ки марказашон дар Пешовар ҷой гирифта буданд, ба фикри ташкили ҳукумати исломӣ шуданд. Раҳбарони ҳизбҳои ҳафтгона, ки дар эътилофи Иттиҳоди исломии муҷоҳиддин муттаҳид буданд, рӯзи 27-уми январи соли 1986 пешниҳодҳои Муҳаммад Наҷибуллоро оид ба оташбас ва ташкили давлати эътилофӣ рад карданд. Дар ҳамоиши бузурге, ки дар шаҳри Пешовар бо иштироки даҳҳо ҳазор нафар аз аъзову ҳаводорони танзимҳо ва муҳоҷирини афғонӣ ташкил ёфт, раҳбарони танзимҳо дар суханрониҳои ҷудогона мухолифати худро бо тарҳи оштии миллӣ изҳор доштанд[1].

Дар эъломияе, ки аз номи Иттиҳоди исломии муҷоҳиддин дар поёни ин ҳамоиш интишор ёфт, бори нахуст аз ташкили Ҳукумати муваққати муҷоҳиддин сухан рафт. Дар охирин банди эъломия гуфта мешуд: «Пас аз суқути низоми ҳукумати амалкунанда ва хуруҷи қувваҳои шуравӣ аз кишвари мо, Ҳукумати муваққатии муҷоҳиддин, идора ва қудрати давлатро дар Афғонистон ба уҳда мегирад. Таҳти назорати ҳукумати мазкур интихоботи озод сурат гирифта, Шуро ва ҳукумати исломӣ ташкил мегардад. Тавофуқ ба амал омад, то комиссияе доир ба тасдиқи Дастурамали Ҳукумати муваққатӣ, чигунагии ташкил ва салоҳияту вазифаҳои он таъсис шавад». Инчунин, мебоист дар зарфи як моҳ лоиҳаро мукаммал карда, пешниҳод намояд. Вазифаи асосӣ баъд аз таҳияи қонуни асосии кишвар ва қабули он

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С.151–152.

мушаххас мешуд. Ба ақидаи М.И. Андешманд, «Қонуни асосии кишвар мутазмини татбиқи комили ислом дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти фардӣ ва иҷтимоии миллати мо хоҳад буд»[1]. Аммо қабл аз он ки Дастуруламали ҳукумати муваққатиро ҳайати танзимҳо омода созанд ва ҳукумати исломӣ дар асоси он шакл гирад, аввалин Ҳукумати муваққатӣ таҳти сарпарастии Покистон дар Пешовар ба вуҷуд омад.

Дар арафаи даври ёздаҳуми музокироти Женева охири соли 1987, ки иттиллои дақиқе аз имзои тавофуқнома ва хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ аз Афғонистон пайдо шуд, Покистон дар фикри эҷоди ҳукумати муҷоҳиддин гардид. СММ ба унвони миёнарави музокироти ғайримустақим аз ташкили давлати эътилофии қобили қабул, барои тарафҳои мухталифи ҷанг сухан гуфт. Намояндаи Котиби генералии СММ дар Афғонистон Кордовез моҳи сентябри соли 1987 ёддоштҳоеро дар ин маврид ба давлати Шуравӣ, ИМА, Афғонистон ва Покистон фиристод[2].

Вақте саркардаҳои ҳарбии покистонӣ аз тасмими роҳбарони Шуравӣ дар солҳои охири музокироти Женева бохабар шуданд, бо ирода ва барномаи нав вориди майдон гардиданд, то таҳаввулоти сиёсӣ ва низомии Афғонистонро ба манфиати худ ҳал намоянд. Покистон бозии дугонаро дар мавриди Афғонистон аз ҳамин ҷо оғоз намуд. Аз як тараф имзои Созишномаи Женева ва эълони тавофуқ бо назариёти намояндаи СММ барои эҷоди ҳукумати муштарак бо давлати Ҳизби демократии халқ, аз тарафи дигар, кӯшиш дар самти ташкили давлати тобеи Покистон дар Кобул аз роҳи ҷанг ва пирӯзии низомӣ[3].

Маълум буд, ки дар пушти тамоми бозиҳои сиёсӣ, махсусан ҷонибдорӣ аз муҷоҳиддин ва ҳадафи ташкили давлати исломӣ Покистон қарор дошт. Дар ин роҳ ба ҷонибдорони низоми исломӣ, ки бояд манфиатҳои Покистонро ҳимоя мекард, аз тамоми лиҳоз сарпарастӣ карда шуданд.

[1] Забеҳулло И. Ҳақоиқи пушти пардаи таҳоҷуми шуравӣ бар Афғонистон [Матн]. / И. Забеҳулло. – Кобул, 1998.– С. 219-222.
[2] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С.152-153.
[3] Ҳамон ҷо.

Покистон гурӯҳҳои ҷиҳодии ҳафтгонаро таҳти фишор қарор дод, то ба ташкили давлат бипардозанд, ки дар он Кобул низ саҳм дошта бошад. Зайин Нуронӣ – вазири корҳои хориҷии Покистон, ки намояндаи давлати Покистон дар музокироти ғайримустақими Женева буд, дар фикри он шуд, то муҷоҳиддинро ба ташкили ҳукумати муштарак бо гурӯҳҳое аз дохили давлати Афғонистон ба номи мусулмонони дохили Афғонистон қонеъ бисозад. Ӯ ҷонибдори он буд, то ҳукумати муҷоҳиддин як ҳукумати эътилофии муташаккил аз муҳоҷирини Афғонистон, шахсони муътадил аз дохили ҳукумати Ҳизби демократии халқ ва аҳзоби муҷоҳиддин бошад. Нахустин иҷлосияи раҳбарони танзимҳои ҳафтгона барои ташкили аввалин ҳукумати бурунмарзии муҷоҳиддин бо ширкати вазири корҳои хориҷии Покистон баргузор гардид. Ин иҷлосия, ки соли 1988 таҳти раёсати Мавлавӣ Муҳаммад Юнуси Холис[1] сухангӯйи эътилофи танзимҳо ба номи Иттиҳоди Исломии Муҷоҳиддин дар Исломобод ташкил шуд, то даҳ рӯз ба мубоҳисоти худ идома дод. Нуқтаҳои аслие, ки дар даҳ рӯзи музокира ба даст омаданд ва имзои раҳбарони ҳафтгонаро дар поёни худ доштанд, аз инҳо иборат буданд:

- эҷоди Идора ё Ҳукумати интиқолӣ бо қоидаи васеъ дар бораи идораи кишвар;

- ташкили Шурои Олии муташаккил аз роҳбарони танзимҳои ҳафтгона ва чанд нафари дигар бо мувофиқаи роҳбарон ба унвони мақоми олии тасмимгирӣ дар ҳукумати интиқолӣ[2].

Раиси Шурои Олӣ роҳбарии давлатро низ ба дӯш мегирифт. Мувофиқи нақша ҳайати аъзои ҳукумат аз 70% муҷоҳиддин, 20% муҳоҷирин ва 10% аз дохили Афғонистон ба назар гирифта шуда буд[1].

---

[1] Муҳаммад Юнуси Холис – роҳбари ҷиноҳи ҷудошуда аз Ҳизби исломии Ҳикматёр, ки бо ҳамин ном мустақилона ба фаъолият идома дод. Соли 1920 дар деҳи Қозии вилояти Нангаҳор дар оилаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. Миллаташ пушту. Таълимоти диниро дар назди падараш гирифта, дар мадрасаҳои вилояти Нангарҳор дарс мегуфтааст ва дар баробари ин имоми масҷид ҳам будааст. Баъдтар дар донишгоҳи Кобул ба кори устодӣ машғул гардида, дар ҳамин ҷо ба фаъолияти сиёсӣ ошно гардидааст. Маҳфили «Тавобин»-ро роҳбарӣ кардааст. Баъди табадуллоти соли 1978 ба Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр мепайвандад. Аммо баъд аз он ки Ҳизби исломӣ ва Ҷамъият иттиҳод накарданд, Холис аз ҳизби исломӣ хориҷ шуд.

[2] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 153-154.

Бояд гуфт, ки Аҳмадшоҳ Аҳмадзай ба ҳайси сарвазир дар аввалин давлати бурунмарзии танзимҳои ҷиҳодӣ 3-юми феврали соли 1988 муаррифӣ шуд. Ӯ муовини раиси танзими Иттиҳоди исломӣ ба роҳбарии Абдураб Расули Сайёф буд. Дар эъломияи нашршуда аз ҷониби роҳбарони танзимҳои ҳафтгона дар сохтори ҳукумати интиқолӣ 28 вазорат дар назар гирифта шуд. Эъломия 14 вазоратро ба танзимҳо, ҳафт вазоратро ба муҳоҷирин ва 7 вазоратро ба «мусулмонони дохили Афғонистон» ихтисос дод[2].

Чанде аз аъзои ҳукумат 18-уми июни соли 1988 муаррифӣ гардид:

1. Муҳандис Аҳмадшоҳ Аҳмадзай - Сарвазири ҳукумат ва Ёсир вазири Иршод ва даъват аз танзими Иттиҳоди исломӣ бо раҳбарии А. Р. Сайёф;

2. Забеҳуллоҳ Муҷаддадӣ - муовини аввали сарвазир ва Абдулазиз Фурӯғ - вазири меъморӣ аз ҳизби Ҷабҳаи наҷоти миллӣ;

3. Мавлавӣ Муҳаммадшоҳ Фазлӣ - муовини дувуми сарвазир ва Исмоил Сиддиқӣ вазири молия аз Ҳаракати инқилоби исломӣ бо раҳбарии Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ Муҳаммадӣ.

4. Алӣ Ансорӣ - вазири адлия ва Қозӣ Наҷибуллоҳ - вазири корҳои хориҷӣ аз Ҳизби исломӣ ба роҳбарии Г. Ҳикматёр;

5. Мутеуллоҳ Мутеъ - вазири зироат ва молдорӣ ва Ҳоҷӣ Динмуҳаммад - вазири мудофиа аз Ҳизби исломӣ бо раҳбарии Мавлавӣ Муҳаммад Юнуси Холис;

6. Сайид Нуруллоҳи Имод вазири корҳои дохилӣ ва Мавлавӣ Мирҳамза - вазири таълим ва тарбия аз Ҷамъияти исломии Афғонистон;

7. Форуқи Аъзам - вазир умрон ва Динмуҳаммад Гарон - вазири таҳқиқоти илмӣ, аз Маҳози миллии исломӣ.

Дар робита ба ин, муҳаққиқи Афғонистон М.И. Андешманд менависад, ки «Аввалин ҳукумати бурунмарзии танзимҳои исломӣ-ҷиҳодӣ, ки ҳаргиз ба муваффақияте даст наёфт, пур аз нуқсон ва заъф буд. Дар аввалин ҳукумати

---

[1] Таҳлили вақоеъ [Матн] // Моҳномаи хабарӣ ва таҳлилии кумитаи сиёсии ҷамъияти саломии Афғонистон. – Пешовар, 1366 (1988). № 35.

[2] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 154.

танзимҳои ҷиҳодӣ ҳеч гуна тавозуни сиёсӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ риоят нагардида буд»[1].

Яке аз мушкилиҳои ин ҳукумат дар он буд, ки азҳоби шиаи Афғонистон, ки дар Эрон буданд, ба ҳукумати навташкил дохил карда нашуданд.

Дувум, аксарияти кулли 14 узви ҳукумат ба истисної як нафар, аз лиҳози тааллуқоти қавмӣ мансуб ба пуштуҳо буданд.

Сеюм, аз ҳузури занон, ҳатто дар сатҳи корманди одӣ дар ин ҳукумат хабаре набуд.

Чорум, муаррифии аъзои ҳукумат аз ҷониби роҳбарони аҳзоб бар асоси тахассус, шоистагӣ ва аҳлият қарор надошт.

Панҷум, ҳеч касе аз миёни саркардаҳои муҷоҳиддини дохили Афғонистон дар ҳукумат ба чашм намерасид. Дар ҳоле ки бори аслии ҷангро онҳо ба дӯш мекашиданд. Ҳарчанд, чаҳордаҳ тан аъзои боқимондаи ҳукуматро марбут ба муҳоҷирин ва афрод мегуфтанд, аммо то охир ҳеч касе аз онҳо шомили ҳукумат нагардиданд.

Аз ин сабаб, ин ҳукумат ҳеч гуна эътимод ва эътибореро ҳатто дар байни муҷоҳиддин дар дохили Афғонистон ба даст наовард, ҳеч нишоне аз фаъолияти ҳукумати мазкур дар тағйироти вазъи сиёсӣ ва низомии муҷоҳиддин ба мушоҳида нарасид.

Аввалин ҳукумати муҷоҳиддин, дар воқеъ, дар асоси талаби Покистон дар марҳалаи поёни музокироти Женева ташкил шуд. Дар ин хусус М.И. Андешманд чунин навиштааст; «Покистон ба рағми имзои тавофуқоти Женева камокон ба сиёсати худ дар ҷиҳати ҳимояти низомӣ аз муҷоҳиддин идома дод. Дар ҳоле ки Покистон қабл аз имзои мувофиқатномаи Женева ба ташкили ҳукумати муҷоҳиддин исрор дошт, Зайин Нуронӣ – вазири хориҷаи он кишвар дар аввалин нишасти шаклгирии ин ҳукумат дар миёни роҳбарони танзимҳо буд, аммо музокироти Женеваро бидуни ҳукумати ташкилшудаи

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 155.

муҷоҳиддин ба поён расонд ва дар поёни тавофуқномаи Женева бе ҳузури онҳо ин тавофуқномаро ба имзо расонд»[1].

Сиёсати Покистон дар ростои масъалаи Афғонистон чун ҳамеша бисёр печида ва дар зоҳир нофаҳмост. Дар масъалаи созишномаи Женева ҳам муносибати Исломобод дугона ба назар мерасид.

Тавофуқномаи Женева 14-уми апрели 1988 миёни вазирони корҳои хориҷии Афғонистону Покистон ба имзо расид, аммо Покистон дар амал ҳеч алоқа ва пойбандӣ ба тавофуқнома надошт. Покистон бар хилофи банди моддаи дувуми ин тавофуқнома амал кард, ки дар он омада буд. «Давлатҳо набояд ба корҳои дохилии якдигар дахолат кунанд»[2].

Роҳбарони танзимҳои ҷиҳодӣ нисбат ба тавофуқномаи Женева дар он буд, ки онҳо мувофиқатномаро қабул карданд, аммо аз идомаи ҷанг то сарнагунии давлати Ҳизби демократии халқ сухан мегуфтанд. Гулбиддин Ҳикматёр – раҳбари Ҳизби исломӣ дар рӯзҳои пеш аз имзои тавофуқномаи Женева изҳор дошта буд, ки Амрико ва Шуравӣ бар сари ҳукумати мавриди қабули худ дар Афғонистон ба мувофиқа расидаанд. Ӯ Кобулро ба ҳамлаи низомӣ таҳдид карда, аз эҳтимоли интиқоли дафтари марказии ҳизбаш ба Эрон, дар сурати имзои мувофиқатномаи Женева сухан гуфт. Ҳикматёр, ки дар як конфронси матбуотӣ дар Исломобод суҳбат мекард, ҳатто аз ташкили ҳукумати исломии Афғонистон ва эҷоди конфедератсия бо Покистон ваъда дод. Инчунин, изҳор дошт, ки ҳукумати исломӣ дар Афғонистон тамоми робитаҳои тавассути раводид ва шиносномаи алоҳидаро барои покистониҳо барҳам хоҳад дод. Сарҳади байни Покистон ва Афғонистон вуҷуд нахоҳад дошт. Ҳикматёр гуфт, мо мехоҳем, Покистон ва Афғонистонро як мамлакати воҳид бисозем ва агар дар ин роҳ монеае мавҷуд бошад, мехоҳем конфедератсияи байни ду мамлакат ба вуҷуд биёяд[3].

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 156.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 156-157.
[3]. Ҳамон ҷо. – С. 157-158.

Ин буд, ки аввалин давлати бурунмарзӣ дар кори худ муваффақ нашуд. Гурӯҳҳои исломӣ ва ҷиҳодии Афғонистон пас аз ташкили аввалин давлати номуваффақ, дувумин давлати бурунмарзии худро ташкил карданд. Дар ташкили ин давлат, ки дар остонаи хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ ба вуҷуд омад, давлати Покистон, бахусус Истихбороти низомии Покистон (ISI) бештар аз роҳбарони танзимҳо тамоил ва алоқамандӣ нишон дод. Ҳанӯз се моҳ то берун шудани охирин сарбозони шуравӣ монда буд, ки сиёсатгузорони афғонии Покистон сарнагунии Ҳизби демократии халқро дар рӯзи дигари хатми хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ пешбинӣ мекарданд. Чуноне ки М.И. Андешманд навиштааст: «дар сояи чунин тасаввур буд, ки заминаро ба ташкили шурои таъсиси давлати ҷадиди муҷоҳиддин дар Равалпиндӣ мусоид карданд»[1].

Моҳи декабри соли 1988 роҳбарони танзимҳои ҳафтгона дар ҷаласаҳои зиёд, ки гоҳе бо ҳузури мақомоти покистонӣ, махсусан афсарони ISI доир мешуд, дар бораи ташкили давлати нав баҳс мекарданд. Дар ин баҳсҳо қарор карда шуд, ки бар хилофи раванди эҷоди ҳукумати қаблӣ, ки роҳбарони танзимҳои ҳафтгона ихтиёри ташкили ҳукуматро ба дасти худ гирифта буданд, як шурои чандсаднафарӣ ба ташкили ҳукумат бипардозад[2].

Аз рӯзҳои аввал оид ба теъдод ва таркиби шуро нофаҳмиҳо ва ихтилофи назарҳо ба амал омад, қарор шуда буд, ки ҳар як аз гурӯҳҳои ҷиҳодии ҳафтгона дар Покистон шаст нафарро, ки даҳ нафари он шомили уламои динӣ ва муҳоҷирини афғони хориҷ аз Эрону Покистон бошанд, ба шуро муаррифӣ кунанд. Узвияти 34 нафар аз танзимҳои Муҳаммадамини Ваққод, Мавлавӣ Рафеъуллоҳи Муаззин ва Мавлавӣ Насруллоҳи Мансур яке дигар аз тавофуқи раҳбарони аслии танзимҳои ҳафтгона буд[3].

Зикр кардан ба маврид аст, ки яке аз масъалаҳои баҳсноки миёни роҳбарони гурӯҳҳои исломгаро дар ҳайати Шуро иштирок намудани ҳизбҳои

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 160.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 161.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 162.

ҷиҳодии шиаи Афғонистон буд, ки дар Эрон умр ба сар мебурданд. Эътилофи ҳаштгонаи шиа дар Эрон хоҳони узвияти 120 нафар дар Шурои ташкили ҳукумат, шаш нафар дар Шурои роҳбарӣ ва ҳашт вазир дар ҳукумат буданд. Сибғатуллоҳ Муҷаддадӣ ҳамчун намояндаи гурӯҳи ҳафтгона ба Теҳрон рафт, то ин ки бо эътилофи ҳаштгона дар масъалаи Шуро ва ҳукумат суҳбат кунад. Муҷаддадӣ дар Теҳрон ба узвияти сад нафар намояндаи эътилофи ҳаштгона дар Шурои Равалпиндӣ, узвияти шаш нафар ба Шурои раҳбарӣ ва ҳафт вазир дар ҳукумат ба мувофиқа расид. Аммо пас аз бозгашт, вақте ин тавофукро ба роҳбарони танзимҳо дар Пешовар расонд, Мавлавӣ Муҳаммад Юнуси Холис онро ғайри қобили қабул хонд[1].

Сафари як ҳайати эътилофи ҳаштгонаи шиа аз Теҳрон ба Исломобод бо роҳбарии Муҳаммадкарим Халилӣ – сухангӯйи эътилофи мазкур ва музокираи тӯлонӣ бо раҳбарони гурӯҳҳои ҳафтгона ва мақомоти покистонӣ низ натиҷа надод. Ин ҳайат дасти холӣ ба Теҳрон баргашт ва ба қавли Андешманд, «эътилофи ҳаштгона тавҳиномез аз иштирок дар Шурои ташкили давлати муҷоҳиддин ва ҳукумат маҳрум сохта шуд»[2].

Раҳбарони танзимҳои ҳафтгона, ки инҳисори муаррифии аъзои Шуроро ба даст доштанд, дар навбати худ бе эҷоди меъёр ва механизме ба муаррифии намояндагон дар асоси ташхис ва тамоилоти худ пардохтанд. Дар миёни намояндагони муаррифишуда, фармондеҳони саҳроии бонуфузи муҷоҳиддин ҳузур надоштанд. Аз шахсиятҳои машҳури муҳоҷири афғонӣ берун аз кишварҳои Эрону Покистон касе ба назар намерасид. Занон тамоман ҳузур надоштанд. Ҳеч гуна тавозуни қавмӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ дар муаррифии намояндагон риоят нигардида буд. Аз ҳама бадтар, ин ки роҳбарони аҳзоб овоздиҳии аъзои Шуроро дар ташкили ҳукумати муҷоҳиддин аз пеш таъйин карда буданд. Вазифаи Шуро танҳо раъйдиҳӣ дар чаҳорчӯби назариёти аз қабл таъйиншудаи роҳбарони аҳзоби ҷиҳодӣ буд. Овоздиҳӣ, ки дар қадами аввал ба интихоби онҳо дар давлатдорӣ меанҷомид. Хабарнигори радиои

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – С. 161.
[2] Ҳамон ҷо. – С.160.

BBC дар поёни иҷлосияи расмии Шуро чунин гузориш дода буд: «Дуруст сездаҳ рӯзро дар бар гирифт, ки ҳафт раҳбар дубора интихоб шаванд»[1].

Шурои Равалпиндии аҳзоби ҳафтгона, ки нақши мустақим ва иродаи мустақил дар эҷоди давлат ва интихоби аъзои давлат ва тадвини механизми ин интихоботро надошт, ба номи «Шурои машваратӣ» хонда шуд. Ин Шуро на дар минтақаҳои марзии Афғонистон ва на дар Пешовар маркази аслии аҳзоби муҷоҳиддин, балки дар шаҳри Равалпиндӣ маркази дафтари созмони истихбороти низомии Покистон ISI доир гардид. Маҳали гирдиҳамоии аъзои Шуро сохтмони Мадинат-ул-Ҳаҷҷоҷи Равалпиндӣ буд. Номзадӣ ба роҳбарии давлат дар Шуро ба роҳбарони танзимҳои ҳафтгона маҳдуд мешуд. Нуқтаи ғайри қобили қабул ин буд, ки ҳафт курсии давлат ба тартиби аҳаммият ва қудрат аз пеш аз тарафи роҳбарон мушаххас ва дараҷабандӣ шуда буд, то раҳбарони ҳафт танзим бо назардошти мансабҳои ба даст оварда, дар курсиҳо қарор бигиранд. Ширкат ва узвияти роҳбарони танзимҳо дар ҳукумати нав зарурӣ буд. Аъзои Шурои машваратӣ уҳдадор буданд, то дар варақаи овозидҳӣ номи ду нафар аз номзадҳоро ба унвони шахси мавриди интихоби худ тасдиқ кунад. Ду овоз аз тарафи овоздиҳанда барои як нафар, ки ба гунаи мустақим анҷом меёфт, як овоз маҳсуб мешуд[2].

Натиҷаи интихобот дар Шурои машваратии Равалпиндӣ рӯзи 28-уми феврали соли 1989 эълон шуд ва бар асоси он роҳбари давлат ва ҳукумат, чанде аз аъзои ҳукумат ба шакли зер муайян карда шуд[3]:

Сибғатулло Муҷаддадӣ бо 174 овоз - раиси Давлати исломӣ;

Абдураб Расули Сайёф бо 173 овоз - сарвазири Давлати исломӣ;

Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ Муҳаммадӣ бо 139 овоз - вазири дифоъ;

Гулбиддини Ҳикматёр бо 126 овоз – вазири корҳои хориҷӣ;

Мавлавӣ Муҳаммад Юнуси Холис бо 102 овоз - вазири корҳои дохилӣ;

Бурҳониддин Раббонӣ бо 99 овоз - вазири сохтмон ва навсозӣ;

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С 163.

[2] Ҳамон ҷо. – С.162-163.

[3] Ҳамон ҷо.

Сайидаҳмади Гелонӣ бо 86 овоз - раиси Суди олӣ.

Роҳбарони вазоратҳои ҳукуматро, ки роҳбарони танзимҳо дар ҳукумати муҷоҳиддин муаррифӣ карданд, аз инҳо иборат буданд:

Сардор Муҳаммад Равшан - вазири маориф аз ҳизби Маҳози миллии исломӣ;

Ҳидоят Амин Арсало - вазири молия аз ҳизби Маҳози миллии исломӣ;

Наҷибулло Лафроӣ - вазири даъват ва иршод аз Ҷамъияти исломӣ;

Муҳандис Эшонҷони Ориф - вазири маъдан ва саноат, аз Ҷамъияти исломӣ;

Ҳоҷиддин Муҳаммад - вазири амнияти миллӣ, аз Ҳизби исломӣ;

Мавлавӣ Холиси Абдурразоқ - вазири ҳаҷ ва авқоф, аз Ҳизби исломӣ;

Холис Қозӣ Наҷибуллоҳ - вазири адлия, аз Ҳизби исломӣ;

Ҳикматёр Алӣ Ансорӣ - вазири сарҳадот, аз Ҳизби исломӣ;

Ҳикматёр Мавлавӣ Муҳаммадислом - вазири кишоварзӣ, аз ҳизби Ҳаракати инқилоби исломӣ;

Мавлавӣ Муҳаммадшоҳи Фазлӣ - вазири таҳқиқоти илмӣ, аз Ҳаракати инқилоби исломӣ;

Муҳандис Аҳмадшоҳ Аҳмадзай - вазири мухобирот, аз ҳизби Иттиҳоди исломӣ;

Муҳаммаднодир Хуррам - вазири тандурустӣ, аз ҳизби Ҷабҳаи миллии наҷот[1].

Дар тақсими вазоратҳо ва муаррифии вазирон ҳамчун ҳукумати аввали берунмарзии танзимҳо, меъёрҳои адолат ва тавозун аз рӯйи нишонаҳои мухталифи қавмӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва ҳамчунон аҳлият ва шоистагӣ мадди назар гирифта нашуда буд. Дар миёни 17 вазир ҳеч касе аз қавмҳои ҳазора, узбек, балуч, туркман ва аз нигоҳи мазҳабӣ мутааллиқ ба ҷомеаи шиа вуҷуд надошт. Дар ҳоле ки тамоми вазоратҳои калидӣ монанди вазорати мудофиа, дохила, хориҷа, молия, амният, маориф аз пуштуҳо интихоб шуда буданд, дар ин интихобҳо меъёри шоистагӣ ва мади назар набуд. Беэътиноӣ ба

[1] Андешманд, М.И. Америко дар Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2007. – С.145.

шоистагии вазиронро метавон аз ин хотираи хабарнигори BBC дар мавриди Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ[1], вазири дифои давлати мазкур дарк кард, ки дар раванди ҷанги Ҷалолобод хабарнигоронро барои шарҳи барномаҳои вазорати дифоъ даъват карда буд: «Вақте ҷамъи зиёде хабарнигорон дар фазои боз ба рӯйи замини мумфарше, ки ба манзури суҳбат бо хабарнигорон омода шуда буд, нишастем ва пас аз тиловати Қуръони карим ва оғози сӯҳбат яке аз муҳофизони вазири дифоъ харитаи плостикиро пеши рӯйи Мавлавӣ Муҳаммадӣ, вазири дифоъ гузошт. Ҳама хабарнигорон фикр карданд, ки дохили ин харита нақшаҳое дар мавриди барномаи вазорати дифоъ ва вазъияти ҷанги Ҷалолобод аст, ки вазири дифоъ бо диққат ва омодагии бештар аз рӯйи он ба тавзеҳу ташреҳи корҳои худ мепарозад. Вазири дифоъ дасташро ба дохили харита бурд ва аз дохили харита як тирмуз (термос) чой ва як пиёларо бо як қуттӣ насвори бинӣ берун овард. То поёни маҷлис чизе аз барномаи вазорати дифоъ ва маълумоте дар мавриди вазъи ҷанг ва ҷабҳаҳои муҷоҳиддин дастёби хабарнигорон нашуд»[2].

Баъди ташкили ҳукумат ва тақсими вазоратҳо, созмони истихбороти низомии Покистон (ISI) талош кард, то Мавлавӣ Муҳаммад Набиро қонеъ ба истеъфо аз вазорати дифоъ кунад ва ба ивази ӯ Гулбиддини Ҳикматёр ба вазорати дифоъ таъйин шавад. Ба ин васила, Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ вазири хориҷӣ бояд мешуд. Аммо ин тағйир дар асари мухолифати шадиди ҳизби Ҷамъияти исломӣ ва раҳбарии он амалӣ нагардид[3].

Дувумин давлати берунмарзии танзимҳои исломӣ-ҷиҳодӣ дар арафаи хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ шакл гирифт, то кори худро пас аз он дар дохили

---

[1] Муҳаммад Набӣ Муҳаммадӣ – соли 1921 дар деҳаи Шайхихели Шоҳи Мазор, вилояти Лугар дар оилаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. Миллаташ пуштун. Роҳбари ҳизби «Ҳаракати инқилоби исломии Афғонистон», таълимоти диниро дар назди муллоҳо ва дар мадрасаҳои Лугар, Ғазнӣ ва Лағмон гирифтааст. Баъд аз ба итмом расондани мадраса ба кори муаллимӣ дар вилятҳои Лугар, Ҷузҷон, Форёб машғул шудааст. Муҳаммад Набӣ солҳои 1969-1973 вакили парламент интихоб гардидааст. Баъд аз Инқилоби савр ба Балуҷистони Покистон рафта, созмони «Ҳаракати инқилоби исломии Афғонистон»-ро таъсис медиҳад. Ин ҳаракат дар миёни муллоҳо ва толибони мадрасаҳои динӣ пайравони зиёд дошт. Дар вилоятҳои Лугар, Ҳилманд, Қандаҳор, Ҷузҷон ва Форёб нуфузи худро ҷорӣ карда, дастаҳои мусаллаҳи он фаъолият мекарданд. Дар ҳама ҳукуматҳои интиқолӣ, аз ҷумла дар давлати Бурҳониддин Раббонӣ мақомҳои баландро дар ихтиёр дошт. Аммо бо зуҳури толибон савганди садоқати худро ба Мулло Умар эълон кард.
[2] Пас аз толибон [Матн]. – С.161.
[3] Ҳамон ҷо. – С.189.

Афғонистон оғоз кунад. Ташкили аввалин ҷаласаи ҳукумат таҳти раёсати Сибғатуллоҳ Муҷаддидӣ[1] ба сурати нимамахфӣ дар нуқтаи марзии Хуст доир гардид. Ҳукумати мазкур, ки бар хилофи аввалин ҳукумат аз роҳбарони аслии танзимҳо ташкил ёфта буд, бо нотавонии бештар маълум гардид. Ин дар ҳар ду самти сиёсию низомӣ нотавон ба назар мерасид.

Бояд гуфт, ки нокомии дувумин, ҳукумати дар муҳоҷират ташкилшудаи аҳзоб дар самти низомӣ бо шикасти муҷоҳиддин дар ҷанги Ҷалолобод оғоз ёфт. Ҳукумати мазкур натавонист нақшеро дар бунёди ҳамоҳангии ҷабҳаҳои муҷоҳиддин дар ҷанг бар зидди давлати Ҳизби демократии халқи Афғонистон иҷро кунад. Вазири дифои давлат аз уҳдаи он чи ки талаботи ин вазорат дар бахши низомӣ ва ҷанг ҳисобида мешуд, баромада натавонист. Кумитаҳои низомии танзимҳои ҷиҳодӣ дар Покистон ва дар ноҳияҳои марзӣ то ҷое фаъол буданд ва ниёзе ба вазорати дифои давлат надоштанд. Аз ҷониби дигар, ISI бар хилофи гузашта, бештари яроқ ва лавозимоти ҷангиро ба ҷойи танзимҳо мустақиман ба намояндагони қумандонони муҷоҳиддин тавзеъ мекард[2].

Ба дасти нерӯҳои танзимҳо гузаштани Хуст 31-уми марти соли 1990 вобаста ба фаъолияти низомии давлати муҷоҳиддин набуд. Бо вуҷуди ин, сукути Хуст аз бузургтарин пирӯзиҳои низомии муҷоҳиддин, бахусус дар вилояти ҷануби Афғонистон ва ҳаммарз бо Покистон буд. Дар Хуст миқдори зиёди яроқ ва аслиҳаҳои ҷангӣ, аз даҳҳо адад ҳавопаймо, садҳо навъҳои яроқи вазнин ба дасти муҷоҳиддини танзимҳо, бахусус нерӯҳои Мавлавӣ Ҷалолуддини Ҳоққонӣ афтид. Ҳарчанд баъдҳо тамоми ин имконоти низомӣ ба шакли оҳанпора дар Покистон ба фурӯш расид[3].

---

[1] Сибғатулло Муҷаддадӣ соли 1928 дар Кобул таваллуд шудааст. Миллаташ пушту. Роҳбари «Ҷабҳаи милли наҷоти Афғонистон» мебошад. Талимоти диниро дар назди падар гирифта, давраи мактабиашро дар Ҳирот ва Қандаҳор гузаронида ва баъдан шомили литсеи «Ҳабибия»-и Кобул шудааст. Солҳои 1948-1953 дар Донишгоҳи Ал-Аҳзари Миср таҳсил кардааст. Аз 28 апрел то 28 июни соли 1992 президенти Афғонистон буд.

[2] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С.167.

[3] Илмӣ, Ҳ. Дар масири пирӯзӣ [Матн] / Ҳ. Илмӣ. – Кобул, 2008. – С 128.

Пас аз Хуст ноҳияҳои мухталиф дар Бадахшон (Зебок, Ишкошим, феврали соли 1991), Тахор (Хоҷағор, 15 майи соли 1991, ноҳияҳои Чоҳ об ва Рустоқ, 26 ва 27 июли соли 1991 ва баъд ноҳияи Дашти Қалъа, Қундуз Дашти Арчӣ, апрели соли 1991) ва шаҳри Толиқон ба дасти исломгарҳо гузаштанд. Ин минтақаҳо бештар тавассути нерӯҳои марбут ба Ҷамъияти исломӣ бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд сурат гирифт. Дар ғарби Афғонистон муқовимати Исмоилхон дар ноҳияи Зиндаҷони Ҳирот қобили тазаккур аст[1].

Нотавонии давлати танзимҳои исломӣ-ҷиҳодӣ дар арсаи сиёсӣ камтар аз арсаи низомӣ набуд. Ҳарчанд, ин давлатро дар аввал кишварҳои Арабистони Саудӣ ва Малайзия ба расмият шинохт, аммо ин раванд идома наёфт. Покистон, ки дар ташкили ин ҳукумат нақши асосӣ дошт, аз шиносоии расмии он худдорӣ кард. ИМА Петр Томсонро ба унвони намояндаи худ дар сатҳи сафир ба ҳукумати муҷоҳиддин фиристод, вале ин давлатро ба расмият нашинохт. Сафарҳои Гулбиддини Ҳикматёр, вазири корҳои хориҷии ин давлат ба баъзе кишварҳои арабӣ ва Чин дар самти муаррифии ҳукумат натиҷаи дилхоҳ надод[2].

Дар ҳоле ки эъломияҳои муштараки роҳбарон ва тарҳи интихоботи додгоҳи олӣ мояи наҷоти ҳукумати фурӯпошидаи танзимҳо нашуд, ISI бо нақшаи сарнагун сохтани ҳукумати Ҳизби демократии халқ аз роҳи низомӣ, ки стратегияи он созмонро ташкил медод, давлати танзимҳои ҷиҳодиро беэътибор кард ва фурӯпошии онро тезонид. Созмони истихбороти низомии Покистон (ISI) нақшаи муштараки Ҳизби исломӣ ва Ҷамъияти исломиро оид ба ҳамла ба Кобул ба пеш кашид. Аз нақшаи ҳамла ба Кобул Мавлавӣ Холис ва Сайёф низ ҳимоят мекарданд. Дар ин нақша ташкили як Шурои олӣ ва давлати нав мадди назар гирифта шуд, ки бояд ҷонишини давлати танзимҳо таъйин мешуд. Дар ҳукумати ҷадид, Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ раиси давлат ва Гулбиддини Ҳикматёр мансаби вазири дифоъ таъйин шуданд. Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ, ки дар ҳукумати нави мавриди назари ISI ба раёсати давлат

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С.168.
[2] Ҳамон ҷо.

мерасид, ба машварати он созмон миёнарав дар оштии байни Гулбиддини Ҳикматёр ва устод Бурҳониддин Раббонӣ[1] шуд. Равобити онҳо пас аз ҷангҳои Тахор ва истеъфои Ҳикматёр аз вазири корҳои хориҷӣ бисёр тира шуда буд. Мавлавӣ Муҳаммад Набӣ роҳбарони Ҳизби исломӣ ва Ҷамъиятро дар хонаи худ оштӣ дод. Фармондеҳи артиши Покистон ва созмони истихбороти низомӣ (ISI) пас аз он, ки Аҳмадшоҳ Масъудро моҳи ноябри соли 1990 ба ағбаи Шоҳ Салим, нуқтаи марзӣ ҷиҳати ширкат дар Шурои қумандонон омада буд, ба Исломобод даъват кард. Масъуд аз Шоҳ Салим ба Исломобод ва Пешовар омад. ISI мехост, то розигӣ ба ҳамкории Масъудро ба нақшаи нав, бахусус ҳамла ба Кобул бигирад ва ӯро бо Гулбиддини Ҳикматёр низ оштӣ диҳад. Аҳмадшоҳ Масъуд ва Гулбиддини Ҳикматёр ба миёнаравии генерал Асламбек – раиси ситоди муштараки артиши Покистон ва ISI бо ҳам мулоқоту музокира карданд. Масъуд дар ҷаласаи муштарак бо онҳо нақшаи ҳамла ба Кобулро дар зимистони соли 1991 нодуруст ва ғайриамалӣ хонд. Ӯ ISI-ро қонеъ сохт, то аз ин ҳамла даст кашад ва барои ҳамла дар баҳор ё тобистони соли оянда омодагӣ гирифта шавад. ISI ба назариёти Аҳмадшоҳи Масъуд дар ин сафар ба диққат гӯш дод ва дар бозгашт ӯ микдоири зиёди ярок ва лавозимоти ҷангиро дар ихтиёраш гузошт, то ба ҷабҳаҳои худ интиқол диҳад. ISI мусоҳибаи Масъудро 25 октябри соли 1990 бо Мушоҳид Ҳусайн – хабарнигори машҳури Покистон, ки баъдан дар ҳукумати Навоз

---

[1] Бурҳониддин Рабонӣ соли 1941 дар шаҳри Файзобод, маркази вилояти Бадахшони Афғонистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Таҳсилот: мактаби миёнаи шаҳри Файзобод, мадрасаи Абуҳанифаи шаҳри Кобул (1956-1960), факултети шаръиёти Донишгоҳи Кобул (1960-1963), Донишгоҳи исломии "Ал-Азҳари"-и Миср (1965-1968). Дар мавзуи "Ҷанбаҳои илмӣ ва фалсафаи зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ" рисолаи докторӣ дифоъ намуда, унвони профессориро доро буд. Баъд аз бозгашт аз Миср кори муаллимиро дар факултети шаръиёти Донишгоҳи Кобул идома додааст. Соли 1972 аввалин созмони бунёдгарои исломӣ, ки роҳбарии онро Ғуломмуҳамад Ниёзӣ ба уҳда дошт расман номи "Ҷамъияти исломӣ"-ро гирифт ва Б.Раббонӣ роҳбари он шуд ва то дами марг роҳбари ин созмон монд. Соли 1992 баъд аз хатми давраи ду моҳаи раёсати С.Муҷаддади 4 моҳ раиси давлати интиқоли Афғонистон буд. Моҳи декабри соли 1992 Шурои аҳли ҳаллу ақд Б.Раббониро ба муддати 2 сол ба ҳайси Раиси Давлати исломии Афғонистон интихоб кард. Г. Ҳикматёр ва баъзе дигар аҳзоб бо оғози ҷангҳои давомнок бар зидди давлат имкони интихоботи баъдиро аз байн бурданд. 26 сентябри соли 1996, бо ишғоли Кобул аз тарафи Толибон Б. Раббонӣ ба Мазори Шариф ва пас аз он ба Тахор рафт.То шикасти Толибон, дар охири соли 2001 ҳукмати Раббонӣ аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ба сифати ягона давлати қонунӣ шинохта мешуд. 22 декабри соли 2001 қудратро ба таври сулҳомез ба Ҳомид Карзай интиқол дод. 20 сентябри соли 2011 аз тарафи террористи Толибон ба қатл расонда шудааст. Саҳми Бурҳониддин Раббонӣ дар сулҳи Тоҷикистон низ беандоза бузург мебошад. Аз ин лиҳоз бахшида ба 30 солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон Ӯ бо ордени Исмоили Сомонӣ қадрдони гардид.

Шариф ба вазорат расид, дар телевизиони Покистон барномарезӣ кард, то розигии ӯро аз ҳамкорӣ ва сиёсати Покистон дар мавриди Афғонистон нишон диҳад.[1].

Ҳикматёр пас аз музокира бо Масъуд тавофуқномаеро бо раҳбари Ҷамъияти исломӣ ба имзо расонд, ки бар асоси он ҳар ду ҳизби Ҷамъияти исломӣ ва Ҳизби исломӣ ба ташкили Шуроҳои ягона дар дохили Афғонистон бипардозанд. Ҳадаф он буд, то ин Шуроҳо битавонанд аз ихтилоф ва ҷанг байни якдигар ҷилавгирӣ кунанд ва миёни онҳо ҳамоҳанагию ваҳдат ба вуҷуд биёранд. Аммо соли баъдӣ ҳеч касе ба хостаҳои худ нарасид. На ҳамлаи низомӣ ба Кобул ва суқути он шаҳр амалӣ шуду на байни нерӯҳои Ҳизби исломӣ ва Ҷамъияти исломӣ ҳамоҳангӣ ва ваҳдат ба вуҷуд омад. Бунбаст дар вазъияти сиёсию низомии Афғонистон ба вуҷуд омад. Бахусус, қудрату тавоноии муҷоҳиддину танзимҳои исломии ҷиҳодӣ оид ба сарнагун кардани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло аз роҳи низомӣ мавриди савол қарор гирифт.

Дар ҳоле ки Гулбиддин Ҳикматёр, роҳбари Ҳизби исломӣ нишасти Ҷабал-ус-сироҷро тавтеа бар зидди ҷиҳод ва ислом хонд ва Кобулро ба ҳамла таҳдид кард, роҳбарони дигар танзимҳо бо талаби Аҳмадшоҳ Масъуд ва исрори роҳбари Ҷамъияти исломӣ бар сари ташкили ҳукумати нав дар Пешовар вориди музокира шуданд. Эълони ташкили ҳукумати муҷоҳиддин барои гирифтани қудрат аз ҳукумати Кобул Масъудро дар мавқеи беҳтар қарор медод. Ҷанги ӯ дар ҳамроҳӣ бо муттаҳидинаш дар дохили ҳукумати фурӯпошидаи Наҷибулло бо Ҳизби исломии Ҳикматёр, ҷанг бо давлати исломӣ ва муҷоҳиддин маҳсуб мешуд[2].

Ҳукумати муҷоҳиддин баъди музокироти миёни роҳбарони танзимҳо, ки давлати Покистон, бахусус ISI дар он нақш дошт, рӯзи 24 апрели соли 1992 ташкил ёфт. Ҳарчанд, Гулбиддини Ҳикматёр, роҳбари Ҳизби исломӣ дар музокира ва мувофиқаи роҳбарони дигар ғоиб буд, аммо намояндагони ӯ

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С.183.
[2] Ҳамон ҷо. – С.189.

(Мавлавӣ Сарфароз ва Қутбуддини Ҳилол) аз имзокунандагони тавофуқномаи ташкили ҳукумат буданд[1].

24 апрели соли 1992 роҳбарони танзимҳои ҷиҳодӣ аз толори музокира дар Пешовар берун шуданд ва тавофуқномаи ташкили ҳукуматро ба иттилои хабарнигорон расонданд. Тавофуқнома аз тарафи Абдураб Расули Сайёф[2] ироа шуд, ки дар он аз ташкили як ҳайати панҷоҳнафараи таҳвилгирандаи қудрат бо роҳбарии Сибғатуллоҳ Муҷаддадӣ ба муддати ду моҳ ва сипас, ташкили ҳукумати интиқолии чаҳормоҳа бо роҳбарии Бурҳонуддин Раббонӣ сухан мерафт. Марҳалаи севум дар тавофуқнома, даъвати Шурои ҳаллу ақд ва интихоби раиси давлат барои аз якуним то ду сол пешбинӣ шуда буд. Дар марҳалаи ҳукумати интиқолӣ тавофуқнома, курсии садорат, вазоратҳои дифоъ, хориҷа, дохила, маориф ва суди олӣ байни танзимҳо тақсим шуда буд. Дар замони эълони ин тавофуқ аз тарафи Сайёф, раҳбари Иттиҳоди исломӣ, Аҳмадшоҳи Масъуд ба ҳайси вазири дифоъ ва Аҳмадшоҳ Аҳмадзай ба ҳайси вазири дохила аз ҷониби танзимҳои Ҷамъият ва Иттиҳоди исломӣ муаррифӣ гардиданд. Курсии садорат дар ин тақсимот ба Ҳизби исломии Ҳикматёр

---

[1] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С.189.

[2] Абдурраб Расул Сайёф – роҳбари «Иттиҳоди исломии озодии Афғонистон». Соли 1944 дар деҳаи қаълаи Сарвари ноҳияи Пағмон ба дунё омадааст. Миллаташ пушту. Таҳсилоти ибтидои ва миёнаро дар Пағмон гирифтааст. Баъд аз хатми мактаби миёна дар литсеи Ибни Синои Кобул, мадрасаи Абуҳанифа то соли 1963 таҳсил кардааст. Солҳои 1963-1967 дар факултети шаръиёти донишгоҳи Кобул таҳсили илм карда, баъдан дар донишгоҳи Ал-Аҳзари Миср низ таҳсил кардааст. Соли 1974 пеш аз сафар ба Амрико дар ҳайати гурӯҳои устодон, ба гуноҳи иштирок дар фаъолиятҳои зиддидавлатӣ ба ҳабс гирифта шуд. Соли 1980 аз маҳбас озод гардида, ба Покистон рафт ва дар он ҷо дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти истихборотии Арабистони Саудӣ қарор гирифт. А.Р.Сайёф аввалин роҳбари «Иттиҳоди исломии муҷоҳиддини Афғонистон» интихоб гардид, ки ба он Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр, Ҳизби исломии Ю. Холис, Ҷаъмияти исломии Б. Раббонӣ, Маҳози милли исломии С.А. Гелонӣ, Ҳаракати инқилоби исломии М.Н. Муҳаммадӣ дохил мешуданд. Аммо ин иттиҳод дер давом накард ва пароканда шуданд. Сайёф бо кумаки саудиҳо бо номи «иттиҳоди исломии озодии Афғонистон» созмони нав ташкил кард. Баъдтар Иттиҳоди исломӣ, акнун дар ҳайати ҳафт созмон, аз ҷумла «Иттиҳоди исломӣ»-и А.Р. Сайёф дубора арзи ҳастӣ кард, ки бо номи Иттиҳоди ҳафтгона маълум буд. Сайёф ба мазҳаби ваҳҳобия мегаравад ва номи худро аз Абдуррасул ба Абдулраб расули Сайёф иваз кард. Ӯ бо кумаки сауудиҳо ҳамеша дар вазифаҳои баланди мақомоти муҷоҳиддин интихоб мешуд. Соли 1989 дар шурои ҷиҳодии Покистон сарвазири Ҳукумати интиқолии Афғонистон интихоб гардида буд. Баъд аз соли 1992, аввал иттифокчии Г. Ҳикматёр буд ва ҷангҳои сахтро бо ҳизби «Ваҳдат»-и шиаҳо дар Кобул ба роҳ андохт, ки муносибати ин ҳизбро бо давлат хароб кард. А.Р. Сайёф баъд аз зуҳури «Толибон» зоҳиран аз пуштибонии саудиҳо маҳрум гашт ва то охир дар канори Б. Раббонӣ боқӣ монд.

расид, ки баъдан Абдуссабури Фарид қумандони вилояти Парвони ин ҳизб ба ҳайси сарвазир таъйин гардид[1].

Ба қавли коршиносон, тавофуқномаи Пешовар норасоӣ ва нофаҳмиҳои зиёде дошт. Вазифа ва салоҳиятҳои Сибғатуллоҳ Муҷаддадӣ, ки ду моҳ ба ҳайси раиси ҷумҳур муаррифӣ шуд, номушаххас буд. Масалан, худи раванди интиқоли қудрат дар як маросими расмӣ зиёда аз чанд соат давом намекард, аммо идомаи ин раванд дар ҷараёни ду моҳ чӣ маъно дошт ва вазифаи 50 нафар ҳайати ҳукумати Муҷаддадӣ чӣ буд? Сарфи назар аз эродҳо ва саволҳои бисёре дар мавриди тавофуқнома, ин тавофуқнома ва ташкили ҳукумати муҷоҳиддин монеи ҷанг миёни Ҳикматёр ва Аҳмадшоҳ Масъуд, вазири дифои давлати навташкил нагардид[2].

Ҳамин тавр, баъд аз 14 соли пирӯзии Инқилоб, 28 апрели соли 1992 дар Афғонистон инқилоби исломӣ ба амал омад ва ҳукумати Наҷибулло сарнагун шуд. Тибқи қарорҳои Шурои ҷиҳодӣ дар Пешовар, роҳбари ҳизби Ҷабҳаи наҷоти миллии Афғонистон (ҶНМА) Сибғатулло Муҷаддадӣ бояд аввал ба ҳукумати интиқолии муҷоҳиддон дар Кобул роҳбари мекард. Муҳлати роҳбари ҳамагӣ 2 моҳ муқаррар гардида буд. Пас аз С. Муҷаддадӣ, бояд қудрат ба роҳбари Ҷамъияти исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ба муҳлати 4 моҳ мегузашт ва баъди ба охир расидани он дар маҷлиси Шурои аҳл-ҳалл ақд президент ба муҳлати 2 сол интихоб мешуд. Вале қабули ин қарор осон набуд. Ба гуфтаи худи С. Муҷаддадӣ, то рӯзи хуруҷи аъзои ҳукумат аз Пешовар, роҳбарони Шурои ҷиҳодӣ натавонистанд ихтилофоти худро ҳал кунанд ва ба як хулоса оянд. Инчунин, аъзои Ҳукумати интиқолӣ ҳангоми ҳаракат ба Кобул аз ҳамлаи пайравони Г. Ҳикматёр дар ҳарос буданд[3].

[1]Таҳлили вақоеъ [Матн] // Моҳномаи хабарӣ ва таҳлилии кумитаи сиёсии ҷамъияти саломии Афғонистон. – Пешовар, 1366 (1988). № 35.
[2] Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014. – С.189-190.
[3] Мубориз, А.Х.Ҳақоиқ ва таҳлили вақоеи сиёсии Афғонистон (1973-1999) [Матн] / А.Х. Мубориз. – Кобул, 2000. – С.81.

Дар ин раванд Г. Ҳикматёр таъкид кард, ки гуё «ҳукумат дар ғоибии ӯ сохта шудааст»[1] ва дастаҳои мусаллаҳи он дар натиҷаи созиш бо қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа ва Вазорати корҳои дохилӣ таҳти фармони халқиҳо, аллакай 25 апрели соли 1992 вориди Кобул шуданд. Бояд гуфт, ки барои таъмини ҳамкорӣ бо Г. Ҳикматёр бо супориши роҳбарияти олии ҳизби ҳокими «Ватан» ва Ҷумҳурии Афғонистон намояндаи М. Наҷибулло генерал Рафӣ ба назди Г. Ҳикматёр омад. Ҳамзамон, тоҷикон дар зери роҳбарии ҳизби «Ватан» бо А. Масъуд ва Б. Раббонӣ робита барқарор карданд.

Дар ҳоле ки роҳбарони Эътилофи ҳафтгона дар бораи аъзои ҳукумати оянда ба муддати дароз ба мувофиқа омада натавонистанд, фармондеҳони саҳроӣ дар дохили давлат тасмим гирифтанд, ки барои ба даст овардани ҳокимият ва ташкили мақомоти ҳукумат дар Кобул кӯшиш намоянд. Ин вазифаҳои стратегӣ дар ҷаласаи фармондеҳони саҳроии саросари Афғонистон, ки 19–21 октябри соли 1990 дар Шоҳ Салим дар марзи Бадахшон ва Покистон баргузор шуда буд, барасӣ гардиданд. Табдили ҷангсолорон ба як нерӯи мустақил дар Пешовар, созмони истихбороти Покистон (ISI)-ро он замон ба ташвиш овард. Қ. Искандаров далели инро омадани худи роҳбари ISI генерал Носир Дурронӣ ба ҷаласаи фармондеҳони саҳроӣ дар Шоҳ Салим медонад, ки ҳамчунин масъалаи ташкили Шурои фармондеҳони саҳроӣ баррасӣ гардид[2].

Маҳз, бар асоси қарорҳое, ки дар ҷаласаи фармондеҳони саҳроӣ қабул шуда буд, озод кардани минтақаҳо ва ташкили мақомоти нав дар саросари кишвар аз Бадахшон оғоз ёфт. Аммо то баҳори соли 1992, бинобар тақсимшавии нерӯҳо дар ҳизби ҳоким ва давлат, тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Ин пеш аз ҳама, дар шиддат гирифтани зиддиятҳои байни қавмҳо ва сафбандии нави нерӯҳои сиёсӣ ифода меёфт.

---

[1] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – С.86.
[2] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / К.Искандаров. – Душанбе, 2004. – С. 331.

Пас аз он ки Мазори Шариф ба дасти эътилофи нав гузашт, дар Ҷабал-ус-Сироҷ (вилояти Парвон) як нишасте баргузор гардид, ки дар он раиси Ҷамъияти исломӣ А. Масъуд, ҳайати Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон (ҲВИА), фармондеҳи дивизияи 53-уми пиёдагарди Вазорати дифоъ А. Дӯстум[1], роҳбари исмоилиён С.М. Нодирӣ, инчунин ҳайати Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА) ва ҷонибдорони Б. Кормал иштирок доштанд. Тибқи гуфтаи Г. Ҳикматёр, дар ҷаласа қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

а) ба ҳукумронии М. Наҷибулло хотима бахшида шавад ва Шурои иборат аз 20 нафарро таҳти сарварии А. Масъуд ва муовини ӯ С.М. Нодирӣ таъсис гардад;

б) А. Мазорӣ сарвазири ҳукумати оянда, А. Дӯстум вазири дифоъ ва А. Вакил, ки ин вазифаро дар назди президент Наҷибулло иҷро кардааст, вазири корҳои хориҷӣ таъйин карда шавад;

в) нахуст, дар шимоли кишвар ва сипас, дар пойтахт мақомоти эътилофӣ таъсис дода шавад[2].

Бо ин ё он роҳ, таъхир дар ташкили ҳукумат дар Пешовар, воқеан бисёр роҳбаронро, ки аз ҷунбишҳои гуногуни сиёсии исломӣ намояндагӣ

---

[1] Абдурашид Дӯстум соли 1953 дар деҳаи Хоҷаи Дукуҳи вилояти Шибирғон дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Миллаташ узбек. Роҳбари Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон буда, унвони ҳарбии маршалро доро мебошад. Таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, дигар мактаб нахондааст. Дар қисмҳои дессантии артиши Афғонистон дар давраи низоми ҷумҳурии Довудхон хизмат карда, баъдан ба сифати коргар дар корхонаи истихроҷи нафти Шибирғон фаъолият кардааст. Соли 1979 ба Ҳизби халқӣ – демократии Афғонистон дохил мешавад, аз соли 1980 корманди мақомоти бехатарии Афғонистон хидмат кардааст. Дар шаҳри Тошканд дар курсҳои 3 моҳа таълим гирифта, аз соли 1983 қумандони баталён, қумандони бригадаи қавмӣ (малиша) интихоб гардидааст. Соли 1986 унвони олии Ҷумҳурии Демократии Афғонистон «Қаҳрамони Афғонистон»-ро гирифтааст. Дар мубориза бар зидди мухолифони ҶДА, аз ҷумла дар пахш кардани табаддулоти Ш. Танай саҳми фаъол дошт. Соли 1992 ба тарафи муҷоҳиддин гузашта, дар сарнагун кардани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло нақши калон бозидааст. Моҳи феврали соли 1993 ҷонишини вазири дифоъ дар ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ гардид, дар ин давра ба Б. Раббонӣ хиёнат карда, 1 январи соли 1994 ба Г. Ҳикматёр барои барканор кардани Б. Раббони пайваст, вале ноком шуданд. Солҳои 1994–1996 бо «Толибон» ҳамкорӣ мекард. Моҳи декабри соли 2001 ҷонишини вазири дифоъ дар ҳукумати Ҳ. Карзай интихоб гардид. Соли 2004 номзадии худро ба президентӣ гузошт ва бо гирифтани 10%-и овози интихобкунандагон мақоми чаҳорумро касб кард. Соли 2005 сардори ситоди фармондеҳии олии нерӯҳои мусаллаҳи Афғонистон таъйин шуд. Соли 2008, пас аз ҳамла ба шарики собиқаш Акбарбой, ӯ аз вазифааш барканор гардид. Охири соли 2009 сардори ситоди Фармондеҳии Олии Афғонистон гардид. Солҳои 2014–2020 муовини якуми раисҷумҳури Афғонистон интихоб шудааст. Моҳи августи соли 2021 баъди ба сари қудрат расидани «Толибон» дар Афғонистон ба Ҷумҳурии Узбекистон фирор кард ва ҳоло дар Туркия зиндагӣ мекунад.

[2] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то суқути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – С.86.

мекарданд, ба ташвиш оварда буд. Фармондеҳони саҳрой метарсиданд, ки шояд А. Масъуд ҳокимиятро дар Кобул ба даст гирифта, бе иштироки роҳбарони Пешовар ҳукумати худро ташкил кунад. Онҳо аз овозаҳо дар бораи таъсиси Шурои исломӣ, ки гӯё коммунистонро дар бар мегирад, нигарон буданд[1].

Яке аз хатогиҳои А. Масъуд, бино ба гуфтаҳои худи ӯ, муносибати манфии ӯ ба нақшаи СММ барои таъсиси ҳукумати эътилофӣ буд. Бо исрор аз ташкили ҳукумат дар Пешовар ӯ нақши СММ-ро амалан рад кард. Ин вазъ, ба гуфтаи С.М. Регистонӣ, оғози бархӯрдҳои сиёсии ҳукумати исломӣ буд, ки Покистон нақшро аз СММ[2] даҳ маротиба бузургтар бозидааст. Рӯзи 25 апрел, ба гуфтаи худи Г. Ҳикматёр, нерӯҳои Ҳукумати муваққатии Афғонистон (ҲМА) ба Кобул ворид шуда, қароргоҳи президент, бинои ҳукумат, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои муҳимро ишғол карданд.

Ин дар натиҷаи найрангбозиҳои мансабдорони аршади расмии пушту, он замон ҳанӯз қудрат, ба генерал М. Рафи, С. Лоиқ ва дигарон имконпазир гардид.[3] Бо фармони онҳо тамоми дарвозаҳо дар назди отрядҳои Г. Ҳикматёр, аз ҷумла дарвозаи Арк (қароргоҳи подшоҳони собиқ)-и қасри президент, Кумитаи марказии «Ватан» ва ғайра кушода шуданд.

Мувофиқи маълумотҳо Г. Ҳикматёр қабл аз ҳамла ба Кобул рӯзи 24 апрел тавассути телефон бо А. Масъуд суҳбат карда буд. А. Масъуд қатъиян талаб кард, ки аз ҳамла даст кашад, зеро М. Наҷибулло истеъфо дод ва Шурои низомӣ комилан барои интиқоли қудрат ба Ҳукумати интиқолӣ омода мебошад. А. Масъуд ҳушдор дод, ки ҳамла боиси марги одамони бегуноҳ ва хароб шудани шаҳр хоҳад шуд. Аммо Г. Ҳикматёр нақшаҳои дигар ҳам дошт. Ӯ ҳукумати интиқолиро эътироф накарду онро амрикой номида, мехост пойтахтро ишғол кунад ва бо ихтиёри худ ҳукумат ташкил кунад.

---

[1] Али, Х. Шурои сартосарии қумандонони Афғонистон [Матн] / Х. Али. – Кобул, 1991 – С.120-123.
[2] Азимӣ, Н. Урду ва сиёсат [Матн] / Н. Азимӣ. – Кобул, 1994. – С. 555-557.
[3] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук . – С. 335.

Дар байни нерӯҳои эътилофи нав ва муҷоҳиддини Г. Ҳикматёр барои аз Кобул ронда шудани онҳо ҷангҳо сар шуданд. Нерӯҳои Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон (ҲВИА) ва Иттиҳоди исломӣ барои озодии Афғонистон (ИИБОА) низ вориди пойтахт шуданд ва аз фурсат истифода карданд, то қисматҳои шаҳрро ишғол кунанд.

Гулбиддин Ҳикматёр маҷбур шуд, ки ба нерӯҳои худ фармон диҳад, то аз Кобул хориҷ шаванд. Чуноне ки муҳаққиқ Қ. Искандаров дар рисолаи доктории худ қайд кардааст, шаҳри Кобул пойтахти Афғонистон миёни чор гурӯҳи низомӣ-сиёсӣ тақсим гардид. Қисмҳои шимолу ғарбӣ ва маркази шаҳр якҷоя бо қасри президент ба ихтиёри ҶИА (А. Масъуд) гузаштанд. Дар қисми ҷанубу ғарбии шаҳр ҳизби шиаҳо «Ваҳдат» ва ИИБОА ҷойгир карда шуданд. Майдони фурӯдгоҳи пойтахтро сарбозони генерал Дӯстум ишғол карда буданд ва дар қисми ҷанубӣ, ҲИА Г. Ҳикматёр мавқеъ гирифт[1].

Сарфи назар аз боварии бисёр сиёсатмадорон ва фармондеҳон А. Масъуд бо вуҷуди таъхир дар ташкили ҳукумат дар Покистон ҳукуматро ташкил накард ва интизори ба пойтахт омадани аъзои Ҳукумати интиқолӣ бо сарварии С. Муҷаддадӣ шуд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки А. Масъуд дар мулоқот бо аҳолии шимол гуфт: «Вақте ки Кобул забт карда шуд ва муҷоҳиддин ба он зафар ёфтанд, баъзеҳо гумон карданд, ки ман қудратро ба таври якҷониба ба дасти худ мегирам ва ҳайати ҳукуматро эълон мекунам. Ман ин пирӯзиро шоистаи як шахс ё як ҳизб намешуморам, зеро намояндагони ҳама қавмҳо ва ҳизбҳо дар ҷиҳод ширкат варзиданд. Аз ин рӯ, ҳукумат бояд бо иштироки ҳама тарафҳо ташкил мешуд. Бо назардошти ин аз «ИИМА-7» хоҳиш кардам, ки сари мизи музокирот нишаста, мушкилиро ҳал кунанд»[2].

Вазири мудофиа ва роҳбари Ҷамъияти исломӣ А. Масъуд низ барои кори нокифоя оид ба таъмини қойдае дар пойтахт ва ҳифзи амнияти раиси Ҳукумати интиқолӣ мавриди интиқод қарор гирифт. Ӯ роҳбарони дигари

---

[1] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [текст]: дисс... д-ра истор. наук – С.336.
[2] Марде устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур [Матн]. – Машҳад, 1999. – С.281-282.

аҳзоби ҳафтгонаро барои ҳамкорӣ накардан бо ҳукумат танқид кард. Зимнан ӯ аксар вақт аз номбар кардани номи роҳбари мушаххас худдорӣ мекард. Суханрониаш барои баланд бардоштани нақши шахсии раиси Ҳукумати интиқолӣ равона шуда буданд, ки сарфи назар аз таҳдидҳо, хатар ва тахрибкории роҳбарони ҳизбҳои дигар «масъулияти бузурги қабули давлати исломиро аз коммунистҳо» ба зиммаи худ гирифт.

Ҳамзамон, С. Муҷаддадӣ дар бораи манфиатҳои шахсии худ, ки дар ин вазифа ба даст оварда буд, хомӯш монд. Бино ба навиштаи муҳаққиқи афғонистонӣ А.Х. Мубориз дар солҳои ҷиҳод беморхонаи С. Муҷаддадӣ дар Пешовар кор мекард. Он бо пули барои муҷоҳиддини маҷрӯҳ пешбинишуда сохта шуда буд. Аммо, С. Муҷаддадӣ ин бемористонро ба М. Носири покистонӣ ба маблағи 10 миллион доллар фурӯхта буд. То ҳол маълум нест, ки ӯ 10 миллион долларро бо кадом мақсад сарф карда ва дар кадом суратҳисоб гузошта буд, ки онро Н. Шариф сарвазири Покистон ҳангоми сафари охиринаш ба Кобул ба ӯ тақдим кардааст[1].

Баъди ба поён расидани муҳлати думоҳаи роҳбарии С. Муҷаддадӣ тибқи созишномаҳои Пешовар, ба ҷойи ӯ роҳбари Ҷамъияти исломии Афғонистон (ҶИА) Б. Раббонӣ интихоб карда шуд.

Ҳамин тариқ, қавмгароӣ, исломгарӣ ва падидаҳои дигари номатлуби дар дохили Афғонистон ба миёномада сади роҳи ташкили ҳукумати ҳамашумулро мегирифт. Ин зиддиятҳо имкон намедод, ки давлати мутамарказ ва таъсирасон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил карда шавад. Ҳар гурӯҳ бо истифода аз имконоти худ мехост мақом дошта бошад. Фаъолияти ҳукумати ташкилшуда бо сарварии С. Муҷаддадӣ нишони нотавонии ӯ ва дигар атрофиёнаш буд. Дар радифи низоъҳои дохилӣ, инчунин, дахолати кишварҳои хориҷӣ ва сарпарастии нерӯҳои ифротӣ аз ҷониби онҳо монеи ба ҳам омадан ва ташкили ҳукумати ҳамашумул мегардид. Давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо дарназардошти

---

[1] Мубориз, А.Х. Ҳақоиқ ва таҳлили вақоеи сиёсии Афғонистон (1973-1999) [Матн] / А.Х. Мубориз. – Кобул, 2000. – С.88.

манфиатҳои хеш ба равандҳои сиёсии Афғонистон назар менамуданд. Аксар саркардаҳои сиёсию низомӣ ҳадафи пуштибонӣ аз манфиатҳои умумӣ надошта, бо назардошти баромади этникии худ амал менамуданд. Худи С. Муҷаддадӣ яке аз онҳо буд, ки дар саргаҳи дасисаву бозиҳои сиёсӣ дар Афғонистон қарор дошт.

# БОБИ II. ИХТИЛОФҲО БАЙНИ ГУРӮҲҲОИ СИЁСИЮ НИЗОМИИ ИСЛОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ МУТАМАРКАЗ

## 2.1. Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ: сабабҳо ва паёмадҳои он

Таҳлили вазъи сиёсии Афғонистон нишон медиҳад, ки дар солҳои 90-уми асри XX бо тағйироти сиёсӣ вазъ боз ҳам мураккаб гардид. Гурӯҳҳои мухолиф дар муддати кутоҳ ҷиҳати соҳиб шудан ба қудрати сиёсии кишвар мубориза байни худ оғоз намуданд. Тавре ки ишора рафт, С. Муҷаддадӣ нақша дошт, ки дар қудрат на ду моҳ, балки ду соли комил бимонад. Аммо тибқи маълумоти мавҷуда А. Масъуд бо исрор иҷрои қатъии созишномаҳои Пешоварро талаб мекард. Аз ин рӯ, С. Муҷаддадӣ дар муқобили А. Масъуд нақши генерал А. Дӯстумро сарфи назар аз он ки «сипоҳиён»-и ӯ дар назди М. Наҷибулло барои ҳамаи афғонҳо ҳамчун «муборизони ҷасур алайҳи муҷоҳиддин» шинохта шуда буд, баланд бардоштан гирифт.

Тибқи навиштаҳои донишманди эронӣ Ч. Паҳлавон, «С. Муҷаддадӣ дар муддати ду моҳи сарварии худ ба чунин мушкилот замина гузоштааст, ки то рӯзи охирини аз қудрат рафтан ва ҳатто баъд аз он боқӣ мондааст. Онҳо эҷоди як эътилофи пойдор байни муҷоҳиддин ва қавмҳои ғайрипуштуро ғайриимкон карданд»[1].

Дар ин раванд Гулбиддин Ҳикматёр ҳамлаҳои мушакиро ба Кобул шадидтар кард. Омили ин ҳамлаҳо норозигии ӯ гӯё аз ҳузури нерӯҳои генерал Абдурашид Дӯстум аст, ки бо низоми собиқ коммунистӣ ҳамкорӣ мекард. Дар асл мақсади асосии ӯ мубориза барои мансаби президентӣ буд. Ҳикматёр омода буд, ки барои пешгирӣ аз тақвияти қудрати президент Бурҳониддин Раббонӣ ҳар гуна ҷиноятҳоро содир кунад. Г. Ҳикматёр мақоми сарвазириро дар аввалин ҳукумати интиқолии С. Муҷаддадӣ ба даст оварда буд, вале ӯ таҳти фармони касе кор карданро пастар аз шаъну шарафи худ медонист. Президент Б. Раббонӣ низ вазифаи сарвазириро ба Г. Ҳикматиёр дод. Ӯ дар навбати худ ба яке аз фаъолони ҳизби худ, Фарид

[1] Паҳлавон, Ч. Афғонистон, асри муҷоҳидин ва баромадани толибон [Матн]. – Теҳрон, 1999. – С.33.

супориш дод, ки ин вазифаро ба ухда гирад[1]. Бо ин таъйинот ӯ ду ҳадафро пеш гирифт:

якум, баҳонаи «тоҷикунонӣ»-и давлат (Фарид тоҷик буд) ва айбдор намудани Б. Раббонӣ бо ҷурми маҳдуд кардани ҳуқуқи пуштуҳо;

*дуюм,* аз Кобул хориҷ будан ба ӯ имкон медод, ки шаҳрро бе ягон мамоният тирборон кунад ва баъдтар чунин ҳам кард. Инчунин, ӯ ба сарбозони худ фармон дод то роҳи Парвон-Кобулро, ки озуқаворӣи пойтахт тавассути он сурат мегирифт, банданд. Ба тариқи дигар, бастани роҳҳои таъминоти «худаш», Г. Ҳикматёр ба таблиғи шадиди тезиси замони Нодирхон шуруъ кард, ки «мардуми форсизабон Кобулро ишғол кардаанд». Ӯ зимни муроҷиат ба пуштуҳои Пактиё гуфт: «Ҳей, пактиён! Шумо бо пакул (сарпӯши миллӣ) ва саллаи худ дигар ба Кобул рафта наметавонед»[2]. Тибқи гуфтаи А. Масъуд, Г. Ҳикматёр ба ҳиссиёти қавмии пуштуҳо таъсир расонида, мушкилоти миллиро тавре муаррифӣ кард, ки ҳатто ашаддитарин миллатгароёни пушту натавонистанд бо чунин як иғвогари хатарнок бираванд.

Ҳамзамон, ба ҳукумати Б. Раббонӣ, бар хилофи нахустин давраи гузариш, намояндагони ҳама ҳизбҳо ва гӯруҳҳое, ки аз онҳо ҷудо шуданд, шомил буданд. Равандҳои минбаъда нишон додаанд, ки масъала на дар ҳайати ҳукумат, балки дар ғаразҳои роҳбарони ҳизбҳо, дахолати кишварҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама Покистон буд, ки Б. Раббонӣ ва А. Масъудро қабул надоштанд. Вале ин маънои онро надорад, ки президент Бурҳониддин Раббонӣ ва атрофиёнаш ба хатогӣ роҳ надодаанд. Президент, бо вуҷуди ҳама заҳматҳо ва кӯшишҳояш, натавонист ба ташкили давлати мутамарказ ноил гардад.

То охири муҳлати роҳбарии Б. Раббонӣ Афғонистон мувофиқи принсипи «танзимӣ» («гурӯҳҳои ҳарбӣ-сиёсӣ») идора мешуд, ки ҳар кадом мустақил буданд. Нерӯҳои давлатӣ танҳо аз қисмҳои ҶИА иборат буданд. Б.

---

[1] Имомов, Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе: Дониш, 2013. – С.238.

[2] Марде устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур [Матн]. – Машҳад, 1999. – С.289.

Раббонӣ маҷбур шуд, ки ба фармондеҳони дигар маблағҳои калон пардохт намояд, то онҳо ба президент содиқ монанд. Бо ин мақсад, дар Русия миқдори зиёди пул бароварда шуд, ки ин ба афзоиши сатҳи таваррум оварда расонд. Дар ин ҷо бояд вазъи ногувори худи президенти давлатро ба эътибор гирифт. Б. Раббонӣ дар зери фишори ҳарду ҷониб қарор дошт. Гурӯҳҳои ғайрипушту ӯро ба он айбдор карданд, ки зери таъсири пуштуҳо (алахусус, А.Р. Сайёф) дар бораи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои этникӣ ғамхорӣ намекунад.

Пуштуҳо дар навбати худ, ӯро ба он гунаҳгор мекарданд, ки дар атрофи худ танҳо бадахшониёнро гирд овардааст. Ҳайати ҳукумати президент Б. Раббониро поёнтар мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ҳоло дар бораи интихоботи президентӣ дар ҷаласаи «Шурои ҳаллу ақд» чанд нуқтаро бояд шарҳ диҳам:

Тартиби интихоботро дар Шуро созишномаҳои Пешовар муайян карда буданд. Вакилон мебоист президентро ба муҳлати 2 сол интихоб мекарданд. Шурои ҳаллу ақд дар охири моҳи декабри соли 1992 дар Кобул баргузор гардид. Г. Ҳикматёр ва дигар мухолифони Б. Раббонӣ фаҳмиданд, ки интихобот ба президенти оянда ваколату салоҳияти комил медиҳад, аз ин рӯ, онҳо кӯшиш карданд, то ин чорабинии сиёсӣ баргузор нашавад. Кори Шуро дар зери оташи мушакии ҷангиёни Г. Ҳикматёр сурат гирифт. Бо вуҷуди ин, Б. Раббонӣ 917 овози тарафдор, 59 мухолиф ва 360 бетараф гирифт ва Раиси Давлати Исломии Афғонистон (ДИА) интихоб шуд[1].

Бояд зикр намуд, ки дар ҷаласаи Шурои ҳаллу ақд намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои асосии қавмҳои Афғонистон, махсусан пуштуҳо, тоҷикон, ҳазораҳо, узбекҳо, балуҷҳо, инчунин намояндагони рӯҳониёни мусулмон, шахсони бонуфуз, пешвоёни қабила ширкат варзиданд. Ҳизби исломии Афғонистон, намояндаи Муҳаммад Зоҳиршоҳ ва дигарон барои ғайриқонунӣ ҳисоб кардани Шуро зоҳиран асос доштанд. Ҳатто намояндагони он ҳизбҳо буданд, ки пас аз мулоқот натиҷаҳои интихоботро эътироф накарданд. Дар айни замон, баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки баъзе аз вакилон шояд

[1] Марде устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур [Матн]. – Машҳад, 1999. – С.275.

ҳангоми интихобот ришва гирифта бошанд. Инчунин, вайронкунии расмиёти интихобот аз ҷониби Нурулло Имод[1] (намояндаи ҶИА) рух дода буд, ки дар оянда рақибони президентро ба ғайриқонунӣ эълон кардани интихобот баҳона шуд.

Асоси даъвои онҳо дар он ифода меёфт, ки Б. Раббонӣ бидуни алтернатива (рақиб) интихоб мешуд ва овоздиҳии пинҳонӣ баргузор нашуд. Г. Ҳикматёр пас аз интихобот Шуроро «ғайриқонунӣ»[2] номид ва ҳамлаҳои мушакии худро шадидтар кард.

Дар ин вазъ, сардори ISI Покистон генерал Ҳамид Гул ва роҳбари Ҳизби Ҷамоати Исломии Покистон ба Кобул омаданд ва дар ҳалли низоъ миёнаравӣ карданд. Онҳо Б. Раббониро ба Исломобод даъват карданд, то бо Г. Ҳикматёр мулоқот кунад. Кормандони ISI барномаи музокирот ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои ташрифи президент омода карданд. Ҳамааш бо дархости Г. Ҳикматёр анҷом дода шуда буд. Матни созишнома пешакӣ омода гардида, мебоист онро Б. Раббонӣ имзо мекард.

Дар музокирот сарвазири Покистон Навоз Шариф, намояндаи шоҳи Арабистони Саудӣ Турки ал Файсал ва ҳайати Эрон ширкат варзиданд. Г. Ҳикматёр исрор меварзид, ки мансабҳои президент ва вазири дифоъ набояд ба як ҳизб мансуб бошанд. Ӯ кӯшиш кард то ҳозиринро бовар кунонад, ки «ҳамаи задухӯрдҳои охир натиҷаи мутамарказгардонии ин ду мансаб дар зери назорати як тараф буданд». Дар айни замон, дар бораи тирборон кардани шаҳр бо баҳонаи ҳузури ҷангиён Дӯстум ҳарфе нагуфт. Дар ҷаласа таҳти фишори Н. Шариф ва Турки ал Файсал созишномае ба имзо расид, ки муҳлати президентии ҷумҳуриро аз 2 сол то 18 моҳ коҳиш медод. Созишнома салоҳиятҳои президент ва сарвазирро муайян кард. Дар асоси ин созишнома Г. Ҳикматёр сарвазир таъйин карда шуд. Созишнома ташкили ҳукумат, комиссияҳои интихоботӣ, Шурои мудофиа ва баъзе дигар сохторҳоро

---

[1] Мубориз, А.Х. Ҳақоиқ ва таҳлили вақоеи сиёсии Афғонистон (1973-1999) [Матн] / А.Х. Мубориз. – Кобул, 2000. – С.156.

[2] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ. – С.148.

пешбинӣ мекард[1]. Пас аз имзои созишнома аз ҷониби роҳбарони ҳизб, Н. Шариф ҳам дар он имзо гузошт. Сипас, ҳайат ба Арабистони Саудӣ ва Эрон сафар кард, ки шоҳ Фаҳд ва президенти Эрон Рафсанҷонӣ имзоҳои худро гузоштанд.

Баъзе муҳаққиқон Б. Раббониро бо он айбдор мекунанд, ки ба ин васила худи президент қарори Шурои ҳаллу ақдро бекурб кард, яъне бо дархости сардори хадамоти иктишофии як кишвари хориҷӣ (ISI) ӯ қарори мақомоти олии намояндагии ҳукуматро бекор кард. Вакилони Шуро ин иқдоми президентро ҳамчун таҳқир арзёбӣ намуданд. Норозигии худро аз амали президент А. Масъуд низ изҳор кард.

Ба гуфтаи А.Ҳ. Мубориз матни ин созишномаро покистониҳо ба забони англисӣ омода кардаанд ва маълум мешавад, ки Б. Раббонӣ онро ҳатто нахонда, имзо кардааст.[2] Бешубҳа Б. Раббонӣ ҳам аз чап ва ҳам аз рост танқид мешунид. Агар ӯ намеомад ва созишномаро имзо намекард, мухолифон ин амали ӯро ҳамчун мухолифи мусолиҳа ва созиш барои таҳкими сулҳ мешумурданд. Бо имзои созишнома, низ ӯ низ мавриди танқид қарор гирифт.

Дар ин раванд Б. Раббонӣ зери фишори шадид қарор дошт. Маълум нест, ки Г. Ҳикматёр ва ҳампаймонони покистониаш бо мақсади ба имзои созишнома водор кардани Б. Раббонӣ ба чӣ гуна таҳдиду найрангҳо роҳ дода буданд. Эҳтимолан Б. Раббонӣ боварӣ дошт, ки бо имзои ин санад ӯ кафолати дахолат накардани Покистон ва хатми ҷангро аз ҷониби Г. Ҳикматёр ба даст меорад. Бо ин амали худ Б. Раббонӣ маъмурияти худро ҳамчун сарвари давлат зери хатар гузошт. Аммо ҳамлаҳои Г. Ҳикматёр на танҳо қатъ нашуданд, балки боз ҳам шадидтар шуданд. Мулоқоти роҳбарони ҳизбҳои исломии Афғонистон дар Теҳрон, Арабистони Саудӣ ва Ҷалолобод баргузор шуд, ки дар он қарорҳо қабул карда шуданд. Аммо Г. Ҳикматёр пайваста

---

[1] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то суқути ҳукумати эътилофӣ. – С.154.

[2] Мубориз, А.Х. Ҳақоиқ ва таҳлили вақоеи сиёсии Афғонистон (1973-1999) [Матн] / А.Х. Мубориз. – Кобул, 2000. – С.156.

онҳоро риоя намекард. Ӯро дубора сарвазир таъйин карданд, ба умеде, ки ин ҷангро хотима бахшад. Вале Г. Ҳикматёр дар Чоросёб (20 км аз Кобул) монд ва дар он ҷо ҷаласаҳои Ҳукуматро баргузор мекард. Дар воқеъ, дар тӯли тамоми давраи кораш ба президент Б. Раббонӣ як рӯзи ором надоданд, то воқеан бо мушкилоти давлату давлатсозӣ машғул шавад.

Ҷонибдорони ҶИА талаб доштанд, ки ба таркиби ҳукумати муҷоҳиддин холисона ва содиқона назар карда шавад. Ҳукумат аз намояндагони ҶИА, ҲИА (Г. Ҳикматёр), ҲИА (Ю. Холис), Ҳаракати Инқилоби Исломии Афғонистон (ҲИИА) бо роҳбарии М.Н. Муҳаммадӣ, ҲИИА (ҷиноҳи Мансур), ҲИИА (ҷиноҳи Музин), Ҷамъияти наҷоти миллии Афғонистон (ҶНИА) Иттиҳоди исломӣ барои озодии Афғонистон (ИИБОА), Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон (ҶМИА), Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон (ҲВИА), (ҷиноҳи А.А. Мазорӣ), ҲВИА, ҷиноҳи М. Акбарӣ), ҲИА (А. Мухсинӣ[1]) ва ғайра, иборат буд. Давлат дар баробари ин намояндагони дигар ташкилотҳои хурдро низ ба монанди «Ҷамоат-ал-даъват-ал-Қуръон ва сунат», «Доияи иттиҳоди исломии Афғонистон», намояндагони Зоҳиршоҳ ва намояндагони фирқаи исмоилия, баъзе намояндагони ҷунбишҳои мустақилро ба мисли «Аҳли сунат ва ташаю»[2], гурӯҳи Файзониро муттаҳид мекард.

Яке аз омилҳои шиддат гирифтани ихтилофҳои байниҳизбӣ, ки хислати қавмиро гирифта буданд, тақвият пайдо кардани ин гурӯҳҳои низомӣ-сиёсӣ, болоравии ҳисси худшиносии ақаллиятҳои ғайрипушту ба ҳисоб меравад. Дар солҳои ҷанги дохилӣ Ҳазораҷот ва Нуристон, ки аз сабаби дурдастӣ аз назари ҳукумати марказӣ дур монда буданд, аслан ба сари худ мустақил

[1] Шайх Муҳаммад Осиф Мухсинӣ – роҳбари «Ҳаракати исломии Афғонистон», соли 1935 дар деҳаи Бозори Тупхонаи Қандаҳор ба дунё омадааст. Миллаташ пушту. Таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта ва баъдан дар Ироқ таҳсилро давом додааст ва якчанд муддат дар Ироқ ба муаллимӣ низ машғул шудааст. Дар солҳои 1950–1960 яке аз роҳбарони шиаҳои Афғонистон ба ҳисоб мерафт. То Инқилоби Савр ҷамъияти фарҳангии «Субҳи дониш»-ро ташкил намуд, ки дар асоси он соли 1978 дар Эрон «Ҳаракати исломии Афғонистон» ба вуҷуд омад. Аъзо ва дастаҳои мусаллаҳи ин ҳизб дар Қандаҳор, Ҳирот, Мазори Шариф ва Бомиён фаъолият мекарданд. Соли 1980 муносибати Муҳсинӣ бо руҳониёни Эрон хароб гардид ва ӯ қароргоҳи худро ба Кветтаи Покистон интиқол дод. Охири соли 1989 ҳамаи созмонҳои шиа муттаҳид шуда, ҳизби «Ваҳдат»-ро ташкил доданд, аммо ҳизби Муҳсинӣ, ки ягона роҳбари шиаи пушту аст, ба он дохил нашуд. Баъд аз ташкили Давлати исломии Афғонистон бо он ҳамкорӣ мекард ва мақоми раиси Суди махсуси инқилобиро ба уҳда дошт.

[2] Исо, М. Ҷамъияти исломӣ дар як нигоҳ [Матн] / М. Исо // Уммат. – 2000. – №3. – август. – С.43.

гаштанд. Инчунин, дигар вилоятҳои Афғонистон ҳам майл надоштанд, ки мисли пештара зери асорати ашрофонӣ пуштуӣ ё қавми дигаре қарор дошта бошанд. Дар сурате ки тоҷикон, узбекҳо, ҳазораҳо, туркманҳо барои озодии Афғонистон ин қадар ҷонисориҳо карда буданд, ҳаргиз розӣ шуда наметавонистанд, дубора низоми подшоҳӣ барқарор карда шавад. Дар чунин замина моҳи майи соли 1992 дар шимоли Афғонистон Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон (ҶМИА) ташкил шуд, ки дар он намояндагони созмонҳои демократӣ ва халқҳои мазлуми Афғонистон иштирок доштанд. А. Дӯстум, роҳбари сипоҳиёни узбек, ки аз номи ҳукумати муваққати С. Муҷаддадӣ ба гирифтани лақаби Холид бини Валид мушарраф шуда буд, ба ҳайси роҳбари ҶМИА интихоб гардид. Ӯ аз минбари баланди ҷаласаи созмони мазкур чунин изҳор карда буд: «Мо ба муқобили онҳое, ки барои аҳдофи бузургманишини худ таҳти мафҳуми умумии «афғон» мавҷудияти халқҳо ва қавмҳои дигари Афғонистонро инкор мекарданд, қатъиян мубориза мебарем. Мо ба гурӯҳҳои тахрибкоре, ки дар зери парчами сабзи исломӣ мехоҳанд ҳукмронии низоми қабилагароии фашистиро абадӣ гардонанд, ҳаргиз муросо карда наметавонем»[1].

Аслан, ин изҳорот ба Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр дахл дошт, ки манфиати пуштуҳоро аз манфиати дигар халқҳои мамлакат болотар медонисту хусусияти миллатгароӣ дошт. Умуман, барои ҳама сиёсатмадорони пуштузабон қабилагароӣ ва худро аз дигарон боло донистан як фаризаи табиӣ гардида буд, ки ин аз назари ҳама ходимони сиёсӣ ва иҷтимоии ғайрипушту дур намонда буд.

Омили миллӣ (этникӣ) дар шидатнок шудани вазъи дохилӣ ва тақсимбандии танзимҳои муҷоҳиддин ва аҳзоби сиёсии ин давра накши муҳим дошт. Лекин Аҳмадшоҳи Масъуд дар яке аз мусоҳибаҳои матбуотии худ таъкид намуда буд, нақши омили қавмӣ на ба он дараҷа аст, ки муаллифони хориҷӣ таълиф мекунанд. «Албатта наметавон аз вуҷуди ин мушкилӣ инкор кард, гуфта буд, А. Масъуд аммо ба он паймона нест, ки дар

[1] Новое время . – 1992. – №35. – С.24.

Ғарб аз он сухан ронда мешавад. Масалан, миллияти ҳазора даризабон мебошад, Ҳикматёр, ки пушту аст, ба ҳизби Ваҳдат, ки бештар аъзои он ҳазора мебошад, дар эътилоф ба сар мебаранд ва мо, ки тоҷик ҳастем, бо устод Сайёф, ки пушту аст, дар як сангар қарор гирифтаем. Ҳар гоҳ қазия дар меҳвари забонӣ ва нажод мечархид, мебоист Ҳикматёр ва устод Сайёф дар як сӯ мебуданд, дар ҳоле ки устод Сайёф бо мост ва Ваҳдат бо Ҳикматёр»[1].

Беасос набуд, ки гурӯҳсозиҳо ва табақабандиҳо миёни танзимоти муҷоҳиддин ва аҳзоби сиёсии исломӣ дар тайи чанд соли охир пайваста идома меёфт ва дигаргун мешуд. Дар ин миён ҳар кадом аз ҳизбҳои исломӣ талош меварзиданд, соҳиби қудрат бошанд. Ба ин мазмун онҳо ҳизбҳои худро ташкил мекарданд ва гурӯҳи дигареро бо тариқи тафриқа ва роҳҳои гуногун ба тарафи худ мекашиданд. Вале як ҳақиқат ошкор шуда буд, хеч кадом аз ҳизбҳои исломӣ наметавонист, ки танҳо ба яке аз қавмҳои Афғонистон такя намуда, соҳиби қудрат гардад. Аммо дар ин миён роҳбари Ҳизби исломӣ Г. Ҳикматёр бо тундравӣ ва ифротгарии худ машҳур гашта буд, ки ба ҳеч ваҷҳ ҳукумати С. Муҷаддадиро эътироф кардан намехост ва дар давоми моҳҳои май ва июни соли 1992 чандин маротиба шаҳри Кобулро мавриди оташи тӯп ва ракетаҳо қарор дода, ба шаҳр талафоти вазнин расонид. С. Муҷаддадӣ ӯро қотил номида, гуфта буд, ки «ӯ назар ба аскарони шуравӣ афғонҳоро бештар куштааст»[2].

Яке аз сабабҳои асосии ҷанги дохилӣ ин буд, ки Кобул на ба дасти аҳзоби мусаллаҳ ва ҷангҷӯи пуштуҳои Пешовар, балки таҳти назорати фармондеҳии беҳтар муташаккил ва муттаҳиди тоҷикон Бурҳониддин Раббонӣ ва сарфармондеҳи ӯ Аҳмадшоҳ Масъуд ва узбекҳои шимол бо сардории генерал Абдурашид Дӯстум афтод. Барои пуштуҳо ин як осеби даҳшатноки равонӣ буд, зеро қариб 250 соли таърихи давлат (ба истисnoи ҳукумати 9 моҳаи Ҳ. Калаконӣ, соли 1929) бори аввал назорати пойтахтро аз

---

[1] Матни мусоҳибаи Аҳмадшоҳи Масъуд бо хабарнигори ҳафтаномаи «Ал ватан ал-арабия», декабри 1994.
[2] Новое время. – 1992. – №35. – С.21.

даст доданд. Вақте ки Гулбиддин Ҳикматёр пуштуҳоро муттаҳид кардани шуд, Кобулро муҳосира карда, онро беист тирборон мекард.

Сабаби дигар дар он ифода меёфт, ки на танҳо баъзе кишварҳои ҳамсоя, балки кишварҳои фароминтақавӣ низ барои ба вуҷуд омадани низоъҳои Афғонистон нақши бузург доштанд. Ҳар давлате барои манфиатҳои дохилии давлати худ ба корҳои дохилии Афғонистон мудохила мекарданд, ки ин боиси мураккаб гардидани вазъият дар ин кишвар мегардид. Ҳатто баъзе аз давлатҳои дигар дар ниқоби дӯст талош карданд, то тибқи нақшаҳои стратегии худ вазъи Афғонистонро шиддатноктар созанд.

Бо дарназардошти ин ҳама, омилҳо ва ҳадафҳои моҷароҷӯёна қудратҳои хориҷиро бо чунин тартиб мавриди барасӣ қарор додан ба маврид аст:

***Аввал,*** кишварҳои хориҷӣ, ба хусус Покистон, Эрон ва Узбекистон, аз тариқи гурӯҳҳои ба худ вобаста ҷангро дар Афғонистон доман мезаданд;

***Дувум,*** кишварҳои Ғарбӣ ва Амрико аз овони пирӯзии ҳукумати исломӣ Афғонистонро фаромуш карданд;

***Севум,*** роҳҳои асосӣ тавассути мухолифин ва кишварҳои ҳамсоя қатъ карда шуданд.

Бояд гуфт, ки пас аз барҳамхӯрии давлати Шуравӣ, ҳукумати Покистон талош кард, то ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ роҳи заминиро боз намояд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон монеаи асосӣ буд, ки тамоми роҳҳо аз он мегузаштанд. Акнун дар назди сиёсатмадорони Покистон ду роҳ пеш омад: ё дастгирӣ ба Ҳикматёрро ҷиҳати ба қудрат расидани дӯсти пуштуи худ дар Кобул идома медиҳад ва ё ӯ аз роҳи худ бармегардад ва талаб мекунад, ки байни ҳамаи ҷонибҳои афғонӣ созиш шавад, новобаста аз он ки ба пуштуҳо арзише дошта бошад. Чунин ҳукумати устувор метавонист роҳҳоро ба Осиёи Марказӣ кушояд.

Кишварҳои Ғарб ва Амрико, дар аввал муҷоҳиддинро ҳамаҷониба бар зидди Иттиҳоди Шуравӣ дастгирӣ мекарданд. Дар китоби Аҳмад Рашид «Толибон нафт ва бозии бузурги ҷадид» омадааст: «Иттиҳоди Шуравӣ барои ғалаба бар муҷоҳиддин соле 5 миллиард доллар ё дар давоми солҳои ҳузури

шуравӣ тақрибан 45 миллиард доллар сарф кард. ИМА барои кумак ба муҷоҳиддин дар солҳои 1980–1992 4-5 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст. Арабистони Саудӣ ҳам ҳамин маблағро харҷ кард ва якҷоя бо ёрии дигар кишварҳои аврупоиву исломӣ муҷоҳиддин беш аз 10 миллиард доллари дигар дарёфт карданд. Қисми зиёди ин ёрӣ дар шакли яроқи марговари ҳозиразамон буд, ки ба деҳқонони одӣ дода мешуданд ва онҳо хеле самаранок онро истифода мебурданд»[1]. Баъди ба қудрат расидани муҷоҳиддин дар мафкураи кишварҳои Ғарб ва ИМА чунин фикрҳо пайдо гардиданд, ки бо пирӯзии ҳукумати исломӣ ва таъмини амният дар Афғонистон бунёдгароёни исломӣ ва ихвониҳо соҳиби қудрат мешаванд ва аз тариқи аслиҳа низ ба кишварҳои мо таҳдид мекунанд.

Маълум буд, ки Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр бо давлати Покистон ва созмони истихбороти ISI иртиботи мустаҳкам дошт ва ҳамкорӣ менамуд. Покистон дар ин самт бо ИМА ва Арабистони Саудӣ паймони шарикии стратегӣ доштанд ва то ҳол доранд. Аз ин лиҳоз, Г. Ҳикматёр мебоист аз рӯйи гуфтаҳои онҳо амал кунад.

Дар Ҳизби Ваҳдат, ки шиамазҳабони Афғонистонро муттаҳид мекард, ду гурӯҳ вуҷуд дошт. Қисмати аксари он бо роҳбарии Акбарӣ[2] дар Ҳазораҷот фаъолият менамуд ва аз ҳукумати марказӣ ҷонибдорӣ мекард. Қисми ақаллияти ҳизби мазкурро А. Мазорӣ роҳбарӣ мекард, ки бо ҳукумат мухолиф буд.

Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон бо роҳбарии А. Дӯстум аз тарафи Узбекистон барои манфиатҳои миллии ҳамиллатони худ дар ин сарзамин дастгирӣ карда мешуд.

---

[1] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000. – С.17.

[2] Муҳаммад Акбарӣ – роҳбари ҷиноҳи дигари «Ҳизби ваҳдати исломӣ» соли 1946 дар ноҳияи Вараси вилояти Бомиён ба дунё омадааст. Миллаташ ҳазора. Таълимоти ибтидоиро дар деҳаи Хурдак Тахта, таълимоти диниро дар назди уламоҳои динии ҳамин деҳа гирифтааст. Соли 1971, баъди хизмати аскарӣ ба Ироқ рафта, 4 сол дар ҳавзаи илмии Наҷҷаф таҳсил кардааст. Баъди бозгашт ба ватан солҳои 1976–1978 дар ноҳияи Варс ва Панҷоб ба муаллимӣ машғул шудааст. Соли 1989 дар ташкили ҳизби «Ваҳдат» нақши муҳим дошт ва аз соли 1991 то июни соли 1994 ҷонишини аввали раиси ин ҳизб буд. Аз июни соли 1995 то аввали ноябри соли 1995 раиси кумитаи сиёсӣ ва баъд аз он дар вазифаи раиси Шурои марказии ҳизби «Ваҳдат» машғули мубориза буд. Аммо дар амал аз охири соли 1993, вақте ки Мазорӣ бо Ҳикматёр ҳамроҳ гардид, ҳизби «Ваҳдат» ду қисм шуд ва Акбарӣ муттаҳиди Бурҳониддин Раббонӣ боқӣ монд. Баъд аз марги Мазорӣ зоҳиран ин ду ҷиноҳ якҷо шуданд. Баъд аз ишғоли Бомиён аз тарафи Толибон Акбарӣ ба онҳо пайваст.

Ба Ҷамияти исломии Афғонистон, ки ба он Б. Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъуд роҳбарӣ мекарданд, мебоист Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак намояд, вале дар ин давра худи Тоҷикистон даргири ҷангҳои шаҳрвандӣ буд.

Соли 1993 эҳтимолан бо кумаки созмони истихбороти Покистон (ISI) ва хадамоти махсуси Узбекистон, муносибатҳои Абдурашид Дӯстум ва Аҳмадшоҳи Масъуд печида гардид. Дар муддати тулонӣ, сарфи назар аз мунтаззам тирборон шудани пойтахт аз ҷониби Г. Ҳикматёр, ки хуруҷи қувваҳои  А. Дӯстумро аз Кобул талаб кард, Раббонӣ Дӯстумро дар Кобул нигоҳ дошт. Гузашта аз ин, президент ба А. Дӯстум он қадар эътимод дошт, ки ҳангоми сафари хориҷии худ ӯро амалан кафили роҳбари давлат таъйин кард. Яке аз сабабҳои дигари мураккаб шудани муносибатҳои Аҳмадшоҳ ва Дӯстум оғози задухӯрдҳои мусаллаҳона байни нерӯҳои Ҳаракати миллии исломии Афғонистон ва А. Масъуд дар шаҳри бандарии Шерхон буд, ки дар натиҷа нерӯҳои Дӯстум аз бандар ронда шуданд. Пас аз он, бо вуҷуди талошҳои Раббонӣ барои ҳалли мунокиша, муносибати душманона байни ду сарвар шадидтар шуд. Дар Афғонистон ва берун аз он одамоне буданд, ки дар ин кор саҳм гузоштанд. Дар натиҷа, Г. Ҳикматёр, А. Дӯстум, роҳбари ИИБОА С. Муҷаддадӣ ва як ҷиноҳи ҲВИА бо сарварии А. Мазорӣ дар шурое ба номи «Шурои ҳамоҳангсозии инқилоби исломӣ» (ШҲИИ) муттаҳид шуданд. Коршиносон дар ба вуҷуд омадани ин шуро саҳми қудратҳои хориҷиро таъкид намудаанд.

Дар ин росто беҳуда набуд, ки мулоқоти аввалини намояндагони ҲИА (Ҳикматёр) бо намояндагони А. Дӯстум дар Тошканд баргузор гардид[1]. Узбекистон бо суръати хеле баланд 20 танк ва лавозимоти ҷангиро ба миқдори зиёд ба А. Дӯстум фиристод. Ин дар арафаи нахустин сафари расмии Б. Раббонӣ ба Тоҷикистон буд, ки таваҷҷуҳи касро дар бораи нақши Узбекистон дар мунокишаи Афғонистон ҷалб  мекунад. Маҳз, дар Тошканд намояндагони А. Дӯстум ва Г. Ҳикматёр дар бораи таъсиси як ҷабҳаи

[1] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ. – Теҳрон, 2000. – С.164.

муттаҳид муқобили президент Б. Раббонӣ ба мувофиқа расиданд. Ба гуфтаи генерал А.Р. Бегӣ, музокироти минбаъда дар Озарбойҷон, ки он вақт намояндагони ҲИА дар он ҷо қарор доштанд, сурат гирифт[1]. Муҳаққиқи афғонистонӣ Б.А. Ансорӣ менависад, ки «байни роҳбарияти Озарбойҷон ва Г. Ҳикматёр бо миёнаравии ISI Покистон моҳи августи соли 1993 созишнома дар бораи фиристодани 1000 нафар зархарид аз байни ҷангҷӯёни ҲИА ба Қарабоғ барои ҷанг байни Озарбойҷон ва Арманистон баста шуд»[2]. Дар назари аввал байни Г. Ҳикматёр ва А. Дӯстум ба ғайр аз душманӣ дигар чизе набуд. Талаботи асосии Г. Ҳикматёр, дар ҳоле ки А. Дӯстум дар назди Б. Раббонӣ буд, хуруҷи қувваҳои ӯ аз Кобул буд. Бо сабаби ҳузури ӯ, пойтахт пайваста ба оташи мушакӣ дучор мешуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки гапи асосӣ на дар А. Дӯстум, балки дар Б. Раббонӣ ва А. Масъуд буд ва амалҳои Ҳикматёр дар Исломобод ҳамоҳанг карда шуда буданд. Дар ин марҳала манфиатҳои Тошканд ва Исломобод дар масъалаи мубориза бо ҳукумати Б. Раббонӣ ва А. Масъуд ба ҳам омаданд. Агар ба назар гирем Тоҷикистон, ки дар мадори манфиатҳои Русия қарор дошт ва бо ҳукумати Тоҷикистону Эрон ва Афғонистон робитаҳои хуб барқарор карда буд. Дар ин раванд маълум мешавад, ки афзалияти муносибат бо Вашингтон ҳам ба нафъи Б. Раббонӣ ва А. Масъуд набуданд.

Бо вуҷуди ин, ҳайати ҶМИА бо роҳбарии муовини А. Дӯстум Насим Маҳдӣ меҳмони Боку шуд. Ба ҳайати мазкур А. Малик - мудири шуъбаи робитаҳои хориҷии ҶМИА ва Қодир (бародари А. Дӯстум) шомил буданд. Дар натиҷаи музокирот бо намояндагони ҲИА, Ҳумоюн Ҷарир (домоди Г. Ҳикматёр), В. Сабоун ва бо намояндаи ҲВИА Толибшоҳ, созишнома дар бораи амалиёти муштараки мусаллаҳона алайҳи Кобул расман ба имзо расид. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки пас аз сарнагун кардани Б. Раббонӣ, вазифаи сарвари давлат бояд ба С. Муҷаддадӣ мегузашт. Инчунин, Г.

[1] Беги, А. Афғанистан бад аз пирӯзии инқилоби исломӣ то суқути шимол ба дасти толибон (1991-1998) [Матн] / А. Беги. – Пешавар, 2002. – С.116-117.
[2] Ансорӣ, Х.Б. Афғонистон дар оташи ҷанг [Матн] / Х.Б. Ансорӣ. – Кобул, 2003. – С.175.

Ҳикматёр сарвазир мешуд ва А. Мазорӣ мақоми вазири корҳои хориҷиро мегирифт. Вазифаи вазири мудофиа ва чор мансаби дигари вазирӣ ба ҲМИА мегузаштанд. Аммо дар рӯзи табаддулот, 1-уми январи соли 1994, қувваҳои ҲВИА (ҷиноҳи А.А. Мазорӣ), эҳтимолан бо тавсияи Эрон аз ворид шудан ба ҷанг даст кашиданд[1]. Иштирокчиёни табаддулот комилан мағлуб шуданд ва аз Кобул ронда шуданд. Қувваҳои зери фармони Дӯстум талафоти махсусан вазнин доданд. Табаддулоти номуваффақ ба он оварда расонд, ки доманаи ҷанг васеъ шуда, тамоми минтақаҳои шимоли Афғонистонро фаро гирад.

Бо вуҷуди ноком шуданашон табаддулотчиён Кобулро чунон мавриди бомбаборон қарор доданд, ки ҳазорон шаҳрванди бегуноҳ кушта шуда, шаҳр ба вайрона табдил ёфт. Аммо Ҳикматёр ба чанд ҳадафи худ расид, махсусан ба Раббонӣ ва Масъуд имкон надод, ки як давлати устувор ва мутамарказ ташкил кунанд. Афғонистон мисли пештара як кишвари пароканда боқӣ монд. Созмонҳои байналмилалӣ натавонистанд ба кори бозсозии Афғонистон шуруъ кунанд. Ниҳоят, эътибори давлат ва раиси он коста шуд. Дар як давраи кӯтоҳи ҷангҳои байни муҷоҳиддини собиқ беш аз 25 ҳазор шаҳрванди Афғонистон кушта шуд[2].

Аз ҷониби дигар ба муқобили ҳукумати марказӣ сарвари дастаҳои узбектабор генерал А. Дӯстум ҳам ба ҷангҳо идома дод. Бояд гуфт, ки ӯ дар давраи ҳассос аз ҳукумати Наҷибулло рӯ гардонда, дар мустаҳкам кардани давлатӣ исломӣ нақши муҳим гузошт ва ҳатто ба гирифтани унвони генералӣ аз дасти онҳо сарфароз гардид. Назар ба мухолифати шадиде, ки пуштуҳо ва хусусан, Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр ба А. Дӯстум доштанд, наметавонист дар ҳукумати исломӣ мақоми баланди давлатӣ дошта бошад. Бинобар ин, ӯ аз ҳукумати марказӣ ранҷида буд. Аз ҷониби дигар, мақомоти Ҷумҳурии Узбекистон аз шахсияти А. Дӯстум ба ҳайси як шахсияти узбеки афғонистонӣ дар муқобили бунёдгароии исломӣ истифода карданӣ шуданд.

---

[1] Искандаров, К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945-2001 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / К.Искандаров. – Душанбе, 2004. – С.351.

[2] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.641.

Ҳамин ташвиқот ва таҳриқот боис гардид, то А. Дӯстум аз ҳукумати исломӣ рӯ гардонад ва дар фикру андешае шуд, ки аз ҳисоби вилоятҳои шимоли Афғонистон як давлати алоҳида ташкил намояд. Ба ин муносибат А. Дӯстум дар як мусоҳибаи худ ба рӯзномаи «Ню-йорк таймс» тобистони соли 1993 чунин изҳор карда буд: «агар муллоҳои девонаи Кобул ӯро маҷбур созанд, дар шимоли Афғонистон Ҷумҳурии демократӣ барпо мекунад»[1].

Дар ин кор бо генерал А. Дӯстум бисёре аз парчамиҳо ва халқиҳои ҲДХА ҳамкор ва ҳамнаво шуда буданд. Лекин дар ин радиф А. Дӯстум аз шиорҳои исломӣ даст накашида буд ва худро сарвари содиқи созмони «Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон» муаррифӣ мекард. Дар амалиёти ҷудоиандозонаи А. Дӯстум нақши фаъолро мақомоти Ҷумҳурии Узбекистон иҷро мекарданд ва дар ихтиёри ӯ тамоми аслиҳа ва муҳиммоти низомӣ гузошта буданд. Чунон ки рӯзномаи «Москва» аз 15-уми январи соли 1994 дар асоси маълумот ва санадҳои махфии истихбороти Русия таъкид намуда буд, «ҳамон нақшеро ки Л. Брежнев дар аввали соли 1980 нисбат ба Афғонистон иҷро мекард, айнан ҳамон нақшро дар ҳоли ҳозир И. Каримов иҷро менамояд»[2].

Ба ёрӣ ва кумакҳои хориҷӣ такя карда, дар аввали соли 1994 дастаҳои узбекии генерал Дӯстум хеле тақвият ёфт буданд. Вале дар байни пайравони Ҳизби исломӣ ҳам, ки бо душманони дирӯзаи худ ҳамовоз ва ҳамнаво шуда буданд, ҷудоӣ ба вуҷуд омад. Дере нагузашта Б. Раббонӣ бо гурӯҳҳои Г. Ҳикматёр ва С. Муҷаддадӣ аз роҳи созиш ва муросо канор омада, мусолиҳа кард. Аз дастаҳои А. Дӯстум қатъиян талаб карда шуд, ки ярoқу аслиҳаи худро ба давлат супоранд ва ба ҳаёти осоишта гузаранд, дар акси ҳол бар зидди онҳо қувваҳои ҳарбӣ истифода хоҳад шуд.

Ба ҳар ҳол, нақшаҳои Шурои ҳамоҳангии инқилоби исломӣ барбод рафтанд, ҳукумати марказӣ дар муқобили онҳо муқовимати сахт нишон дод, таваҷҷуҳи нерӯҳои солиму ватандӯст ба тарафи давлат ҷалб мешуд. Инро

[1] Новое время . – 1992. – №35. – С.26.
[2] Афғонистон ва матбуот. – 1995. – №36. – С.7.

дар қарорҳои Маҷлиси олии исломии шаҳри Ҳирот, ки аз 20–25-уми моҳи июли соли 1994 баргузор шуда буд, метавон мушоҳида намуд.

Дар маҷлиси Шурои олии исломии Ҳирот намояндагони СММ, консулгариҳои Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Туркманистон ва бештар аз 25 нафар нозирони хориҷӣ, ҳайати роҳбарони вилоятҳои Афғонистон, фармондеҳони танзимоти низомӣ, 800 нафар вакили минтақаҳои гуногуни кишвар ва хабарнигорони хориҷӣ иштирок намуданд. Дар қатъномаи Маҷлиси бузурги Шурои олии исломии Афғонистон омадааст: «Афғонистон кишварест воҳид ва ғайри қобили таҷзия, ҳар навъ иқдоми таҷзияталабона ва таҳрикот бар табъизоти нажодӣ, қавмӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва минтақавӣ дар он маҳкум ва маҳдуд аст» (моддаи шашум). Дар моддаи 11-ум таъкид шудааст, ки қатъномаи Шурои олии исломии Афғонистон «хости миллати мусулмон ва муҷоҳиди Афғонистон буда, мухолифат бо он мухолифат бо хости миллат ва мусолиҳаи исломӣ ва миллии кишвар аст. Мо аъзои ин Шуро қотеона таъкид месозем, то дар баробари ҳаргуна иғвоангезӣ алайҳи ин василаи миллӣ бо мардонагӣ истодагӣ намоем»[1].

Яке аз масъалаҳои муҳимми Шурои Олии исломии Ҳирот баргузор кардани Луя Ҷирга, 23-юми октябри соли 1994 дар Кобул буд, зеро таъкид шуда буд, ки сарнавишти сиёсии кишвар мутааллиқ ба мардум мебошад ва тасвиби Қонуни асосӣ, интихоби роҳбари сиёсии кишвар ва иттиҳоди нерӯҳои сиёсӣ роҷеъ ба дигар масоили сарнавиштсози мамлакат марбут ба он аст. Бо мақсади даъвати Луя Ҷирга бояд як ҳайати 52 нафарӣ тартиб дода мешуд, ки аз вилоятҳо ва табақаҳои мухталиф ва қавмҳои гуногуни Афғонистон намояндагӣ мекард. Роҳбари Шурои олии исломии Ҳиротро Муҳаммад Исмоилхон ба уҳда дошт.[2] Дар маҷлиси шурои мазкур раиси давлат Б. Раббонӣ ба сифати як нафар вакил иштирок дошт. Масъалаҳои зикршуда далел ва ҳуҷҷат дар муқобили даъвоҳои мухолифини дохилӣ ва хориҷӣ мебошанд, ки онҳо қонунӣ будани президентии Б. Раббониро зери

[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.641.

[2] Ҳамон ҷо.

шубҳа ва танқид мегирифтанд ва дар айни замон амалиёти ҷудоиандозӣ ва тахрибкории худро шаръӣ ва қонунӣ ба қалам медоданд. Агар ба таърихи гузаштаи Афғонистон назар намоем, роҳбарии ҳеч кадом аз ҳокимони собиқ ба ин васила ва дар ҳузури чунин нерӯи бузурги иҷтимоӣ интихоб нашуда буд. Аз ин лиҳоз, расмият ва машруъияти Б. Раббонӣ ба ҳайси раиси ҳукумати марказӣ бояд бидуни шакку шубҳа қабул бошад.

Дар ин хусус, Ҳ. Назаров нигоштааст, ки «СММ худро ҳомии сулҳ ва амният мешуморад, аммо дар ҷонибдории худ аз файсалаҳои Маҷлиси олии исломии Ҳирот садоқат ва суботкорӣ нишон надода буд, вагарна дар ҳаллу фасли мушкилоти Афғонистон назар ба ҳар пешниҳоди дигар маҷлиси олии Ҳирот мавқеи дурустар ишғол карда буд».[1] Дар қатъномаи Маҷлиси олии Ҳирот, аз ҷумла масъалаи ташкили як артиши вижаи исломӣ барои таъмини амнияти роҳҳо, оромоӣ ва сулҳ дар ҷомеа, суботи комил ва тақвияти низомӣ, саркуби дуздон ва ғоратгарон ба иттифоқи онҳо тавсиб шуда буд, ки метавонист меҳвари сулҳ ва субот дар Афғонистон гардад. Дар қатънома таъкид шуда буд, ки кори амалии он бояд билофосила баъди хатми Шурои Олӣ шуруъ шавад. Ғайр аз ин, Шурои олии Ҳирот тасмими қатъӣ гирифта буд, ки Афғонистон кишвари воҳид ва ғайриқобили таҷзия мебошад, лекин гурӯҳҳои мухолифин ба монанди Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр, Ҷунбиши миллии исломии А. Дӯстум, Ҳизби Ваҳдати Мазорӣ ва баъдан ҷунбиши «Толибон» бо таҳрик ва ташвиқи давлатҳои хориҷӣ ва ба кумаку ёриҳои ҳамаҷонибаи онҳо такя карда, дар фикру хаёли тақсим кардани Афғонистон шуданд ва ҳар кадоми онҳо ба ҳиссае аз сарзамини Афғонистон чашми тамаъ духта буданд. Дар ин шароит СММ яке аз мушоҳидагарони бетараф қарор гирифт ва танҳо ҳукумати Кобул буд, ки ба ҳайси ҳомии ваҳдат ва ягонагии кишвар дар баробари ҳуҷум ва ҳамлаҳои пай дар пайи мухолифин истодагарӣ мекард ва тамоми талошҳои худро барои истиқлоли миллӣ тамомияти арзӣ ва ваҳдати мардуми Афғонистон сафарбар намуда, орзу ва ормони нерӯҳои

---

Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С. 641- 642.

мардумӣ ва ватанхоҳи мамлакатро ифода мекард. Аз ҳукумати марказӣ панҷ гурӯҳи исломӣ мисли Ҷамъияти исломӣ, Иттиҳоди исломӣ, Ҳаракати инқилоби исломии Муҳаммадӣ ва Ҳаракати исломии Муҳсинӣ ҷонибдорӣ мекарданд, ки Шурои олии давлатиро ташкил карда буданд. Дар муқобили онҳо ҷабҳаи мухолифин иборат аз Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр, Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон бо роҳбарии А. Дӯстум, як ҷиноҳи ҳизби Ваҳдат бо сарварии Мазорӣ ва Ҷабҳаи наҷоти миллии С. Муҷаддадӣ қарор гирифта буданд. Онҳо ба номи Шурои ҳамоҳангӣ ташкил шуда, аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешуданд. Дар ниҳоят гурӯҳҳои мазкур мақсади худро ба воситаи ҷанг амалӣ намудан мехостанд.

Ба ҳамин хотир онҳо ҷангҳои шадидро ба роҳ андохтанд ва дар давоми 4 сол Кобулро пайваста ҳадафи оташи тупҳо ва мушакҳо қарор доданд. Шаҳри ободи мамлакатро ба харобазор табдил дода, биноҳои муҳташамро ба хок яксон карданд ва бештар аз 30 ҳазор шаҳрванди осоишта ва бегуноҳро нобуд ва ҳазорон нафари дигарро маъюб сохтанд[1].

Бояд таъкид намуд, ки ҳамаи ин ба номи ислом ва дар зери шиори ислом ба амал меомад ва мардуми одӣ ҳеч ташхиси дуруст карда наметавонистанд, ки дар паси ин қазия ки меистад ва дар ин шаҳри бузург, ки ҳамагон пайрави дини мубини ислом ҳастанд, киҳо кофиранду киҳо мусулмони комил ва киҳо ватанфурӯш.

Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр, ки бо давлати Покистон ва созмони ҷосусии ISI иртиботи мустаҳкам дошту ҳамкорӣ мекард, бо ташвиқу тарғиб ва мусоидати моддӣ ва молии онҳо дар Афғонистон амал менамуд, магар метавонист даъво кунад, ки аз исломи ҳақиқӣ ба манфиати мардуми Афғонистон истифода мекунад? Беасос набуд, ки дар дохили ҳизби мазкур ду гурӯҳи зидди ҳамдигар ба вуҷуд омада буд, ки як гурӯҳи мафкуравӣ ва дигаре гурӯҳи молу пул. Бо пайвастани Г. Ҳикматёр бо А. Дӯстум гурӯҳи мафкуравӣ аз ӯ ҷудо шуд. Вале гурӯҳи дуюм бо роҳбарии Зардод ва

[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.643.

Қаламхон, ки онҳо ба хотири пулу мол меҷангиданд, ҳар ҷое, ки чунин имконият бошад, меҷанганд, вале чунин шароит мусоид набошад, намеҷангиданд. Дар айни замон бо пул харида ва фурӯхта ҳам мешуданд.

Дар муқобили Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр, Ҷунбиши миллии исломии А. Дӯстум ва ғайра, ки аз роҳи зурӣ ва ҷанг мехостанд ҳукумати Б. Раббониро сарнагун ва ҷойгузини он шаванд, Шурои олии давлатӣ аз роҳи музокирот ва муҳокима пеш мерафт ва танҳо аз тариқи сиёсӣ мушкилоти Афғонистонро ҳаллу фасл кардан мехост. Ин ҳукумат омода буд, ба ҳар пешниҳоди мусолиматомез розӣ шавад. Аз чунин мавқеъгирии стратегии ҳукумат ва Шурои олии давлатӣ ба қавли Аҳмадшоҳ чунин далел шаҳодат медиҳад, ки «дар ҳеч баёния ва мусоҳибае ба мушоҳида нарасидааст, ки давлат иҷозат дода бошад, ки дар зарфи чанд рӯз мо мухолифини худро маҳв ва нобуд карда, аз тариқи низомӣ дар кишвар сулҳ ва суботро ба вуҷуд меоварем. Ҳамеша тақозо ва пешниҳод ба тарафи мухолифин намуда, биёед ки мушкили Афғонистонро аз тариқи музокира ва гуфтушунид ҳал кунем»[1].

Ба хотири мусолиҳаи миллӣ ва мувофиқи дархости тарафҳои муқобил ҳукумати Кобул омода буд, ки қудратро интиқол бидиҳад, Кобулро аз қувваҳои низомӣ озод намояд, интихоботи озод бигузаронад, ба шарте боварӣ ҳосил кунад, ки шаҳри Кобул боз аз нав ҳадафи оташи тиру мушакҳо қарор намегирад, осоиш ва амнияти аҳолии Кобул таъмин мегардад, роҳҳои асосӣ боз мешавад ва қувваҳои А. Дӯстум аз бандарҳои асосии кишвар хориҷ карда мешаванд. Барои амалӣ шудани ин ҳадафҳои дар пеш гузошта як тасмими бузург ва ваколати қатъӣ зарур буд, ки на гурӯҳи Ҳикматёр, на дастаҳои Дӯстум ва на гурӯҳи дигар амнияти пойтахтро зери хатар ва амалиёти низомӣ қарор намедиҳанд. Чунин кафолатро на танзимоти низомӣ ва на СММ дода наметавонист. Бинобар ин, бозиҳои сиёсӣ ба хотири ишғол кардани пойтахт ва мустаҳкам кардани мавқеи тарафҳои мухолиф буд, ки аз назари мақомоти ҳукумати Раббонӣ низ пинҳон намонда буд.

[1] Афғонистон ва матбуот. – 1995. – №36. – С.7.

Пойтахти кишвар миёни гуррӯҳои низоми тақсим шуда буд. Бе шубҳа мухолифати ҳизбӣ ва дохилиҳизбӣ, ҷангҳои пайдарпайи онҳо, ки то суқути Кобул аз тарафи «Толибон» 4 сол давом кард, ҳолати заъфи муҷоҳиддинро фароҳам овард, аз истиқрори як давлати миллӣ ҷилавгирӣ намуд ва заминаи зуҳури ҷунбиши «Толибон»-ро фароҳам сохт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳамаи ин ҷангу ҷидолҳо ва ғорату харобиҳо нақши Г. Ҳикматёр барҷастааст. Тасодуфӣ нест, ки маҳз ӯро заминагузори зуҳури «Толибон» меноманд. Ҳамин бесуботӣ, нооромию набудани амният ва қудрати силоҳ буд, ки қумандонони маҳаллӣ дар ғоратгарӣ, таҷовуз ба номуси инсонҳо дасти боз доштанд.

Дар радифи омилҳои дохилӣ дар нокомии давлатсозӣ дар Афғонистон омили хориҷӣ ҳам бисёр барҷаста буд. Аз байни давлатҳои ҳамсоя ба корҳои дохилии Афғонистон аз ҳама бештар Покистон ва мутаҳиддини он мудохила менамуданд ва онҳо нақшаҳои харобиовари худро асосан ба воситаи Ҳизби исломии Г. Ҳикматёр татбиқ менамуданд. Воқеаҳои солҳои охир возеҳ ва равшан сохт, ки ҳизби мазкур кореро анҷом дода наметавонад. Бинобар ин, мақомоти Покистон бар ивази Г. Ҳикматёр дар охири соли 1994 гурӯҳеро бо номи «Толибон» ба саҳна оварданд ва дар ихтиёри онҳо танкҳо, мошинҳо ва ҳатто ҳавопаймоҳои ҷангӣ ва маблағҳои зиёдеро гузоштанд.

Ҳукумати марказии Б. Раббонӣ дар давраи мавҷудияти худ роҳу равиши маъқулро нисбат ба гурӯҳҳои мухолифини дохилии Афғонистон пайдо карда натавонист, ки аз роҳи муросо ва мадоро бо онҳо наздик шавад. Дар натиҷаи амалиёти ҷангии онҳо ба пойтахти кишвар шаҳри Кобул он қадар хисорот ва харобиҳо ворид шуда буд, ки ин шаҳр ҳатто дар давраи ҷанги Шуравӣ чунин хисорот надида буд. Ҳашамат ва бузургии шаҳр ба хок яксон карда шуд, биноҳои бошукӯҳ ва бисёрошёнаи он ба хок яксон гашта, ҳазорон одамони бегуноҳ кушта шуданд ё ба ҳар тараф фирор карданд, дарҳои марказҳои илмию фарҳангӣ баста гашта, осорхонаи Кобул, ки яке аз беназиртарин осорхона дар Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт ва ёдгориҳои гаронбаҳои таърихиро ҳифз мекард, аз дасти силоҳбадастони афғонӣ ва покистонӣ

талаву тороҷ карда шуд. Ҳар кадом аз пайравони танзимҳои низомӣ ва ҳизбҳои исломӣ рақибони худро «мулҳид» муаррифӣ мекарданд ва ғорату ба зурӣ гирифтани молу амволи онҳоро комилан раво медонистанд. Дар натиҷаи талаву тороҷи молу амволи бародарони муъмини худ бисёре аз силоҳбадастон соҳиби моликият шудаанд.

Инчунин, мубориизони силоҳбадасти исломӣ барои даҳшату ваҳшати мардум ва саргармию дилхушии худ базмҳо ва ҷашнҳои ваҳшиёна мероостанд ва ҳатто онҳоро бо «рақсҳои мурдагон»[1] оро медоданд. Ҳамаи ин амалҳои ваҳшиёнаи онҳо хилофи муқаррароти исломӣ ва кароматі инсонӣ буд, вале онҳо инро дар зери ниқоби исломӣ ва ба ҷонибдорӣ аз ислом ба қалам медоданд.

Ба ҳама тааssубот, ихтилофот ва ифротгароиҳои танзимоти низомӣ ва ҳизбҳои исломӣ нигоҳ накарда, боз ҳам нерӯҳои солими миллӣ чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи он роҳи ҳалли қазияи Афғонистонро на ба василаи ҷанг ва зурӣ, балки аз тариқи музокира ва мусолиҳа байни тарафҳои даргир бо иштироки намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ, қавмиҳо ва миллатҳои Афғонистон медиданд. Ба ҳамин асос, дархостҳо ва ба нияти хотима бахшидан ба ҷанги хонумонсӯзи бародаркушӣ раиси Давлати исломӣ Б. Раббонӣ роҳи сулҳу мусолиҳаи миллиро пеш гирифта, аз нав ташкили ҳукуматро моҳи майи соли 1996 ба рақиб ва ҳарифи деринаи худ Г. Ҳикматёр супорид ва гурӯҳҳои низомӣ ва ҳизбҳои исломиро даъват кард, ки дар ташкили ҳукумати эътилофӣ саҳми худро гузоранд[2]. Вале алакай дер шуда буд, «Толибон» вориди саҳнаи мубориза шуда буданду рӯз то рӯз пурқудрат мегардиданд.

Ҳамин тавр, бо назардошти омӯзиши равандҳои сиёсию иҷтимоии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX Афғонистон метавон сабабҳои шиддат гирифтани вазъи сиёсӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳоро дар чунин нуқтаҳо инъикос намуд:

---

[1] Афғонистон ва матбуот. – 1995. – №36. – С.5.

[2] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.649.

***Якум,*** чуноне ки маълум аст, то сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло ҳайати ҳукумат ва роҳбарияти онро дар Пешовар соли 1989 маълум карда буданд, вале баъди гузариши ҳукумат аз дасти коммунистҳо ба мухолифини исломӣ мансабталабону ҳукуматхоҳон зиёд гардиданд;

***Дуюм,*** баъд аз хатми давраи президентии С. Муҷаддадӣ, ки ба муҳлати ду моҳ интихоб гардида буд, роҳбарии давлат ба ихтиёри Б. Раббонӣ расид. Аммо мухолифони Б. Раббонӣ ва А. Масъуд бо ҳар баҳона ба ҷанг идома доданд ва имкон надоданд, то як ҳукумати мутамарказ таъсис шавад. Интихоби Раиси давлатро дар Шурои ҳаллу ақд эътироф накарданд;

**Сеюм,** муноқишаҳои байниҳизбӣ барои қудрат шиддат гирифт ва Г. Ҳикматёр, А. Дӯстум, С. Муҷаддадӣ ва Мазорӣ ШҲИИ ташкил карданд, ки сабабҳои худро дошт: сарварони бисёри ҳизбҳои сиёсӣ мехостанд қудратро ба даст гиранд, вале натавонистанд. Аз ин сабаб ҳаркат карданд дар якҷоягӣ Б. Раббониро аз ҳукумат сарганун намоянд; роҳбарони ҳибзҳо хоҷагони хориҷии худро доштанд, ки ба онҳо кумак мекарданд. Масалан, Узбекистон ба А. Дӯстум, Покистон ба Г. Ҳикматёр, Эрон ба А. Мазорӣ ва ғайра.

Омилҳои ноком гаштани ШҲИИ дар надоштани нақшаи мушаххас ва иштирок накардани А. Мазорӣ, ки бевосита дар охир аз тарафи Эрон иҷозати ширкат дар ин табаддулотро нагирифт.

Масъалаи таъсиси ШҲИИ бевосита аз тарафи Покистон ба Г. Ҳикматёр пешниҳод шуда буд. Пас аз ноуҳдабароии Г. Ҳикматёр Покистон бар ивази ӯ ҳаракати «Толибон» ба майдон ворид намуд.

Дар маҷмуъ, ба ақидаи ин ҷониб сабаби тамоми ихтилофот пеш аз ҳама дар рафтори саркардаҳои гурӯҳҳои этникии Афғонистон буд, ки хусусияти қавмгароӣ ва миллатгароӣ доштанд. Инчунин, афкори ҷамъиятӣ низ дар ин раванд ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафи қудратҳои хориҷӣ ва бозигарони онҳо муосидат менамуд, ки воқеияти масъаларо дарк накарда буданд. Манфиатҳои қавмию миллӣ боло гирифта, манфиатҳои умумии мардуми Афғонистон аксаран ба эътибор гирифта намешуд. Аз шуҳратпарастии

саркардаҳои сиёсии Афғонистон кишварҳои ҳамсоя ва хориҷӣ истифода намуданд. Дар ҳама ҳолат масъалаи такшили ҳукумати ҳамашумул оммавӣ нагардида буду дарк нашуд. Ин нофаҳмӣ ва шуҳратталабии саркардаҳои сиёсӣ давлатро ба буҳрони сиёсӣ гирифтор кард, ки паёмади хеле манфӣ ба бор овард.

## 2.2. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ

Омӯзиши раванди таҳаввулоти сиёсии нимаи аввали солҳои 90-уми Афғонистон нишон медиҳад, ки дар ибтидо ташкили Давлати исломиро мардум хуб истиқбол карданд. Сабаби асосии эътирофи ин ҳукумат дар ибтидо пеш аз ҳама фароҳам гардидани баъзе имконоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буд. Нархи маҳсулоти ниёзи мардум дар бозорҳо муътадил гардида, нисбатан дар ҷомеа суботу оромӣ ҳукмрон мекард. Бинобар ин, сабабҳои субъективӣ ва объективии ҳолати мазкур дер давом накарда, баъди чанде мушкилоти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ ҷомеаи Афғонистонро фаро гирифт. Мушкилии бузурги иқтисодии ҳукумати Бурҳониддин Раббониро чопи пулҳои миллии панҷ ҳазор ва даҳ ҳазорай афғонӣ ба вуҷуд овард. Бо чопи ин пулҳои миллӣ нархи асъори хориҷӣ бо суръати рӯзафзун баланд мерафт ва бозори пулӣ ва молӣ, махсусан маводди хӯроквориву либоса дар шаҳрҳои Афғонистон дучори буҳрони беназире гардида буд. Дар идомаи чопи пулҳои миллӣ Ҳизби исломӣ ва Ҷунбиши миллии исломӣ низ пулҳои қалбакиро бе иҷозаи давлат ба роҳ монданд ва бо интиқоли даҳҳо ҳазор пул аз хориҷа, ки аз шумориши ҳисоби бонкӣ берун буд, қумандононро мехариданд ва бо амалиёти муқобили ҳамдигар бармеангехтанд. Дар ин маврид, шабакоти истихборотии ниҳодҳои низомии марбут ба марказҳои қудратҳои маҳаллӣ саҳми калон доштанд.

Дар робита ба ин Соҳибназар Муродӣ менависад: «Дар ҳоле ки мардуми кишвар бекору гурусна буданд ва қудрати хариди як халта орду биринҷро бо сабаби баланд будани нархҳо дар бозор надоштанд, афроди мусаллаҳ ва қумандонҳо бо пул бозӣ мекарданд ва бо гирифтани занҳои мутааддид, харидани асп, човандозӣ, шутур, саг ва мурғи ҷангӣ бо кару фарри зиёд худнамоӣ менамуданд»[1].

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – С. 515.

Дар чунин давраи мушкил қурби асъори хориҷӣ, махсусан доллар ба чунин дараҷа расид: як долари амрикоӣ дар Кобул 45000 афғонӣ ва дар Мазори Шариф 90000 афғонӣ, як литр равған ба маблағи 5000 афғонӣ, як халта орд 7500 афғонӣ, панҷ литри сузишворӣ 7500 афғонӣ, як нон дар Мазори Шариф 2000 афғон[1]. Дар як кишвар қурби асъори хориҷӣ фарқнунанда буд, яъне дар Кобул ва Мазори Шарифу дигар минтақаҳо ягонагӣ дида намешуд.

Нархҳо дар бозор бинобар сабаби афзоиши қурби доллар ба суръати хеле баланд боло рафт. Ин дар ҳоле буд, аксаран мардум бекор буданд ва хазинаи зиндагиро бо фурӯши молу амволи манзили истиқоматии худ таъмин мекарданд. Дар бозори куҳнафурӯшӣ молҳо бо нархи арзон ва таъмини шароити зиндагии рӯзмараи мардум фурӯхта мешуданд. Ба гуфти С. Муродӣ тиҷорати духтарони навҷавон бо нархи арзон ҷараён меёфт ва хеле аз волидайн аз мавҷудияти атфоли маъсумашон ранҷ мебурданд ва онҳоро дар масоҷид ба тавонмандон мебахшиданд, аммо касе мадори қабули онҳоро надошт[2].

Дар ҳамин вақт яке аз қумандонон дар шимол гуфта буд, ки метавонад гӯшти говро бо пулҳои долларӣ пухта намояд. Баъдҳо дар натиҷаи мубориза пулӣ ва эълони эъломияҳои бонки марказӣ нархи афғонии марбут ба Ҷунбиш дар Кобул поён рафт, аммо аз муомилот наафтод. Ғаниматгирии амволи мухолифин сарчашмаи дигари сарватманд шудани теъдоде аз қумандонону сарбозони онҳо буд. Баъзан ин гурӯҳҳо бо саркӯби мухолифини худ шаҳреро ишғол мекарданд, дигар мехе дар девори мардуми он шаҳр ва матое дар бозор боқӣ намемонд.

Соли 1994 Ҷунбиш дар иттиҳод бо нерӯҳои Ҳизби исломӣ зери роҳбарии Ҷумъахон Ҳамдард ва Маҷид Почохони Тошқурғонӣ шаҳри Қундузро ба тасарруфи худ даровroutedанд. Дар натиҷа, шаҳри Қундуз ба сурати фоҷиавӣ аз тарафи ин нерӯҳо ғорату тороҷ гардид, амволи ба ғанимат гирифтаи онҳо

---

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – С. 515.
[2] Ҳамон ҷо.

тавассути қаторҳои мошин ба Мазори Шариф ва Шибирғон ворид карда мешуд. Ба дунболи тасарруфи шаҳри Қундуз генерал Абдурашид Дӯстум бо сарбозони худ вориди Қундуз шуда, бо мардум суҳбат намуд ва тариқи сарбозони мусаллаҳи дар ихтиёр доштаи худ хост, то молу амволи мардумро ҳифз намояд, аммо дар ин вақт ҳеч амволе дар шаҳр боқӣ намонда буд. Ин нуқта боиси заъфи нерӯҳои Ҷунбиш гардид, то қувваҳои рондашудаи Қундуз ба кумаки нерӯҳои Толиқон ба воситаи Хонобод ба Қундуз ҳуҷум намуда, мавзеи Эрганакро аз Ҷунбиш пас бигиранд. Дар ҳамин ҳол, ба дастури Аҳмадшоҳ Масъуд нерӯҳои Андаробӣ Соланги шимолиро то гарнизони Хинҷон ба тасарруфи худ даровroute va роҳи худро идома дода, дар даҳанаи дараи Лархоб ва Дашти Килай камин гирифтанд[1].

Дар ин раванд, Ҳамидуллоҳи Садбошӣ – қумандони Ҷамъият дар Тошқурғон муаззаф шуд, ки роҳи Хулм ва тангии Тошқурғонро ба ҷониби Мазор бандад, аммо муваффақ нашуд. Баъди бархӯрди мусаллаҳона маҷбур шуд, Тошқурғонро тарк кунад, вале омодагӣ дар Бағлон ҷиҳати ҳамла ба Қундуз тавассути Башир Давлатзай ва Маҳмуд Ғаюр идома дошт. С. Муродӣ таъкид менамояд, ки шаклгирии чандин соҳаи мунозира ва бархӯрди низомӣ дар шимол, як бори дигар СММ-ро дар мавриди Афғонистон нигарон сохт ва Маҳмуд Мистериро тавассути Покистон ва Ҷалолобод ҷиҳати суҳбат бо масъулини машриқӣ ба Кобул фиристод[2].

Бояд гуфт, ки масъалаи истеъфои Б. Раббонӣ ва Г. Ҳикматёр дар ин муколама матраҳ гардид. Ҳикматёр ба намояндаи СММ масъалаи супурдани роҳбарии ҷумҳуриро ба Мавлавӣ Набӣ ва сарвазириро ба Ҳоҷӣ Қадир пешниҳод кард. Ҳайати СММ пас аз як музокирот бе дастоварде ба Покистон баргашт ва аз он ҷо равонаи Мазори Шариф гардида, баъд аз анҷоми мулоқотҳо дар мавриди халъи силоҳи мухолифин ба Ҳирот рафт.

Дар Ҳирот амири ҳавзаи ҷанубу ғарбӣ Муҳаммад Исмоилхон бо таҷлил аз солгарди пирӯзии муҷоҳиддин, намоиши низомиро пешкаши Маҳмуд

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016.- С.516.
[2] Ҳамон ҷо.

Мистерӣ кард. Исмоилхон ҳадафи маҷлиси Шурои исломиро дар Ҳирот ба Маҳмуд Мистерӣ матраҳ кард. Намояндаи СММ аз Ҳирот ба Қандаҳор рафт, то бо мулло Нақибулло Охунзода аз Ҷамъияти исломӣ ва Омир Лолӣ аз Ҳизби исломӣ дидан намояд. Дар умум, онҳо баргашти Муҳаммад Зоҳиршоҳро аз Италия бо мақсади ташкили ҳукумат дархост намуданд. Бо ворид гардидани Мистерӣ ба Афғонистон вазъи сиёсӣ боз ҳам шиддати бештар гирифт[1].

Дар ин раванд Аҳмадшоҳ Масъуд теъдоди бештаре аз размандагонро аз Бадахшон ба Қундуз оварда, дар баробари ҳуҷуми Башир ба Қундуз, нерӯҳояшро дар Шайх Ҷалол, Бағлон ва Қалъаи Зол ҷойгир намуд. Дар натиҷаи мубориза қурбониҳо аз ҳар ду ҷониб зиёд шуд. Талоши нерӯҳои даргир ҷиҳати ба даст овардани ҳимояи низомии дигар минтақаҳо идома дошт. Иртиботи Аҳмадшоҳ Масъуд бо Муҳаммад Акбарӣ аз Ҳизби Ваҳдат сабаб шуд, то мошини Акбарӣ мавриди сӯиқасди афроди Мазорӣ дар ғарби Кобул қарор гирад. Ин мавзуъ Ҳизби Ваҳдатро амалан ба ду шоха ҷудо намуд ва дар иттиҳод ва мухолифат бо нерӯҳои давлати исломӣ кашонид. Дар чунин ҳолат, Масъуд дар тамоми ҷабҳа бо теъдоде аз мухолифин дар ҷанг ва даргирӣ буду дар маркази таҳаввулоти сиёсиву низомии кишвар қарор дошт[2].

Дар ҳоле ки соли 1995 Ҷунбиш бар зидди нерӯҳои Ҷамъият дар Сангчорак, Мормул ва Хулм нақшаи амалиётеро рӯйи даст гирифта буд, сипоҳи Масъуд қалъаи қадимаи Болоҳисорро дар Кобул аз нерӯҳои Ҷунбиш гирифт ва онҳоро аз теппаи Маранҷон низ берун ронд. Дар давоми моҳҳои ҷанг дар Дӯшӣ ва Хинҷон бо ширкати нерӯҳои мухолиф тӯл кашид ва ин мушкилоти мардумро боз ҳам афзоиш дод[3].

Дар хусуси вазъи мураккаби ин раванд Ҳ. Назаров зикр менамояд, ки «бар замми ҳамаи мушкилоту ноором иҳои дохилӣ, Бурҳониддин Раббонӣ

---

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. –.С. 517

[2]. Ҳамон ҷо. – С. 518.

[3] Ҳамон ҷо.

роҳи созиш ва мусолиҳаро пеш гирифта, ҷиҳати пойдор ва устувор намудани вазъи дохилӣ ва назму низоми давлатӣ саъю талошҳои зиёде ба харҷ дода буд. Ӯ барномаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро дар маҷлиси бошукӯҳе, ки ба муносибати солгарди инқилоби исломӣ (28 апрели соли 1993) баргузор шуда буд[1], ба таври возеҳу равшан дар ҳузури ҳамагон эълон кард. Барномаи мазкур аз чунин ҳадафҳо иборат буд:

1. Тадвири Шурои аҳли ҳал ва акд ва муроҷиат ба мардум ҷиҳати интихоби раиси ҷумҳур. Ин нахустин бор дар таърихи кишвар буд, ки ҷиҳати таъмини адолат ва ҳуқуқи мардуми афғон интихоби намояндагони халқ ба таносуби нуфуз сурат гирифта метавонист;

2. Афзуди маош ва имтиёзи молии маъмурон ва хизматчиёни давлатӣ;

3. Ихроҷи бахши зиёди нерӯҳои ғайримасъул аз пойтахт бо мақсади таъмини амният дар шаҳри Кобул;

4. Кумак ба осебрасидагони шаҳри Кобул;

5. Қадамҳои ҷиддӣ гузоштан дар роҳи танзими урду (артиши)-и ҷадиди исломӣ ва миллӣ, ки ҳувият ва хислати ҷиҳодии он мутабориз бошад;

6. Рушду тавсеаи равобити марказ бо тамоми вилоятҳои мамлакат;

7. Нигоҳ доштани нархи муътадил дар бозор ва ҷилавгирӣ аз зиёд намудани он нисбат ба солҳои қаблӣ»[2].

Бо истикрори низоми исломӣ Афғонистон то андозае аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ пас аз мушкилоти зиёд ба ҳайси узви фаъол дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дубора ворид шуд. Инчунин, давлати исломии Афғонистон ба узвияти Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) пайваста, ҳайати намояндаҳои Афғонистон дар ҷаласаҳои СММ ва Конфронси давлатҳои исломӣ бо ибрози мавзуи ҷиҳоди исломии Афғонистон робитаи кишварро бо давлатҳои хориҷӣ густариш ва тақвият бахшид.

Дар паёми раиси Давлати исломии Афғонистон Б. Раббонӣ усулҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсати хориҷии ҳукумати

---
[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С. 635.
[2] Ҳамон ҷо.– С. 636.

Афғонистон таҳлилу баррасӣ гардида буд. Дар қисмати сиёсӣ таъкид мегардад, ки Давлати исломии Афғонистон дар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба иҷроия, муқанана (қонунгузор) ва қазоӣ фаъолият менамояд. Низоми сиёсии Давлати исломии Афғонистон дар асоси марказият устувор буда, он ҳамчун давлати исломии мустақил ва воҳид тақсимнопазир аст. Мардуми Афғонистон новобаста аз баромади иҷтимоӣ метавонанд тариқи ташкили ҳизбу созмонҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар доираи қонунҳо ва муқаррароти исломӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар нақшгузор бошанд. Интихобот дар Афғонистон дар асоси низоми исломӣ ба таври мустақиму таносуби нуфуз сурат мегирад.

Бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ва хотима бахшидан ба буҳрони нобоварӣ миёни гурӯҳҳо ва нерӯҳои ҷиҳодӣ, ҳукумат зарур донист, ки дар раванди бозсозии кишвари харобшуда ва ҷангзада тамоми онҳо бояд ширкат намоянд. Давлати исломӣ кафили сулҳ буда, аз ҳама гурӯҳҳо хоста буд, то дар роҳи таъмини сулҳи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат аз бозиҳои гурӯҳӣ, қавмӣ, миллӣ, нажодӣ ва минтақавӣ даст кашида, тамоми мардум муттаҳид шаванд. Сулҳу субот ва амният дар кишвар аз мавҷудияти сипоҳи бонизому доимии давлат низ вобаста буд. Мувофиқи ин баёния ҳайати артиши исломӣ бояд фарогири нерӯҳои ҷиҳодӣ ва низомиёни собиқ мешуд. Артиши Давлати исломӣ мардумӣ ҳисоб шуда, бояд фориғ аз рақобатҳои гурӯҳӣ ва сиёсӣ мебуд ва вазифаи асосиаш ҳифзи ҳукумати исломӣ ва манфиатҳои ҷомеа буд.

Инчунин, дар баёнияи раиси Давлати исломӣ омада буд, ки дар сатҳи сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлат муътақид аст, то бо ширкати мардум дар интихобот дар асоси нуфуз мушкилот ва маҳрумиятҳои қавму миллиатҳоро ҳал намояд. Давлат бар он аст, ки озодиҳои сиёсӣ ва таъмини ҳуқуқи башар, махсусан мардуми маҳаллиро бо дарназардошти эҷоди фазои мусоид, аз ҷумла озодии баён ва андеша дар доираи шариати исломӣ таъмин менамояд.

Дар самти иқтисодӣ таъкид мешуд, ки «давлат заминаи ба кор андохтани истеъдодҳои афроди муфидро дар доираи имкон фароҳам оварда, манобеи

тавлидро дар бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ ба сурати дуруст ва маъқул фаъол менамояд, низоми тавзеи одилона ва инсониро эҷод ва бо фақру гуруснагӣ мубориза хоҳад кард».[1] Давлат манфиатҳои мардумиро ҳимоя, тиҷоратро дар бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ рушд мебахшад. Дар назар дошта шуда буд, ки заминҳои шахсӣ ва давлатӣ тавассути дастгирии деҳқонон ба тариқи васеъ кишт карда мешаванд. Бо ин мақсад, воситаҳои обёрии заминҳои кишт бояд фароҳам оварда мешуд.

Дар самти сиёсати хориҷӣ ҳукумати Афғонистон эҳтиром ва ҳусни тафоҳумро нисбати давлатҳои Покистон, Эрон, Арабистони Саудӣ ва дигар мамлакатҳои исломӣ баён дошт. Давлат аз мавқеъгирии мусбат ва кумакҳои Амрико ва дигар давлатҳои Ғарб, инчунин Ҳиндустон, Чин ва Ҷопон бо камоли мамнуният ёдовар мешуд. Дар мавриди Федератсияи Русия таъкид гардида буд, ки он ҷойгузини сиёсӣ ва ҳуқуқии Шуравӣ мебошад, бинобар ин «дар роҳандозии равобити хеш Афғонистон чуноне адолат, виҷдон ва қонунҳои ҷомеаи байналмилалӣ тақозо дорад, икдом менамояд. Ин кишвар мукаллафияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дорад, ки дар эҳё ва бозсозии Афғонистони вайроншуда аз лиҳози динӣ, ахлоқӣ ва инсонӣ нақшгузор бошад».[2] Дар ин радиф, Давлати исломии Афғонистон аз СММ пуштибонии худро изҳор намуда буд.

Бояд гуфт, ки бо сабаби мавҷудияти мушкилоти сиёсию низомӣ, Давлати исломӣ натавонист барномаҳои худро дар амал татбиқ намоянд. Беҳбудии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат ба тарзу усули истифодаи замин вобаста аст, ки бо дарназардошти ин зарурати ислоҳоти замин таъкид шуда буд. Ҳукумат дар мавриди ислоҳоти замин ягон барномаи мушаххас надошт. Дуруст аст, ки моликияти хусусӣ бояд муҳтарам ва муқаддас шуморида шавад, зеро дар акси ҳол шахс озод ва мустақил буда наметавонад. Вале агар моликият ғайриқонунӣ, аз тариқи ғасб ва зӯрӣ ба вуҷуд омада бошад, магар мусодира ва ба деҳқони бе замин додани он шаръӣ

[1] Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – С.637.
[2] Ҳамон ҷо. – С.638.

нест? Ҳанӯз дар давраи шоҳии машрута як ҳайати Шурои миллӣ муайян карда буд, ки бештар аз 50% заминдории бузурги мамлакат ғайри машруъ ба вуҷуд омадааст. Хонадони шоҳӣ ва алалхусус, бародарон Довудхон ва Наимхон ҳатто заминҳои Арки шоҳиро, ки молу мулки давлатӣ буданд, худсарона тасарруф намуда, ба давлатҳои хориҷӣ фурӯхта буданд. Дар вақтҳои охир сардор Азизи Наим, ки худ дар Лондон зиндагӣ мекард, як таъмироти Арки шоҳиро бар ивази 5 ҳазор фунт стерлинг ба яке аз қумандонҳои танзими низомӣ фурӯхта буд, дар ҳоле ки ҳукумат барои маҷрӯҳони ҷанги бародаркушӣ бемористон муҳайё карда наметавонист, ин масъала боиси эътирози аҳли ҷомеаи Афғонистон гардид[1].

Шиддат гирифтани низоъҳо тайи 40 соли охир дар Афғонистон боиси буҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишвар гардид. Дар натиҷаи задухӯрдҳо бо гурӯҳҳои мухолиф, сохтори давлат ва шохаҳои ҳокимият фалаҷ шуда, кишварро ноороми ва бесарусомонӣ фаро гирифт. Дар ин давра танҳо нерӯҳои ҳарбӣ ва ҷомеаи Афғонистон дар муқобили гурӯҳҳои мухолиф истодагарӣ менамуданд.

Ин даргириҳо боиси рӯ ба таназзул овардани соҳаи маорифи кишвар гардид. Заиф гардидани раванди таълим дар кишвар зулму ҷоҳилиро зиёд намуд. Қудратҳои манфиатҷӯйи хориҷӣ на ба соҳаи маориф, балки ба нерӯҳои тундгаро сарпарастӣ менамуданд. Дур шудани аксар аҳолӣ аз таълиму тарбия боиси буҳрони маънавӣ гардид. Сабаби асосии афзудани ҷангу ҷидол ҳам дар ин кишвар маҳз буҳрони маънавӣ буд, ки ба тамоми самтҳои ҳаёт таъсири манфии худро расонид. Вақте ки мо имрӯз дар пайи таҳқиқи омилҳои буҳрони Афғонистон андешаронӣ мекунем, набояд масъалаи маънавиёти ҷомеа, махсусан сарчашмаи ташаккули он – низоми маорифро аз мадди назар дур қарор диҳем.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Иттиҳоди Шуравӣ ҳам нерӯҳои низомии худро ба Афғонистон ворид карда буд, вале барои донишандӯзии мардуми

[1] Афғонистон ва матбуот. – 1995. – №36. – С. 6.

Афғонистон ҳеч монеае эҷод накард, баръакс дар солҳои ҳузури Шуравӣ дар Афғонистон шумораи мактабҳо зиёд шуданд.

Дар аввали соли 1982 дар мамлакат 23 ҳазор курси саводомӯзӣ ташкил шуд, ки дар онҳо 530 ҳазор нафар деҳқон, коргар, хизматчии ва афсари ҳукуматӣ савод меомӯхтанд[1]. Дар натиҷаи ислоҳоти мактаб ба ҷойи низоми таълими бисёрзинагии 12-солаи қаблан мавҷуд буда, соли 1982 низоми ягонаи таълимии ройгони 10-солаи сезинагӣ ҷорӣ карда шуд, ки ба он барномаи чорсолаи мактаби ибтидоӣ, 8-солаи нопурра, маълумоти миёна ва барномаи 10-сола дохил карда шуд. Нақшаи таълим, сохтори соли хониш ва барномаҳои таълимӣ бо иштироки мутахассисони шуравӣ тартиб дода шудаанд.[2] Минбаъд, ба хонандагон китобҳои дарсии мактабӣ ройгон дода мешуданд. Дар мактаб майдончаҳои варзишӣ ва утоқҳои меҳнатӣ муҷаҳҳаз карда шуданд (ғайр аз ин, ба духтарон омӯзонидани кор дар мошинаҳои дарздузӣ, гирифтани маълумоти мактабӣ дар назди падару модарон афзоиш ёфта, дар соли 1983 шумораи хонандагон хеле зиёд гардида буд)[3].

Дар барномаи баланд бардоштани сатҳи маданият ва маориф кушода шудани шуъбаҳои китобхонаҳои шаҳрию ноҳиявӣ пешбинӣ карда шуд. Инчунин, дар Кобул театр-студияи «Кобул нандорӣ» ифтитоҳ ёфт[4].

Дар кишвар то охири соли 1984 500 китобхона, 800 мактаб, 24 литсей, 15 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, 2 техникум ва 5 донишкадаи олӣ сохта ба истифода дода шуданд[5].

То ибтидои соли 1988 зиёда аз 1 миллион нафар шаҳрванд дар курсҳои саводомузӣ таҳсил мекарданд ва зиёда аз ним миллион нафар шаҳрванд навиштанро ёд гирифтанд[6].

---

[1] Афганистан Ликвидируют неграмотность [Текст] // Известия. – 1982. – №5 (19986). – 5 января. – С. 4.
[2] Меликянц, Г. Новь Афганистана [Текст] / Г. Меликянц // Известия. – 1982. – №287 (20268). – 14 октября. – С. 5.
[3] Устинов, Г. Открытие мира [Текст] / Г. Устинов // Известия. – 1984. – №153 (20864). – 1 июня. – С.5.
[4] Меликянц, Г. Новь Афганистана [Текст] / Г. Меликянц // Известия. – 1982. – №287 (20268). – 14 октября. – С.5.
[5] Стрельникова Нинель. Возвращение из Афганистана [Текст] / Н. Стрельникова. – М.: Молодая гвардия, 1990. – С.57.
[6] Медведко, Л.И., Германович, А.В. Именем Аллаха… Политизация ислама и исламизация политики [Текст] / Л.И. Медведко, А.В. Германович. – М.: Политиздат, 1988. – С.171.

Барои дастовардҳо дар самти маҳви бесаводӣ, рушди низоми маориф ва фарҳанг соли 1986 Афғонистон бо медал ва Дипломи ЮНЕСКО мукофотонида шуд[1].

Бар асари мунокишаҳо, бахусус баъд аз омадани «Толибон», 3,5 миллион наврас аз таълиму тарбия маҳрум монданд, ки 75% онҳоро духтарон ташкил медод. Дар замони бархӯрдҳои дохилӣ низоми маорифи замонавӣ дар кишвар ба таври куллӣ коҳиш ёфт[2].

Бояд гуфт, ки пас аз ду моҳи ба қудрат расидани профессор Бурҳониддин Раббонӣ, моҳи июни соли 1992 ӯ нуқтаи назари худро дар робита ба маориф чунин изҳор дошт: «Давлати исломӣ қавиян саъйю талош меварзид, то барои ҳамаи наврасон ва ҷавонони кишвар заминаҳои таҳсилро ба сурати ройгон фароҳам созад. Ба ақидаи мо, таълиму тарбияти кӯдакон ва рушди зеҳниву илмии ҷавонон бар мабнои таълими волои исломӣ, ки сармояҳои гаронбаҳои кишваранд, омили умда дар рушду инкишофи ҷомеа ва дастовардҳои инқилоби исломӣ ба шумор меравад. Мо дар назар дорем, барномаҳои таълимиро мутобиқи усули исломӣ ва ниёзмандиҳои зиндагии навини ҷомеаамон созем. Ҷанбаҳои рӯ ба таназзули соҳаи маорифро боло барем ва вазъи таълими кишварро аз шароити номусоиди кунунӣ наҷот бахшем. Иртиқои асосиоти таълимии марбута кори моро ташкил хоҳад дод. Мо ба таълими ҳирфаӣ ва маслакӣ ва тарбияи кадрҳои фаннӣ ва техникӣ назар ба ниёзмандиҳои даврони бозсозии кишварамон ба дараҷаи аввал аҳаммият хоҳем дод»[3].

Ҳукумати нави исломӣ, ки аз ҳамон лаҳзаи ба сари қудрат омаданаш даргири ҷанги таҳмилӣ буд, аз қудрат ва ҳокимияти лозим бархӯрдор набуд ва қудрат амалан дар марказу вилоятҳо дар ихтиёри ҳизбҳои бо ном ҷиҳодӣ, тақсим шуда буд. Дар воқеъ, кишвар ба ҳукуматҳои зиёди худ тақсим ва

---

[1] Басов, В.В., Поляков, Г.А. Афганистан [Текст]: Трудные судьбы революции / В.В. Басов, Г.А. Поляков. – М.: Знание, 1988. – С.47.

[2] Кушо, Ф. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушди маорифи Афғонистон (солҳои 2001-2016) [Матн]: Дисс... д-р (Ph.D) / Ф. Кушо. – Душанбе, 2022. – С. 26.

[3] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 37.

тавассути гурӯҳҳои бо ном ҷиҳодӣ, фармондеҳон ва қумандонҳо мутобиқи хости шахсиашон роҳбарӣ мегардид ва дар чунин ҳолу аҳволи бесуботӣ ба маорифи кишвар беш аз ҳар соҳаи дигар зарбаи шадиде зада шуд. Роҳбарони гурӯҳҳои гуногун мактаб, донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро ба қароргоҳи низомӣ табдил доданд ва теъдоди зиёде аз сохтмони мактаб ва донишгоҳҳо дар марказӣ кишвар вайрону валангор гардид.

Ду ҳазор мактаб дар натиҷаи ҷангҳо вайрон гардид. Танҳо дар шаҳри Кобул 60% сохтмони мактаб ва дар вилоятҳо 75% сохтмони мактабҳо дар соли 1995 дар натиҷаи ҷанг хисороти калон бардошта буданд[1].

Вазъияти маориф дар вилоятҳо дар аҳди муҷоҳиддин нисбат ба марказ беҳтар буд. Ҳарчанд дар ин давра маорифи кишвар аз лиҳози шумора вориди марҳалаи нав гардид, вале бо камоли таассуф, ки андеша ва дидгоҳи бархе аз роҳбарони давлатӣ дар робита ба таълиму тарбияи занон монанд ба тафаккури «Толибон» буд. Масалан, дар соҳаҳои назорати таҳти Мавлавӣ Набӣ ва Мавлавӣ Холис занону духтарон ҳаққи дарсхонӣ дар мактабҳоро надоштанд.

Дар сохтори идоракунии Вазорати маорифи кишвар тайи ин муддат ашхос ба асоси тақсимоти танзимӣ қарор гирифтанд, ки баъдҳо ҳамин шахсиятҳо дар низоми «Толибон» ба вазифаҳои баланде низ ноил гардиданд. Масалан, Ҳоҷӣ Динмуҳаммад (аз ҳизби Холис), Мавлавӣ Ҷалолиддини Ҳаққонӣ (аз Ҳизби исломии Холис), Аҳмадшоҳ Аҳмадзай (аз Ҳизби Иттиҳод), Муҳаммад Фозил, Мавлавӣ Ҷалилуллоҳ Мавлавизода (аз Ҳаракати инқилоби исломии Муҳаммад Набӣ) таъйин гардиданд[2]. Бархе аз онҳо на танҳо ба роҳбарии ин вазоратҳо арзиш надоштанд, балки мухолифи ба мактаб фаро гирифтани занон ва маорифи навин низ буданд.

Бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар зарфи шароити маҳдуде, ки дар даст буд, дар ин давра даҳҳо мактаб ба литсей табдил ёфт ва донишгоҳҳои нав ва донишкадаҳои педагогӣ таъсис дода шуданд. Дар замони ҳукумати

---

[1] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 37.

[2] Ҳамон ҷо.

муҷоҳиддин дар вилояти Бағлон як донишгоҳ, ду донишкадаи динӣ ва улуми иҷтимоӣ ва адабиёт, дар соли 1993 Донишгоҳи Абдуллоҳ ибни Масъуд дар соли 1996 дар маркази Бомиён таъсис ёфт ва Дорулмутааллимини олии Қундуз дар соли 1995 ба донишкада табдил дода шуд[1].

Ин дар ҳоле буд, ки омӯзгорон дар мактаб ва устодон дар донишгоҳҳо ба мушкилиҳои зиёд ва ҷиддӣ дар баробари давлат қарор доштанд. Норасоии маводди дарсӣ, китоб, китобхонаҳо ва ғайра дар баробари напардохтани музди маоши муаллимон ва ҳоким будани фарҳанги қумондонсолорӣ мушкилоти маорифи кишварро зиёдтар карда буд.

Шарифӣ М. зикр менамояд, ки дар давраи ҳукумати муҷоҳиддин фанҳои дунявӣ ҷойи худро ба фанҳои динӣ иваз карданд. Омӯзиши донишҳои фиқҳ, тафсир, ақоид, сарфу навҳ, ҳадис ва биниши исломӣ дар давраҳои гуногуни мактабҳои миёна, литсей ва таҳсилоти олӣ, дар ҳоле ки камтарин таваҷҷуҳе нисбат ба муаллимони касбӣ ба ин фанҳо сурат гирифта бошад, дар барномаҳои маориф ворид карда шуд[2].

Давлати исломии Афғонистон ҷиҳати бозсозии сохтмонҳо фақат тавонист Донишгоҳи Кобулро дар соли 1995 таъмир намояд. Ҳукумати муҷоҳиддин бинобар сабаби ҷангҳо ва даргириҳои дохилӣ ва тақсим шудани давлат ба қисмҳо натавонист барои сохтмони мактабу донишгоҳои олӣ маблағ ҷудо намоянд. Хонандагону донишҷӯён аз таълиму таҳсил бебаҳра монданд. Аз ин рӯ, аз бесаводии ҷавонон гурӯҳҳои манфиатҷӯ истифода намуда, ҷавононро бар хилофи ҳуқуқи башар сӯиистифода намуданд.

Ба навиштаи Кушо Фаҳим «Муассисаи байналхалқии мададрасон ба маорифи Афғонистон созмони ЮНИСЕФ мебошад. Он дар тӯли 40 соли охир дар инкишофи маорифи Афғонистон нақши муҳим дорад. ЮНИСЕФ аз соли 1949 кори худро дар Афғонистон шуруъ кардааст»[3], вале дар ин давра

---

[1] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 37.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Кушо, Ф. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушди маорифи Афғонистон (солҳои 2001-2016) [Матн]: Дисс... д-р (Ph.D) / Ф. Кушо. – Душанбе, 2022. – С. 25.

бинобар сабаби шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар хоки Афғонистон натавонист барномаҳои худро дар ин кишвар амалӣ созад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки бо пирӯзии муҷоҳиддин ва барқарор гардидани арзишҳои ҷиҳодӣ чеҳраи шаҳрвандони шаҳри Кобул тағйир ёфта, мардум бо гузоштани ришу пӯшидани либоси маҳаллӣ (пироҳан ва тунбон), кулоҳу намуди худро ба муҷоҳиддин монанд карданд. Дар ҷойҳои омӯзишӣ ҳамаи таълимгирандаҳо ва фанҳо ба худ рангу бӯйи исломӣ гирифт. Ба шогирдон бештар масоили фиқҳӣ, тафсир, ҳадис ва Қуръон омӯзиш медоданд. Ҷавонон бештар ба ҳифзи Қуръон майлу рағбат пайдо карданд ва бархе аз онҳо ҳофизи Қуръон шуданд.

Албатта, пас аз зуҳури «Толибон» маълум гардид, ки теъдоди бештари сарону масъулини баландпояи онҳо, аз зумраи ҳамфикрони танзими Иттиҳоди исломӣ – Абдулраб Расули Сайёф ва Ҳаракати инқилоби исломии Мавлавӣ Набӣ ва дигарон будаанд.

Аз он ҷое, ки даргириҳои танзимӣ дар арсаи пуштибонӣ, ҳимоят ва таҷҳизи мустақими генералони ҳукумати Покистон ва дахолати баъзе кишварҳои дигар ба миён омада буд. Шаҳри Кобул дар воқеъ, ба майдони ҷанг мубаддал гашт.

Дар радифи дигар самтҳо соҳаи тандурустӣ низ дар ин давра рӯ ба таназзул ниҳод. Аз рӯйи маълумотҳои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) дар аввали соли 1978 дар мамлакат 900 духтур ва коркунони тиб, 76 беморхонаи дорои 5419 кат ва як таваллудхона мавҷуд буд)[1]. Аз соли 1979 то соли 1985 шумораи табибони афғон дар кишвар аз 900 ба 1200 нафар расид (илова бар ин, дар кишвар табибони шуравӣ кор мекарданд)[2].

Аз моҳи декабри соли 1978 то майи соли 1987 дар мамлакат шумораи беморхонаҳо 1,5 баробар, шумораи катҳо ду баробар, шумораи табибон ва кормандони тиб се маротиба афзуд. Ҳукумат як чанд барномаҳои мақсадноки

[1]Кузнецов, В. Врачи едут в кишлаки [Текст] / В. Кузнецов // Известия. – 1987. – №137 (21944). – 17 мая. – С. 4.
[2] Устинов, Г. Спасибо, доктор [Текст] / Г. Устинов // Известия. – 1985. – №289 (21366). – 16 октября. – С. 5.

тиббиро оғоз карда буд, мубориза бар зидди касалии сил ва бемориҳои сироятӣ, мубориза бо нобиноӣ ва ҳифзи модару кӯдак[1].

Вале баъди ба сари қудрат омадани муҷоҳиддин ва мунокишаҳои дохилӣ бисёре аз беморхонаҳо вайрону валангор гардида, кормандони беморхонаҳо ба қатл расонида шуд. Бархе аз беморхонаҳо ба пойгоҳи низомии қумондонҳои саҳроӣ табдил гардид.

Хулоса, новобаста аз мушкилоту норасоиҳо Б. Раббонӣ кӯшиш кард, ки мардум аз илму фарҳанг то ҳадди имкон бархӯрдор бошанд. Чигунае, ки дар боло зикр кардем, Б. Раббонӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳо барномаҳо таҳрезӣ кард, вале афсус ҷанги хонумонсӯз ва душманони дохиливу хориҷӣ нагузоштанд ҳадафҳои тақдирсози мардумӣ дар амал татбиқ шаванд. Ташаккули ҳаракати «Толибон» ва ба воситаи он амалӣ гардидани сиёсати абарқудратҳо ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои геосиёсию геостратегӣ садди роҳи тамоми пешравиҳо дар Афғонистон гардид. Аз зиддиятҳои этникию қавмӣ истифода намуда, қувваҳои хориҷӣ бештар ба он гурӯҳҳое ёрӣ мерасониданд, ки барои онҳо манфиати аксарият аҳаммият надошт. Ҳадафи Бурҳониддин Раббонӣ, ки ташкили ҳукумати ҳамашумул буд, ба манфиати сиёсати қудратҳои хориҷӣ мутобиқат намекард. Барои онҳо дастаҳои тундгарое чун Гулбиддин Ҳикматёру «Толибон» лозим буд, ки бо пул харида ва фурӯхта мешуданд. Мушкилоти этникӣ, махсусан қавмгароӣ дар ин кишвари мусибатдида заминаи мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гардид. Барои абарқудратҳои хориҷӣ, ки дар зери бунёди давлати исломӣ ба нерӯҳои тундгаро ёрӣ мерасониданд, ба итмом расидани моҷарои сиёсии Афғонистон ҳеч манифате надошт. Ҳадафи асосии он дар аввали шикасти мафкураи мардуми ғафлатзадаи ин кишвар буд. Аз эҳсоси динию мазҳабии ин мардум истифода намуда, дар аввал Англия баъдан, Амрико тавассути Покистону Арабистон ба ҳамон қувваҳои қавмгарою мафкураи асримиёнагӣ дошта такя менамуданд. Аз таҳлили осори муҳаққиқон ва равандҳои имрӯзи

[1] Кузнецов, В. Врачи едут в кишлаки [Текст] / В. Кузнецов // Известия. – 1987. – №137 (21944). – 17 мая. – С. 4.

Афғонистон баремояд, ки дар навбати аввал низоми маориф шикаста шуд, ки мушкилотҳои дигар дар ин замина ба вуҷуд омаданд. Дар маҷмуъ, тамоми нерӯҳои ифротӣ, ки дар зери сарпарастии қудратҳои хориҷӣ монанди «Толибон»-у Ҳикматёр вазъи давлатро мураккаб намуданд, муқобили тоҷикон амал менамуданд. Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд новобаста аз он ки тоҷик буданд, вале ҳадафи асосиашон ташкили ҳукумати ҳамашумул ва аз зери асорати қудратҳои хориҷӣ озод намудани Афғонистон ва мардуми он ба ҳисоб мерафт. Тафаккури асримиёнагӣ ва хуруфотии аксари ҷомеаи Афғонистон ҳадафҳои тақдирсози чунин чеҳраҳои мондагори кишварро пай набурданд. Ҳоло он ки ҳадафи асосии онҳо ҳамқадам намудани давлати Афғонистон ба ҷомеаи мутамаддин буд. Паёмади ин қадрношиносӣ ва дарк накардани чунин афкори созанда имрӯз барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ростои Афғонистон равшану возеҳ аст.

# БОБИ III. ЗУҲУР ВА ТАШАККУЛИ ҲАРАКАТИ «ТОЛИБОН»

## 3.1. Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»

Омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои сиёсии Афғонистон дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри XX гувоҳи он аст, ки дар саргаҳи тамоми таҳаввулот, ки паёмади бисёр манфиро барои кишвар ва минтақа ба бор овард, зуҳур ва фаъолияти ҷунбиши «Толибон» қарор дорад. Зиёда аз 30 сол мешавад, ки оид ба ин ҳаракати хусусияти сиёсӣ ва ҳарбию динӣ дошта, садҳо муҳаққиқону коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ ибрози ақида намудаанд. Бояд гуфт, ки дар бораи зуҳури «Толибон» дар Афғонистон фикру ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Воқеият дар он зоҳир мегардад, ҳеҷ яке аз роҳбарони ин ҷунбиш шахсиятҳои бонуфӯз ва шинохта дар ҷомеаи Афғонистон ба ҳисоб намерафтанд. Аз ташаккули чунин созмон дар дохили худи кишвар нишоне мавҷуд набуд. Муҳаққиқон, ба омилҳои хориҷӣ дар зуҳури «Толибон» диққати махсус медиҳанд ва онҳоро парварда ва василаи дасти давлатҳои хориҷӣ меноманд.

Дар робита ба ин, Соҳибназар Муродӣ зикр намудааст, ки «Зуҳури толибон падидаи ногаҳонӣ набуд, балки решаҳои онро метавон дар даврони ҷиҳод дар миёни танзимҳо ва тарҳҳои раҳбарони покистонӣ дарёфт. Баъд аз дастёбии муҷоҳиддин бар Кобул масъалаи носозгории танзимҳои ҷиҳодӣ умдатан аз хориҷи кишвар роҳбарӣ мегардид, то баҳона ва далелеро ба хотири ҳифзи ин нерӯҳо, ки метавонист дар адами мудохилаи хориҷии кишвари муқтадир ва қодир ба дифоъ аз истиқлолу тамомияти арзии худ бошад, ба вуҷуд биоварад. Идомаи кашмакашҳои чандсолаи танзимҳои ҷиҳодӣ барои дастёбӣ ба мақому қудрат ва обрӯи хеш дар саҳна, ки аз ин барнома берун набуд, боиси коста гардидани эътибори сиёсӣ ва нотавонии онҳо дар сохтори давлат гардид»[1].

Таҳлили таърихи пайдоиши ҷараёни нави радикалии афғонӣ шаҳодати он аст, ки ба қудрат расидани ҳаракати «Толибон» сабабҳои зиёди дохилӣ ва

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – С.521.

хориҷӣ дошт. Аввалан, дар ин раванд омили этникӣ-динӣ бартарӣ дорад. Дар ҷанубу шарқ, ҷанубу ғарби Афғонистон ва шимолу ғарби вилоятҳои сарҳадии Покистон, асосан пуштуҳо сокин буданд, ки сабаби пайдоиши ташаккули қувваи нави сиёсӣ – ҳаракати «Толибон» гардид[1]. Онҳо даъвои ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсиро доштанд. Баҳонаи чунин даъво асосан он буд, ки гӯё дар натиҷаи Инқилоби саври соли 1978 пуштуҳо мавқеъи калидии худро дар мақомоти идоракунии давлатӣ аз даст додаанд. Ин ҳолат дар зери таъсири баъзе пешвоёни қавмгаро зарурати муттаҳид шудани пуштуҳои ҳудуди Покистону Афғонистонро ба миён овард.

Ба навиштаи Қ. Искандаров шароити дуюмро гурезаҳои афғон, ки ба Покистон рафтанду аксаран узви ҷараёни радикалии динии «Толибон» буданд, ба миён овард[2].

Муҳаққиқони рус Ляховский А.А. ва Забродин В.М. ташаккули ҳаракати «Толибон»-ро ба ҷангҳои дарозмуддати миёни муҷоҳиддин, ки давлатро ба хавфи нестшавӣ мебурд, рабт медиҳанд[3].

Уилям Мейлӣ зикр намудааст, ки «Ҷунбиши «Толибон» аз аввали даҳаи соли 1980 дар Афғонистон вуҷуд дошт. Дар аввал ин ҳаракат дигар буд. Онҳо бештар ба сарбозони одӣ монанд буданд. Намуди зоҳирии онҳо аслан хоҳиши Покистонро барои дидани як навъ нерӯе инъикос мекард, ки метавонад ҳудудҳое, ки Ҳикматёр роҳбари Ҳизби исломӣ натавонист ба даст орад, ба он соҳиб гарданд»[4]. Дар ин радиф, низоъҳо ва ноороми дохилии Афғонистон барои мудохилаи кишварҳои хориҷӣ низ дар ин сарзамин замина гузошт.

Ҳанӯз то омадани ҳукумати муваққатӣ, ки дар Покистон ташкил шуда буд, миёни гурӯҳҳои муҷоҳиддин даргириҳои шадид ба вуқуъ пайваст.

---

[1] Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С.216-220.
[2] Ҳамон ҷо
[3] Ляховский, А.А., Забродин, В.М. Тайны афганской войны [Текст] / А.А. ЛЯховский, В.М. Забродин. – М., 1991. – С.42-43.
[4] Уильям, М. Афганистан с точки зрения истории и географии [Текст] / М. Уильям // Красного Креста. – 2010-2011. – №880-881. – С.25-26.

Чуноне дар боло ишора гардид, Гулбиддин Ҳикматёр дар натиҷаи мувофиқа бо як чанд роҳбари сиёсӣ ва низомии пуштунтабори давлатӣ аввалин шуда ба шаҳри Кобул дохил шуд ва дар шаҳр, ки ҳукумати коммунистӣ ба истеъфо рафт ва зарурати ҷанг вуҷуд надошт, ҷангро дар ин сарзамин оғоз бахшид. Ҳазорон нафари мусаллаҳ дохили шаҳри Кобул шуданд. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо зиёда аз се ҳазор маҳбус, ки ба хотири дуздӣ, қатл ва ҷиноятҳои дигар дар зиндонҳо буданд, озод шуданд. Дуздию ғоратгарӣ, беназмию бесуботӣ шаҳрро фаро гирифт. Ҳангоми ҳуҷуми Г. Ҳикматёр ба Кобул, ҳанӯз Қандаҳор, Пактиё, Нангарҳор суқут накарда буданд[1]. Баъди расидани овозаи суқути Кобул ҳама дар тарсу ҳарос афтиданд ва мардум ба ҳар тараф гурехтанд. Силоҳу муҳиммот, танку тӯп бесоҳиб монд.

Ҳама чиз, новобаста аз моликияти шахсиву давлатӣ дуздида ва ба Покистон фурӯхта мешуд. Қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон дар охири президении доктор Муҳаммад Наҷибулло 2500 танк дошт, ки мувофиқи маълумоти ба даст омада аз танкҳои Эрону Покистон дида дар ҳамон замон зиёдтар буданд[2]. Покистон ба хотири аз байн бурдани техникаҳои ҷангии Афғонистон эълон кард, ки оҳани танкро бо нархи баланд мехарад. Ин буд, ки шабона танкҳо аз тарафи гурӯҳҳои гуногун тарконида мешуданд ва оҳани он ба фӯруш мерафт. Нерӯҳои Аҳмадшоҳи Масъуд, Абдурашид Дӯстум ва ҳизби «Ваҳдат» якҷо бо баъзе қисмҳои ҳарбии ҳукумати собиқ ҷангҷӯёни Ҳикматёрро аз шаҳр берун карданд. Аммо қудратталабии аз ҳад зиёди баъзе роҳбарони ҷиҳодӣ, ба хусус Г. Ҳикматёр тамоми раванди сулҳро барҳам зад, пойбарҷо мондани ҳукуматро зери шубҳа қарор дод.

Пойтахти кишвар шаҳри Кобул ҳамчунон миёни гурӯҳҳои рақиб тақсим шуда буд. Бешубҳа, ихтилофоти ҳизбӣ ва дарунҳизбӣ, ҷангҳои пайдарпайи онҳо, ки то суқути Кобул аз тарафи «Толибон» 4 сол давом кард, сабаби заиф

---

[1] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.31-32.

[2] Марде устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур. ─ Машҳад, 1999. – С.286.

шудани ҳукумат гардид, аз истиқрори як давлати миллӣ ҷилавгирӣ намуд ва заминаи зуҳури ҷунбиши «Толибон»-ро фароҳам сохт[1].

Таҳлили назари пажуҳишгарон нишон медиҳад, ки дар ҳама ин ҷангу ҷидолҳо ва ғорату харобиҳо нақши Г. Ҳикматёр барҷаста буд. Тасодуфӣ нест, ки маҳз ӯро заминасози зуҳури ҷунбиши «Толибон» меноманд. Зуҳури «Толибон» албатта, ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ дошт. Ҳамин бесуботӣ, нооромию беамниятӣ ва қудрати силоҳ буд, ки қумондонҳои маҳаллӣ дар бенизомӣ, ғоратгарӣ, таҷовуз ба номуси инсонҳо дасти боз доштанд, яке аз омилҳои асосии шаклгирии ҷунбиши «Толибон» гардиданд.

Пауҳишгари масоили буҳрони Афғонистон Қ. Искандаров таъкид менамояд, ки қумондонҳои маҳаллӣ аз бенизомӣ истифода бурда, барои ба даст овардани пул ҳама чизро ба покистониҳо мефурӯхтанд. Онҳо симҳои телефону дастгоҳҳои корхонаҳоро ба даллолони покистонӣ фурӯхтанд. Ҳатто дарахтҳои сабз бераҳмона бурида шуда, ба Покистон содирот мешуд. Бо мардум ҳарчи мехостанд, мекарданд. Молу хонаҳои онҳоро ба зурӣ ва тарсонидан мегирифтанд. Духтарону писарони ҷавонро ба мақсадҳои шаҳвонии худ мерабуданд. Дар роҳҳои рафтуомад сари ҳар қадам ҳама ҷо хаймаҳои қумондонҳо ҷойгир буд, ки аз мардум андоз мегирифтанд[2]. Ин вазъият наметавонист мардумро дигар бетараф гузорад.

Дар бораи он ки чӣ гуна Мулло Умар[3] тавонист, гурӯҳи хурди «Толибон»-ро бар зидди қумондонҳои бераҳми Қандаҳор бархезонад, достонҳои зиёде бар сари забонҳо буд. Ба қавли хабарнигори покистонӣ - Аҳмад Рашид эътимоднoктарини онҳо чунин аст: «Баҳори соли 1994 сокинони маҳаллаи Сангсор (Мулло Умар муллои масҷиди он буд) барои шикоят аз як қумондон назди Мулло Умар омаданд. Онҳо изҳор доштанд, ки яке аз қумондонон ду духтари ҷавонро рабуда, дар як пойгоҳи низомӣ

[1] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ. Душанбе: Ирфон, 2003. – – С.39.
[2] Ҳамон ҷо. – С 40-41.
[3] Мулло Муҳаммад Умар (ному насаби аслӣ ва пуррааш-Сайид Муҳаммад Охундзода) соли 1959 дар деҳаи Навдеҳи вилояти Қандаҳори Афғонистон таваллуд шудааст. Миллаташ пушту. Роҳбари Ҷунбиши «Толибон». Мулло Муҳаммад Умар аз 27 сентябри соли 1996 то 13 ноябри соли 2001 роҳбари Шурои Олии Афғонистон (Амиралмӯъминин) маҳсуб буд.

мавриди таҷовуз қарор додаанд. Мулло Умар бо ҷамъоварии 30 толиб, ки танҳо 16 нафарашон мусаллаҳ буданд, ба пойгоҳи қумондонҳои мазкур ҳамла намуда, пас аз озод кардани духтарон фармондеҳи ҷинояткорро дар мили танк ба дор овехтанд. Чанд моҳ баъд аз ин ҳодиса ду қумондони дигар дар Қандаҳор бар зидди якдигар қарор гирифтанд. Ин даъфа мавзуи аслӣ писарбачае буд, ки ҳар як аз ин ду қумондон хоҳони он буданд. Дар ҷанге, ки байни онҳо даргирифт, чандин шаҳрванд кушта шуданд. Гурӯҳи Мулло Умар писарбачаро озод кард ва пас аз он мардум бо иштиёқ аз онҳо хоҳиш намуданд, ки дар ҳалли дигар низоъҳо ҳам ба онҳо ёрӣ расонанд. Ӯ ба ивази ин кумак ҳеч подош талаб намекард. Хостаи ӯ танҳо ин буд, ки барои таъсиси як низоми комилан исломӣ аз ӯ пайравӣ кунанд[1].

Мулло Умар дар атрофаш шиносҳои деринашро ҷамъ кард, ки онҳо баъдан муассисони ҷунбиши «Толибон» шинохта шудаанд. Мулло Муҳаммад Ҳасан, Мулло Ғафс, Мулло Муҳаммад Раббонӣ, Мулло Умар ҳама урузганиасл буданд ва дар солҳои ҷиҳод дар ҳайати гурӯҳҳои гуногуни низомӣ - сиёсӣ меҷангиданд[2].

Вазъи мураккаби Афғонистон ва ҷинояту хиёнатҳои фармондеҳон албатта, боиси бадбинии зиёди мардум нисбати гурӯҳҳои ҷиҳодӣ шуда буд. Аммо, ба ақидаи Қ. Искандаров «ба ҳеҷ ваҷҳ гурӯҳи «си нафараи Мулло Умар, ки нисфаш яроқ надоштааст» наметавонист, бидуни кумаки хориҷӣ, дар як муддати кӯтоҳ ба як нерӯи пуриқтидор мубаддал шавад»[3].

Бояд гуфт, ки дар зуҳури ин ҷунбиш дар радифи омили дохилӣ омилҳои хориҷӣ накши муҳим бозидаанд. Дар бисёр маврид дастаҳои хориҷӣ кӯшиш мекарданд, ки мухолифатҳои байни азҳоб ва гурӯҳҳоро доман зананд, то гурӯҳ ё нерӯи қобили қабули онҳо аз имтиёзоти бештаре дар қудрат бархӯрдор бошанд ва ё ҳукумате, ки қобили қабули онҳо нест, суқут кунад.

---

[1] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000. – С.51.

[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.42.

[3] Ҳамон ҷо.

Бинобар ин, зуҳури «Толибон»-ро ба ҳеч ваҷҳ наметавон бидуни пайвастагии авомили дохилӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Аз давлатҳои хориҷӣ бешубҳа, Покистон дар раванди шаклгирӣ ва тақвияти «Толибон» нақши калидӣ дошт. «Толибон» аксаран дар Покистон ба воя расидаанд, дар мадориси динии таҳти сарпарастии Мавлоно Фазл-ур – Раҳмон, ки бо сарвазири онвақтаи Покистон – Беназир Бҳуто робитаи наздик дошт. Ӯ ин ҷунбиши дар ҳолати ташккулбударо ба ISI (Созмони истихборотии артиши Покистон) муаррифӣ кард.

Рӯзноманигори тоҷикистонӣ Н. Давлатов дар масъалаи нақши Покистон дар зуҳури «Толибон» чунин менависад: «Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Покистон дар фикри ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва доду гирифт бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд, вале ҷанги Афғонистон ба ин халал мерасонд. Ҳадафи дигари Покистон аз ҳимояти «Толибон» дар он буд, ки ҳукумати Бурҳониддин Раббониро, ки бо Эрон ва Ҳинд робита дошт, сарнагун созад. Бо ҳимоят аз «Толибон» мехостанд ин эҳсосро дар Эрон ба вуҷуд оваранд, дар ҳамсоягиаш хатаре вуҷуд дорад, ки он низоми исломии Теҳронро таҳдид мекунад»[1].

Стратегияи Покистон дар як бунбаст қарор дошт. Оё аз Г. Ҳикматёр пуштибонӣ кунад ва ё ҷонибдории худро аз як давлатӣ эътилофӣ эълон намояд. ISI бар он назар буд, ки ҳукумати ғайрипуштуӣ наметавонад ҷавобгӯ ба манфиатҳои Покистон бошад. Аз ин рӯ, ISI мехост дар артиш ва ҳукумати Афғонистон вазифаҳои калидӣ дар дасти пуштуҳо бошад.

Дар артиши Покистон 20% фармондеҳони олирутбаро пуштуҳо ташкил мекарданд. Артиш ва таблиғоти бунёдгароёни исломӣ дар дохили ISI омили таъинкунандаи пирӯзии пуштуҳо буд.

---

[1] Давлатов, Н. Толибон: аз пайдоиш то сукут [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2002. – 15 март. – №11.

Тибқи маълумоти рӯзномаи «Аргументы и факты» ҳаракати «Толибон»-ро истихбороти низомии Покистон – ISI, бо кумаки Раёсати марказии истихбороти Амрико таъсис дод[1].

Муҳаққиқи афғонистоншиноси тоҷик Искандаров Қ. дар бораи нақши Покистон дар зуҳури «Толибон» ишора мекунад, ки баъди шикасти Ҳикматёр дар аввали соли 1994 Покистон дигар рағбати сармоягузорӣ ба ин нерӯи шикастхӯрдаро надошт ва дар фикри пайдо кардани нерӯи дигар буд[2].

Тибқи ҳамин нақша буд, ки ин ҷунбиши «Толибон» мебоист ҳамчун ҷунбиши худҷӯш ва афғонӣ бар зидди бесуботӣ, анархия ва фасод, бо пуштибонӣ аз ҳукумати Кобул оғоз мешуд. Дар ҳоле ки аз ҳамон ибтидо Покистон вазифаҳои вобаста ба омӯзиши аъзои «Толибон» кумакҳои молӣ ва таъмини ҳама чизи зарурӣро ба уҳда гирифта буд. Ҷангҷӯёни ҷунбиши «Толибон» аз ҷумлаи талабаҳои мадрасаҳои динии Покистон бояд пурра мешуд. Роҳбарони ин ҷунбиш дар ҷалби ошкорои онҳо ба ҷанг дар Афғонистон дасти боз доштанд. Ҳукумати Покистон на танҳо монеи сарбозгирӣ намешуд, балки бо хоҳиши «Толибон» мадорисро мебаст, то ки шогирдон барои ба ҷанг рафтан озод шаванд. Гузашта аз ин, садҳо нафар аз афсарони қӯшунҳои вижаи артиши Покистон дар сурати зарурӣ метавонистанд ба ҷабҳаи Афғонистон фиристода шаванд.

Собиқ сарвазири Покистон Беназир Бхуто дар яке аз мусоҳибаҳои телевизионӣ, дар ҷавоб ба пурсиши хабарнигорони Би-Би-Си, ки чаро Покистон аз ҳаракати иртиҷоии «Толибон» ҳимоят менамуд, чунин гуфт: «Покистон дар ин робита танҳо нест, нақшаи ин ҷунбиш аз англисҳост, сарпарастиашон ба дӯши Амрико, таъмини пулии он аз кишварҳои Халиҷ аст. Покистон танҳо омӯзиши онҳоро ба уҳда дошт»[3].

Муҳаққиқи дигари дигар Ҷ. Алимӣ дар мавриди зуҳур ва кумаки Покистон ба «Толибон» чунин нигоштааст: «Шуруъ аз тирамоҳи соли 1994 аз

---

[1] Кто такие талибы? [Текст] // Агрументи и факты. – 2000. – №41. – 11 октября.
[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.44.
[3] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – С.186.

ҷониби нерӯҳои муассир, хадамоти махсус ва ниҳодҳои интизомию қудратии Покистон кумаку дастгириҳои ҳамаҷониба ва мухталиф ба ҷунбиши «Толибон» афзоиш ёфт»[1].

Такяи Покистон ба «Толибон» муносибати байни Афғонистон ва Покистонро сард кард. Ин буд, ки моҳи октябри соли 1995 намояндаи профессор Бурҳониддин Раббонӣ дар Исломобод аз ҳудуди Покистон расман хориҷ шуд. Моҳи декабри ҳамон сол консули генералии Афғонистон низ Покистонро тарк кард[2].

Қобили зикр аст, ки Гулбиддин Ҳикматёр нақши хоссаи англисҳоро дар ташаккули ҳаракати «Толибон» таъкид намудааст. Ӯ мӯътақид буд, ки маҳз англисҳо ва Насрулло Бобур амрикоиҳоро таблиғ карданд, ки аз «ҷунбиши суннатгаро» ва «муътадил» бар зидди бунёдгароён истифода кунад. Бобур ғайр аз ин, ба онҳо гуфта буд, ки «Толибон» ба бозгаштани шоҳи собиқ мувофиқанд[3]. Тавре ки олими фаронсавӣ Руа Оливе дар иртиботи нақшаи Покистон иброз медорад, бешубҳа, нақши он бо омӯзиши «Толибон» маҳдуд намешуд. Кумаки Покистон бисёрсамта буд, аз ҷумла кумаки пулӣ. Маоши кормандони ҳукумати «Толибон»-ро Покистон мепардохт, ки солона 6 млн. долларро ташкил медод ва покистониҳо кӯшиш мекарданд, аз буҷети солонаи давлати худ ин маблағро пинҳон кунанд. Хабарнигори покистонӣ Аҳмад Рашид менависад, ки дар солҳои 1997–1998 Покистон ҳудуди 30 миллион доллар дар ихтиёри «Толибон» қарор дод. Покистон, инчунин барои «Толибон» низ заминаи хариди силоҳ ва муҳиммотро аз Украина ва Аврупои Шарқӣ фароҳам мекард[4].

Манбаи аслии ҷалби сарбозон толибони мадрасаҳои динии Покистон буданд, ки дар солҳои ҷанг шумораашон хеле зиёд шуда буд. Агар дар соли

---

[1] Алимӣ, Ҷ. Покистон дӯст ва ҳомии Толибон [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 19 октябр. – С.11.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи кувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – С.185.
[4] Руа, О. Афғонистон, ислом ва навгариҳои сиёсӣ [Матн] / О. Руа. – Теҳрон, 2000. – С.186.

1981 дар Покистон 900 мадраса вуҷуд дошта бошад, дар соли 1988 8000 мадрасаи расмӣ ва 25000 мадрасаи сабтиномнашуда фаъолият мекард[1].

Муҳити тарбиятӣ дар ин мадрасаҳо тавре буд, ки ҷавонон бо оилаҳои худ робита надоштанд. Гузашта аз ин, бисёре аз ин шогирдон ятим буданд. Онҳо насле буданд, ки дар зери хаймаҳои урдугоҳҳои гурезагон дар Покистон ба воя расида буданд[2].

Дар ин лагерҳо мактаб вуҷуд дошт ва дар онҳо илмҳои асриро низ дарс медоданд. Аммо баъзе хонаводаҳо фикр мекарданд, ки таълимоти асрӣ боиси гумроҳии ҷавонон мегардад ва онҳоро аз дин дур мекунад. (Дар Афғонистон мадрасаи асриро «мактаб» меномиданд). Сабаби дигаре, ки гурезаҳо фарзандони худро ба мадрасаҳои динӣ медоданд, ин масъалаи камбизоатӣ буд. Дар мадрасаҳои динӣ ҳама чиз ройгон буд. Кишварҳои пулдори Халиҷи Форс ба ин мадрасаҳо пули зиёд кумак мекарданд. Шумораи зиёди мадрасаҳо ба ҳизби «Ҳаракати инқилоби исломӣ»-и М.Н. Муҳаммадӣ ва «Ҳизби исломӣ»-и Ю. Холис тааллуқ доштанд. Дар солҳои ҷиҳод нуфуз ва обрӯи мулло ва мадрасаи динӣ хеле зиёд шуда буд.

Ваҳиди Мужда, муҳаққиқи афғон, ки ӯ худ дар Вазорати корҳои хориҷии Аморати исломии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX фаъолият намудааст, дар китоби худ «Афғонистон ва панҷ соли султаи толибон» чунин ишора кардааст: «Дар Покистон садҳо мадрасаи динӣ кушода мешуд, шогирдон дар ин мадорис, робитаи каме бо хонаводаи худ доштанд. Аз лутфу меҳрубонии модар маҳрум буданд. Онҳо аз устод итоат кардан ва ба ӯ эҳтиром гузоштанро меомӯхтанд. Ҳамин итоат аз устод буд, ки ба афзоиши нуфузи Покистон дар байни «Толибон» кумак намуд. «Толибон» мебоист салла мебастанд, риш наметарошиданд. Дар муҳити онҳо

---

[1] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000. – С.46.

[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.51.

зан, махсусан зани таҳсилкардаи шаҳрӣ ҳуқуқи дохил шудан надошт ва гузашта аз ин, зан мавҷуди хатарнок ҳисоб мешуд»[1].

Роҳбарони Покистон бовар доштанд, ки «Толибон» баъди ба қудрат расидан «хатти Дюранд»-ро ба расмият хоҳанд шинохт. Вале онҳо ҳангоме Кобулро ба даст гирифтанд, ин дархости покистониҳоро рад карданд.

Бояд гуфт, ки ИМА баъд аз хуруҷи нерӯҳои Шуравӣ аз Афғонистон ва суқути давлати Муҳаммад Наҷибулло мувакқатан Афғонистонро «фаромӯш» кард. Изҳороти маъмурини амрикоӣ дар вазорати хориҷа ва берун аз он рафту омад ва музокироти онҳо дар робита ба Афғонистон дар Покистон ва минтақа ва ҳамчунин, тамосҳо ва гуфтугӯҳо бо гурӯҳҳои мухталифи ҷиҳодӣ ва ғарбӣ дар Афғонистон, бахусус бо «Толибон» ҳама нишондиҳандаи накши Амрико дар шаклгирӣ ва тақвияти «Толибон» аст. Муаллифи китоби «Ҷанги ашбоҳ» менависад: «Беназир Бҳуто баҳори соли 1995 ба Вашингтон сафар кард ва бо Бил Клинтон мулоқот намуд. Ӯ «Толибон»-ро як гурӯҳи ҷонибдор аз Покистон муаррифӣ намуд, ки метавонистанд суботро ба минтақа баргардонанд. Бҳуто мегӯяд: «Дар ин музокирот мавзуи Афғонистон дар баррасии барномаи ҳеч тарафе қарор надошт, қазияи Афғонистон дар ҳоли беаҳаммиятӣ буд, аммо ташреҳоти ӯ аз «Толибон» ба ҳайси гардонандаи субот ба Афғонистон мавриди алоқамандии маъмурини миёнрутбаи амрикоӣ қарор гирифт[2]. Мутахассисони Амрико таҳти назари афроди ғарбгаро чун Ҳомид Карзай қарор гирифта буданд, ки аз зуҳури «Толибон» ба ҳайси як ҳаракати муттаҳидкунандаи пуштуҳо истиқбол намуд. Дар Шурои амнияти миллии Амрико «Толибон» ба ҳайси нерӯи оварандаи сулҳ дар сарзамине, ки дучори ҷанг буд, арзёбӣ мешуд. CIA фикр мекард, ки зуҳури «Толибон» мумкин боиси эҷоди субот шавад. Дар Қасри сафед фикр мекарданд, тавре ки

---

[1] Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи толибон [Матн] / Ваҳиди Мужда. – Пешовар: Майванд, 2002. – С.12.

[2] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – С.522.

«Толибон» як роҳи ҳал барои Афғонистон шуда метавонанд, онҳо барои ширкатҳои нафтии Амрико метавонанд як роҳи ҳал бошанд[1].

Мавриди зикр аст, ки Амрико давлати Раббониро дар ин давра ба расмият намешинохт ва нерӯҳои давлатиро, ки асосан аз нерӯҳои Ҷамъияти исломӣ ташкил ёфта буданд, мисли дигар дастаҳои мусаллаҳи аҳзоби афғонӣ медонист. Мақомоти амрикоӣ ҳам мисли бисёре аз кишварҳои дигар муътақид буданд, ки гурӯҳҳои ҷиҳодӣ наметавонанд ба Афғонистон сулҳ биёранд.

Амрикоиҳо умед доштанд, ки «Толибон» ба кишт ва истеҳсоли тарёк хотима мебахшанд[2]. Дар аввал Амрико фикр мекард, ки қоидае, ки «Толибон» дар Қандаҳор ҷорӣ карданд, ҳеч мушкилие надорад. Маъмурияти ИМА фикр мекард, ки «Толибон» бо сиёсате, ки доранд, монеи нуфузи Русия ва Эрон дар Афғонистон мегардад[3].

Муҳаққиқ Қ. Искандаров баъд аз мулоқот бо яке аз роҳбарони Департаменти Осиёи Ҷанубии Вазорати хориҷаи Амрико чунин навиштааст: «Барои амрикоиҳо он чиз муҳим буд, ки «Толибон» иддаои ҳокимият намекарданд, бисёр қаноатпеша буданд, аз ин сабаб бо эҳтимоли қавӣ, дар ибтидо аз «Толибон» ба сифати «ҳамворкунандаи роҳ» барои як нерӯи муътадил, яъне М. Зоҳиршоҳ истифода мешуд»[4].

Ба назар мерасад, ки «Толибон» ба амрикоиҳо ва саудиҳо ваъда дода буданд, ки онҳо ҳукумат ташкил нахоҳанд кард ва баъд аз ҳалъи силоҳи муҷоҳиддин як ҳукумати исломӣ бо қоидаи васеъ мебоист бунёд карда шавад. Баъдҳо намояндагони вазорати хориҷаи ИМА бо «Толибон» диду боздидҳо оғоз карданд ва аз сиёсатҳои онҳо то вақте нигаронӣ нишон надоданд, ки онҳо Кобулро ишғол карданд. Метавон гуфт, ки амрикоиҳо низ аз ҳадафу мақсади «Толибон» эҳтимолан дертар огоҳӣ пайдо карданд. Кори

[1] Ҳафтаномаи Паёми муҷоҳид, ш. 395040 мизони 1373 (1995).
[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.48.
[3] Давлатов, Н. Толибон: аз пайдоиш то суқут [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2002. – 15 март. – №11.
[4] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.48.

сохтмони хати газу нафт ҳам оғоз нашуд ва аз охири соли 1997 сиёсати ИМА нисбати «Толибон» ба куллӣ тағйир ёфт[1].

Бояд гуфт, ки дар ташаккули ҷунбиши «Толибон» нақши Арабистони Саудӣ низ кам набуд. Ин кишвар дар таъмини молии «Толибон» нақши калон бозӣ карда, аз таъсиси ин ҷунбиш ҳадафҳои худро дошт.

Ваҳиди Мужда менависад, ки баъд аз ҳоким шудани «Толибон» дар Кобул сафири вақти Арабистони Саудӣ дар Афғонистон Салмон-ал Амрӣ бо муовини Шурои сарпарасти Кобул Мулло Муҳаммад Ҳасан мулоқот кард ва баъд аз оғози тавзеҳоти ӯ дар бораи вазъият бо асабонӣ суханонашро бурид ва гуфт: «Мулло Ҳасан: оё қарори мову шумо ҳамин буд, ки шумо ба Кобул дохил шавед? Оё қарор ин буд, ки шумо дар Кобул ҳукумат бисозед. Ману ту ва Мулло Раббонӣ чӣ маслиҳат карда будем? Шумо кореро, ки набояд анҷом медодед, анҷом додед, акнун масъулияти ояндаи кор ба души шумост»[2]. Аз ин суҳбат бармеояд, ки «Толибон» бояд, мувофиқи амри хоҷагони худ амал мекарданд.

Нуралӣ Давлатов дар мақолаи худ «Толибон: аз пайдоиш то сукут» аз Муҳаммад бини Ид-ал-Утайбӣ сафири собиқи Арабистон дар Афғонистон, ки дар давраи маъмурияти сиёсии худ аз наздик шоҳиди зуҳур ва суқути «Толибон» будааст, иқтибос меорад. Дар мусоҳиба бо рӯзномаи арабии «Ал-ҳаёт» оид ба зуҳури «Толибон» чунин андеша дорад: «Бунёдгузорони «Толибон» касоне буданд, ки саҳме дар ҳайати давлати Б. Раббонӣ надоштанд. Ин аз 4 гурӯҳ иборатанд: Якум, касоне, ки дар ҳукумати собиқ (Муҳаммад Наҷибулло) дар замони ишғоли Афғонистон масъулият доштанд. Дуюм, гурӯҳе буд, ки аз давлати Раббонӣ ҷудо шуданд. Сеюм, гурӯҳи афсарони ба истеъфорафтаи Созмони иттилоотии (разветка)-и Покистон буданд, ки масъулияти омӯзиш ва фармондеҳии нерӯҳои афғонӣ дар ҷанг алайҳи Артиши сурхро ба уҳда доштанд. Чаҳорум, кормандони Вазорати

[1] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.49.
[2] Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи толибон [Матн] / Ваҳиди Мужда. – Пешовар: Майванд, 2002. – С.19.

хориҷии Покистон, ки тамоман пушту ҳастанд. Дар ин ҷо бояд гуфт: «Толибон» номи ҷунбиши донишомӯзони динист. Ин донишомӯзон дар мадориси динии Покистон таҳсил кардаанд ва ба номи «Толибон» машҳур ҳастанд. Аз лиҳози нажодӣ рӯҳияи пуштугарой доранд ва 40 дарсади сокинони ҷанубу шарқи Афғонистон, ба хусус дар вилояти Қандаҳорро пуштуҳо ташкил медиҳад».[1]

Арабистони Саудӣ, ки яке аз шарикони стратегии Амрико ба шумор меравад дар идомаи сиёсати зидди Эронии худ «Толибон»-ро кумак кард, то ба як нерӯи пурқудрати низомӣ табдил ёбанд.

А. Девиз дар бобати нақши Арабистони Саудӣ чунин ишора кардааст: ««Толибон» барои бидуни муқовимат тасарруф намудани шаҳри Қандаҳор маблағи 1,5 млн. доллари амрикоӣ ба қумондонон «тӯҳфа» карда буданд[2]. Дар шароити онрӯзаи Афғонистон ин маблағи хеле калон буд. Аз ин ҷо бар меояд, ки Арабистони Саудӣ ҳам ба «Толибон» ёрӣ мекард ва ҳам дигар қумондонҳои саҳроиро бо пул мехариду ба гурӯҳи «Толибон» ҳамроҳ мекард.

Ҳамин тавр, дар ташкили ҷунбиши «Толибон» ба сифати як гурӯҳи низомӣ-сиёсӣ омили хориҷӣ бисёр муҳим буд ва ҳадди ақал 4 давлат монанди Покистон, ИМА, Британияи Кабир ва Арабистони Саудиро метавон аз муассисони ғайрирасмии ин ҷунбиш ном бурд. Инро сарвазири собиқи Покистон Беназир Бҳутто дар мусоҳибаи худ бо Би-би-си ба таври возеҳ эътироф намудааст.

Нуралӣ Давлат дар мақолаи худ «Аҳмадшоҳи Масъуд: 20 сол дар сангар» дар бораи «Толибон» чунин менависад: «Толибон тобистони соли 1994 пайдо шуда, аз тамоми тарафҳои даргир талаб карданд, ки ба ҷанг дар Афғонистон хотима диҳанд. Мардуми Афғонистон, ки дар тӯли 15 соли ҷанг ташнаи сулҳ буд, ин иқдомро фоли нек донист. Аммо дере нагузашта, «Толибон»  ба қатлу ғорат даст заданд ва аксари вилояти таҳти тасарруфи

---

[1] Давлатов, Н. Толибон: аз пайдоиш то сукут [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2002. – 15 март. – №11.
[2] Девиз, А. Афғонистон, толибон ва сиёсатҳои ҷаҳонӣ [Матн] / А. Девиз. – Машҳад, 1998. – С.71.

Ҳикматёр мондаро ба осонӣ гирифтанд»[1]. Аммо воқеият ин аст, ки «Толибон» дар аввал тавонистанд, силоҳро аз мардум ҷамъоварӣ намуда, пеши роҳи бесарусомонӣ ва ғоратгариро бигиранд. Ин вазъият мавқеи онҳоро, ба хусус дар ҷануб тақвият бахшид.

Дар ин хусус, Қ. Искандаров зикр намудааст, ки моҳи октябри соли 1994 дар шаҳраки марзии Спинбулдак байни дастаҳои «Толибон» ва Г. Ҳикматёр задухӯрд ба амал омада, бо ғалабаи «Толибон» анҷомид. Ҳамин дастаи аввалин дар Покистон аз ҳисоби талабаҳои мадрасаи динӣ ташкил ёфта буд ва ба қавли шоҳидон, ҳангоми амалиёт бар зидди дастаҳои Г. Ҳикматёр онҳо ба оташи тӯп аз он тарафи сарҳад пуштибонӣ мешуданд. Ҳадафи аввалини онҳо анборҳои бисёр бузурги силоҳ ва муҳиммоти «Пошо» буд, ки дар ихтиёри Ҳизби исломии Гулбиддин Ҳикматёр қарор доштанд. Баъд аз ин ҷараёни ғасбкунии «Толибон» бисёр пуршитоб буда, моҳи ноябри соли 1994 онҳо Қандаҳор ва 5-уми сентябри соли 1995 Ҳиротро зери назорати худ даровper дарвард[2]. 26-уми сентябри соли 1996 Кобул зери тасарруфи «Толибон» даромад.

Чуноне ки Азиз Аҳмад Бориз ишора намудааст: «Толибон» баъд аз тасарруфи Кобул, дар аввалин иқдом доктор Муҳаммад Наҷибулло – собиқ Раиси Ҷумҳурро шаби 26-уми сентябри соли 1996 аз паноҳгоҳаш дар дафтари СММ берун карда, тавассути афсари собиқи гурӯҳи «Халқ»-и ҲДХА ба қатл расонданд. Ҷасади хунолуди ӯ ва бародарашро ба манзури эҷоди тарс дар миёни мардум дар чаҳорроҳи Ориёнои Кобул ба дор овехтанд»[3].

Нуралӣ Давлатов зикр намудааст, ки Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ки дар муддати чил сол подшоҳи Афғонистон буд, «Толибон»-ро ворсии Ҳикматиёр» хондааст. Ӯ дар мусоҳибааш мегӯяд: «Тайи ду соли идомаи ҷанг ба Ҳикматёр муяссар нашуд, ки Давлати исломиро шикаст диҳад. Аз ин рӯ, ӯ

[1] Давлатов, Н. Аҳмадшоҳи Масъуд: 20 сол дар сангар [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1998. – №5. – 20 ноябр.
[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.54.
[3] Аҳмад, А.А. Таҳаввули шаклҳои идоракунии давлати Афғонистон пас аз касбияти истиқлолияти давлатӣ [Матн]: Дисс... ном. илм. ҳуқ. / А.А. Аҳмад. – Душанбе, 2019. – С.158.

се бор сарвазири ҳукумати Раббонӣ таъйин шуд. Покистониҳо низ диданд, ки пешвои Ҳизби исломӣ пирӯз намешавад, ба арсаи сиёсии Афғонистон нерӯи навро бо номи «Толибон» ворид намуданд. Тамоми қаламрави зери назорати Ҳизби исломии Ҳикматёр ва аксар қумондонҳои ӯ бе ҷанг ба «Толибон» таслим шуданд»[1].

Дар ташаккул ва пирӯзиҳои «Толибон», бешубҳа нақши Покистон бисёр калон аст. Баъди ишғоли Қандаҳор, якбора 20 ҳазор талабаи афғонии Покистон ва садҳо покистонӣ аз сарҳад гузашта, ба «Толибон» пайвастанд. Ба гуфтаи Қ. Искандаров «дар давоми 7 соли ҳокимияти толибон ба таври муназзам ҳазорон толиб аз Покистон ба Афғонистон омада, дар ҷанг иштирок мекарданд ва пас ба Покистон мерафтанд»[2]. Албатта, нақши талабаҳои мадориси динӣ дар ҷунбиш хеле барҷаста буд, аммо ҷунбиши «Толибон» танҳо аз толибҳо иборат набуд.

Профессор Искандаров Қ. дар китоби худ «Афғонистон толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ» таркиби «Толибон»-ро ба гурӯҳои зерин ҷудо кардааст:

1. Қисмати аслии ҷангҷӯёни ҷунбиш аз толибони мадориси динӣ дар Покистон ташкил ёфта буд, ки ба номи ислом ва таъсиси ҳукумати исломӣ ба ин гурӯҳ якҷо шуда буданд. Онҳо муътақид буданд, ки миллати мусулмони Афғонистонро аз шарру фасоди муҷоҳиддин (танзимҳои ҷиҳодӣ) наҷот медиҳанд;

2. Дар таркиби «Толибон» он идда аъзои танзимҳои ҷиҳодии Афғонистон низ шомил буданд, ки аз нооромӣ ва бесуботию ҷанг ба дод омада, роҳи наҷотро дар мубориза бар зидди ҳама танзимҳои ҷиҳодӣ медиданд;

3. Қисми ҷунбиши «Толибон»-ро касоне ташкил мекарданд, ки бо низоми коммунистӣ ҳамкорӣ доштанд ва ба далели ҳамин ҳамкорӣ аз

---

[1] Давлатов, Н. Толибон вориси Ҳикматёр ҳастанд [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 31 август.

[2] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.54-55.

муҷоҳиддин садама дида буданд ва акнун барои интиқом дар сафи «Толибон» нуфуз карданд. Бархе ҳам ба хотири дарёфти пул дар хизмати толиб шомил шуданд;

4. Қисмати дигари аъзои ҷунбиш аз афсарони коммунисте иборат буд, ки пас аз сукути Наҷибулло ба Покистон кӯч баста буданд ва дар он ҷо тавассути созмонҳои ҷосусии Покистон танзим гардида, бо «Толибон» якҷо карда шуданд. Лётчикҳо, танкистҳо, тупчӣ ва ҳама мутахассисҳои техникии «Толибон»-ро ҳамин афсарон ташкил медоданд ва идораи ҷанг дар ихтиёри онҳо буд;

5. Як гурӯҳи ҷунбиши «Толибон»-ро касоне ташкил медоданд, ки дин ва мазҳабро бо урфу ривоҷи қавмӣ ва маҳаллӣ омехта мекарданд[1].

Аз соли 1994 то 2001 таркиби «Толибон» хеле дигаргун шуд ва ба ғайр аз худи «Толибон» ва низомиёни покистонӣ арабҳо, аъзои созмонҳои террористии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Чин ва ғайра шомил гардиданд.

«Толибон» се Шуро ташкил карданд. Шурои олӣ – мақоми олии тасмимгирандаи «Толибон», ки ҳамеша дар Қандаҳор буд. Зеро Қандаҳор мисли давраи Аҳмадшоҳи Дурронӣ нақши маркази руҳонии давлатро иҷро мекард. Худи Мулло Умар ҳамеша дар Қандаҳор буд ва дар давоми тамоми ҳокимияташ фақат як ё ду бор ба Кобул омада буд.

Шурои олӣ 10 узв дошт, ки аз он 6 нафар пуштуҳои дурронӣ буданд. Дар таркиби он фақат як узбеки форёбӣ бо номи Мулло Сайидғиёсиддин шомил буд, ки солҳои зиёде дар манотиқи пуштунишин зиндагӣ карда буд ва ба мақоми вазири маориф расида буд. Ду Шурои дигар низ вуҷуд дошт, ки аз фаъолияти худ ба Шурои олии Қандаҳор ҳисобот медоданд. Яке аз онҳо Шурои вазирон, яъне Ҳукумат буд, ки бо номи Шурои Кобул ёд мешуд ва дигаре Шурои низомӣ[2].

---

[1] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.56.
[2] Ҳамон ҷо. – С.58.

Таҳлили осори муҳаққиқон ва коршиносони масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки сохтори низомии «Толибон» ҳам сиррӣ буд ва эҳтимолан шакли муназзаме надошт. Фармондеҳии нерӯҳои мусаллаҳро худи Мулло Умар ба уҳда дошт. Фармондеҳони низомӣ танҳо ба худи Мулло Умар ҳисобот медоданд. Ҳатто Мулло Раббонӣ, шахси дувуми ҷунбиш ҳаққи бозхости фармондеҳонро надошт. Ваҳиди Мужда тазаккур додааст, ки «Як бор Мавлавӣ Мутаввакил дар музокира бо мухолифин ба мувофиқа расид, то онҳо низ дар сохтори қудрати давлатӣ шарик шаванд. Ҳамин ки хабар ба фармондеҳон расид, фавран эътирози худро ба Мулло Умар расониданд. Онҳо гуфтанд, ки мухолифини Аморати исломӣ боғианд (ошӯбгар) ва бинобар ин ҷанг бар зидди онҳо як ваҷиҳаи шаръӣ аст. Ин ки файсала мешавад, ки онҳо дар Аморат шарик шаванд, маънои онро дорад, ки онҳо боғӣ набудаанд. Пас дар он сурат ҷанг бо онҳо аз назари шаръ чӣ гуна будааст? Куштаҳои мо ба дасти онҳо шаҳиданд ё не?...

Мулло Умар, - мегӯяд Ваҳиди Мужда, дар муқобили онон ҷавобе надошт ва ночор ин мавзуъ ба фаромӯшӣ супурда шуд»[1].

Асосгузор ва роҳбари ҷунбиши «Толибон» - Мулло Муҳаммад Умар буд, ки аз вазифаи як муллои деҳотӣ, таҳсилкардаи мадрасаи маҳаллии Қандаҳор ба мақоми «амир-ал-муъминин» расид. Шоҳидон ва таҳлилгарон менависанд, ки сатҳи донишу фаҳмиши ӯ аз сатҳи як муллои деҳотӣ боло нарафта буд. Вале шахси зирак ва ба қавли худашон «ботақво» буд.

То вақте ки кори «Толибон» омад мекард ва қариб, ки бе ҷанг ҷануби Афғонистонро зери тасарруфи худ даров230ранд, дар сафи «Толибон» ихтилофи камтар ба чашм мерасид. Вале баъд аз шикаст дар наздикии Кобул ва муҳосираи 10 моҳаи бебарори ин шаҳр, афзудани талафоти онҳо, аз ибтидои соли 1995 дар байнашон норозигиҳо ба вуҷуд омад. Махсусан, зимистони соли 1995–1996 ҷиноҳи миёнарави «Толибон» ба оғози

[1] Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи толибон [Матн] / В. Мужда. – Пешовар: Майванд, 2002. – С.77-78.

гуфтушунид бо давлати Кобул таъкид мекард[1]. Ифротиёни қандаҳории наздик ба Мулло Умар, баръакс тарафдори ҷанг ва бо зӯрӣ гирифтани шаҳри Кобул буданд.

Хулоса, зуҳури «Толибон» омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ дорад. Омили дохилии он ноамнии давлат, зулму ситам, нодории мардум буд, ки давлат натавонист пеши роҳи беадолатию қатлу ғоратро бигирад. Дар натиҷа, эътироз дар кишвар вусъат пайдо карда, боиси ташкили ҷунбиши нав бо номи «Толибон» гардид. Қабл аз гунаҳгор намудани қудратҳои хориҷӣ бояд мушкилот ва сабаби онро дар дохили худи Афғонистон ҷустуҷӯ намуд. Махсусан, дар ростои омили дохилӣ бояд ба тафаккури ҷомеаи Афғонистон, ки анъанагароӣ бештар дар шакли қавмгароӣ ва дингароӣ мушоҳида мешуд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Аслан, қавмгароӣ дар ташаккули ин падидаи номатлуб бештар таъсир расонидааст. Вақте мо ба решаҳои ташаккули он таваҷҷуҳ зоҳир менамоем, аз бунёдгузораш – Мулло Умар сар карда, то сарварони имрӯзи «Толибон» ҳамагӣ аз манфиатҳои қавми пашту ҳимоя менамоянд. Бадбинӣ ва хусумат нисбат ба қавмҳои дигар дар тафаккури саркардаҳои «Толибон» аз ибтидо то имрӯз вуҷуд дошт ва дорад. Махсусан, онҳо дар симои ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ ва талошҳои Аҳмадшоҳи Масъуд гӯё як навъ поймол намудани ҳуқуқи мардуми паштуро медиданд. Дар муносибат бо ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ «Толибон» аз саркардаи дигари қавми пашту – Гулбиддин Ҳикматёр, ки дар қавмгароӣ ҳамто надошт, ҳеч фарқе надоштанд ва надоранд. Дар ибтидои ташаккули ин ҳаракати хусусияти дингароӣ ва қавмгароӣ дошта, мо иштироки ҳеч аз шаҳрвандони тоҷиктабори Афғонистонро немебинем. Баъдан, аз афкори дунявият дур шудани аксар мардуми қисми ҷанубу ғарбии Афғонистон ва дар мадрасаҳо дар зери таъсири руҳониёне чун Мулло Умар, ки ҳамагӣ дониши асримиёнагии динӣ доштанд, мондан боис шуд, ки аз мафкураи ҷавонон истифода карда шавад. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии Афғонистон фақат

[1] Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.62.

хосси ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ набуд. Он решаи хеле куҳан дошт, ки дар афкори асримиёнагии ҷомеа нуҳуфта буд. Тамоми айбро ба сари ҳукумати Раббонӣ бор намудани «Толибон»-у Ҳикматёр ҳеч асосе надошт. Ҳадафи Раббонӣ ташкили ҳукумати ҳамашумул ва мутамаркази Афғонистон буд, ки истиқлолу озодии онро таъмин намояд. Ҳеч қуввае дар ин давраи ҳассос дар фикри якпорчагии Афғонистон ба мисли Раббонӣ бо Аҳмадшоҳи Масъуд набуданд. Ба ақидаи мо мушкилот дар афкори худи ҷомеаи Афғонистон буд, ки аз маориф дур шуданду бо ҷомеаи мутамаддин ҳамқадам набуданд. Буҳрони маърифатӣ заминаи ташаккули ҷоҳилиятро дар ин сарзамини таъриху тамаддуни куҳандошта гузошт. Ин буҳрону ҷоҳилият решаи амиқе дошт, ки ба зиёда аз сад сол баробар буд. Аз ин маърифати асримиёнагии куҳнашудаи динситезу қавмгаро нерӯҳои хориҷӣ албатта, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои хеш, ки барои онҳо умуман на пушту ва на тоҷику узбек аҳаммият надошт, истифода намуданд.

Омили хориҷии он даст доштани давлатҳои манфиатдор аст, ки мехостанд тавассути намояндагони худ дар Афғонистон ҳукмронӣ намоянд, вале ба ҳадафи худ нарасида буданд. Аз ин рӯ, хостанд, ки тавассути ҳаракати «Толибон» ҳадафҳои худро дар ин сарзамин амалӣ созанд, аз ин лиҳоз яке тавассути барнома, яке тавассути молу пул, дигаре тавассути яроқу аслиҳа барои ба саҳнаи сиёсии Афғонистон ворид шудани «Толибон» кумак намуданд. Махсусан, аз мисолҳои боло ва назари донишмандон ба чунин ақида омадан мумкин аст, ки баъди заволи давлати Шуравӣ, Амрико барои устувор намудани мақомаш дар минтақа тавассути Афғонистон аз шарикони стратегиаш – Покистон ва Арабистони Саудӣ истифода намуд. Аз Покистон барои манфиат доштан дар дастгирии қавми пушту ва аз Арабистони Саудӣ барои зиддият бо Эрон. Заминаи асосии хориҷии ташаккули ҳаракати «Толибон» Покистон буд, ки аз ҳама ҷиҳат онҳоро дастгирӣ менамуд. Покистон баъди ноумедӣ аз Гулбиддин Ҳикматёр ба «Толибон» умед баст, то ҳукумати Афғонистонро ба даст гирад. Аз ҳавасмандии Покистон дар масъалаи ҳамаҷониба ёрӣ расонидан бар саркардаҳои «Толибон» Амрико ҳам

дар навбати худ истифода намуд. Дар маҷмуъ, тавассути «Толибон» бояд ҳукумат ва мардуми Афғонистон пурра пойбанди нерӯҳои қудратманди хориҷӣ мешуд, ки имрӯз аллакай мо натиҷаашро мушоҳида намудааистодем. Чи дар гузашта ва чи имрӯз паёмади ба даст гирифтани ҳукумати Афғонистон аз ҷониби «Толибон» барои ҷомеаи ҷаҳонӣ маълум буд ва ҳаст. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ин ҳама бозиҳои сиёсии қудратҳои хориҷӣ аст, ки аз мушкилоти афкори ҷомеаи Афғонистон истифода намуданд.

### 3.2. Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»

Таҳқиқи раванди ташккули ҳаракати «Толибон» ва фаъолияти минбаъдаи он баёнгари он аст, ки ҳадафашон ташкили давлати дар асоси афкори динӣ бунёдшуда маҳсуб меёфт. Дар меҳвари ин андешаҳо ташкили низоми Аморатӣ қарор дошт. «Толибон» таъсиси давлати аз ҷиҳати маънавӣ покро ҳадафи худ эълон карданд. Пас аз суқути Кобул, моҳи марти соли 1996 наздикони Мулло Умар дар шаҳри Қандаҳор Ҷиргаи калонро даъват намуданд. Дар он беш аз 2 ҳазор намоянда аз руҳониён, раисони қавму қабоил, фармондеҳони низомӣ иштирок карданд ва дар давоми ду ҳафта дар бораи вазъияти ҷорӣ ва ояндаи ҷунбиш баҳс карданд. Дар ин хусус С. Муродӣ зикр менамояд, ки «Толибон» пас аз ба даст гирифтани порае аз Афғонистон дар соли 1996 бо интихоби мулло Муҳаммад Умар ба унвони амирулмуъминин давлати худро ташкил намуданд. Пас аз тасарруфи Кобул ва Мазори Шариф низоми сиёсии аморати исломии Афғонистонро соли 1998 эълон намуданд[1].

Нозирони воқеаҳои Афғонистон ба ин андешаанд, ки 4-уми апрели соли 1996 Мулло Умар худро дар хирқаи паёмбари ислом Муҳаммад (с), ки дар 60 соли охир аввалин бор аз ҷойи аслиаш гирифта шуда буд, печонида дар болои боми яке аз иморатҳои шаҳр зоҳир шуд. Мулло Умар хирқаро ба танаш печида, дар ҷараёни шамол тавре истода буд, ки хирқа дар ҷунбиш даромад ва бо тамошои ин манзара муллоҳо ба ваҷд омада, бо шуру ҳаяҷон ӯро «амир-ал-муъминин» хитоб карданд[2].

Ин саҳнасозӣ, албатта як бозии сиёсӣ буд, ки хеле моҳирона иҷро шуд. Ба ҳамин роҳ Мулло Умар на танҳо роҳбари тамоми Афғонистон мешуд, балки ҳуқуқ пайдо мекард, ки роҳбари тамоми мусулмонон бошад. Инро коршиносон «ғалабаи калони қандаҳориҳо» номиданд. Аммо бисёр афғонҳо ва мусулмонони дигар кишварҳо ин ҷасорати Мулло Умарро, ки ягон муносибат ба хонаводаи паёмбар надошта, ҳеҷ дараҷаи илмӣ нагирифта буд

[1] Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – С.524.
[2] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000. – С.76.

ва донишаш аз сатҳи дониши як муллои деҳотӣ боло набуда, худро амир-ал-муъминин эълон кард, таҳқир ба суннатҳои исломӣ ҳисоб мекарданд. Ба ҳар сурат, бо гирифтани ин унвон Мулло Умар тавонист, то ҷойе мухолифатҳоро фурӯ нишонад ва ҳар чизе мехост ба дигарон таҳмил мекард, гарчанде бо баъзе сахтгириҳо ва дастурҳои Мулло Умар, аз қабили шикастани муҷассамаҳои Буддо дар Бомиён бисёриҳо дар ҳукумати ӯ норозӣ буданд.

Ба ҳар сурат, баробари густариши ҳокимияти «Толибон» зулму истибдодашон ҳам шиддати бештар мегирифт. Маълум буд, ки қабилаҳои пушту дар ҷануб таассуби сахти динӣ надоштанд ва барои як пушту пайравӣ аз расму одат ва қонуни қавмии худ бо номи «Пуштуволай» пайравӣ аз ислом камтар нест. Бинобар ин, сахтгирии «Толибон» дар масъалаи ҳиҷоб ва кору фаъолияти занон он қадар эҳсос намешуд. «Толибон» баромади деҳотӣ доштанд ва аз расму одат ва арзишҳои шаҳрӣ бехабар буданд. Онҳо мехостанд, арзишҳои деҳотиро бар шаҳр таҳмил кунанд. То омадани «Толибон» дар шаҳрҳои бузург занон ва духтарон ҳаққи кор ва таҳсил доштанд, шунидани мусиқӣ, пӯшидани либос ба таври ғарбӣ манъ набуд. Агар барқ мебуд, мардум телевизион тамошо мекарданд. Дар чунин шаҳрҳои пешрафта мисли Ҳирот, Ҷалолобод, Кобул «Толибон» қоидаҳои сахтро ҷорӣ карданд, ки норозигии мардум ва ҷомеаи ҷаҳониро афзоиш дод.

Бо омадани «Толибон» духтарон ва занон аз ҳуқуқи кор ва таҳсил маҳрум шуданд. Ҳазорон хонавода дар солҳои ҷанг бесаробон монда, масъулияти таъмини фарзандон ба дӯши занон афтода буд. Манъ намудани занон аз кору фаъолият вазъияти хонаводаҳои бесарпарастро хеле муташанниҷ намуд. Аз мардон талаб мекарданд, ки риш монанд ва салла банданд дар акси ҳол, онҳоро ба кор қабул намекунанд ва онҳое, ки ришро тарошидаанд, зиндонӣ мешуданд ва то баромади ришашон дар он ҷо нигоҳ дошта мешуданд[1]. «Толибон» ҷинояткоронро шадидан ҷазо медоданд, алалхусус, дар аҳди ҳукумати онҳо қатлҳои оммавӣ иҷро мешуданд. Дар

---

[1] Шеховцов, А. Религиозные истоки идеологии движения «Талибан» [Текст] / А. Шеховцов // Трансмиссия: Традиционализм и радикальная антропология. – 2005. – 19 январ. – №1.

кишвар «Вазорати амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар» пайдо шуд. Дар ин марҳала роҳбарони олии амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар якчанд фармонҳо ва қонунҳо баровarданд, ки ҳаққу ҳуқуқи занҳоро маҳдуд мекарданд. Масалан, дар фармони роҳбарияти олии амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар (полиси ахлоқ), чунин омада буд: «Эй занҳо, шумо набояд аз манзилҳои худ берун шавед. Агар аз хона берун шавӣ, набояд мисли заноне бошӣ, ки пеш аз зуҳури ислом дар баробари мардон либосҳои муд ба бар карда, худро бо малҳам молида, дар назди мардон биистӣ. Ислом, эътиқоди наҷотбахш нишон медиҳад, ки шаъну шарафи зан хос аст. Ислом ба зан ҳидоятҳои арзишманд медиҳад. Занҳо набояд таваҷҷуҳи бешармонаеро ҷалб кунанд, ки ба онҳо бо чашми бад менигаранд»[1].

Фармони дигари роҳбарияти олии амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар аз декабри соли 1996 низ масъалаҳои иҷтимоиро танзим мекард. Ба ронандагон савор кардани зани бо буркаи эронӣ манъ шуд. Вайронкорон мувофиқи фармон ба зиндон андохта мешуданд.

Мусиқӣ манъ буд. Дар мағозаҳо, меҳмонхонаҳо, мошинҳо ва сутудияҳо сабти фитта ва мусиқӣ манъ гардид. Агар дар мағоза фиттаи мусиқӣ пайдо мешуд, соҳиби он ба маҳбас партофта шуда, мағоза баста мешуд. Агар навор аз мошин пайдо мегардид, мошин ва ронанда боздошт мешуданд.

Нигоҳ доштани кабутар ва паррандагон барои вақтхушӣ манъ шуд. Дар шаҳр дуконҳои фиттафурушӣ баста шуданд. Ороиши мӯй бо услуби амрикоӣ ё аврупоӣ манъ шуд. Одамони мӯйдарозро дастгир карда, ба идораи полиси динӣ мебурданд, то мӯйи сарашонро тарошанд. Онҳо бояд ба сартарош маблағ пардохт мекарданд.

Дар назди ҷӯйборҳои шаҳр шустушӯи ҷавонзанҳо манъ шуд. Вайронкорон боздошт ва бо муомилаи дурусти исломӣ ба хона оварда мешуданд ва шавҳаронашон ҷазои сахт мегирифтанд.

---

[1] Dave Johns. Who Are the Taliban? [Text] // PBS. – 2007. – 10 April

Ҳангоми издивоҷ мусиқӣ ва рақс манъ гардид. Дар сурати риоя накардани қонун сарвари оила боздошт ва муҷозот мешавад. Ба замми ин, «Толибон» қонун баровcovарданд, ки тирезаҳои хонаҳо сиёҳ карда шавад, то мабодо чашми марде ба дохили хона наафтад ва занро набинад.

Дар маҷмуъ, дар низоми «Толибон» занон қариб, ки зиндонии хона буданд, онҳо бидуни ҳамроҳии маҳрами худ аз хона баромада наметавонистанд. Ба зан ҳамчун мол муносибат мешуд, ки ин аз комилан беҳуқуқии занон далолат мекард[1].

«Толибон» тамоми ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Иди Наврӯзро манъ карданд. 18-уми марти соли 2000 радиои «Толибон» эълон кард, ки маросими соли нав хилофи шариати исломӣ аст ва набояд таҷлил гардад. Полис 21-уми март бо зӯру хушунат ба таҷлили Наврӯз дар шаҳрҳои Кобул ва Мазори Шариф монеа шуд.

Мавриди зикр аст, ки осори осорхонаи Кобул, ки гаронбаҳотарин осори бостонии Афғонистон буд, чандин бор таллаю тороҷ гардид. Роҳбари «Толибон» Мулло Умар 26-уми феврали соли 2000 фатвои нобуд кардани муҷассамаҳои Буддоро дар Бомиён эълон кард, ки таърихи 2 ҳазорсола доштанд. Ҷомеаи байналмилалӣ ин иқдоми «Толибон»-ро маҳкум намуда, онро ҷиноят бар зидди мероси ҷаҳонии башарият донистанд ва талаб кард, ки аз ин ҷиноят худдорӣ кунанд. «Толибон» ба ҳама даъват ва тақозои аҳли башар, махсусан пайравони Буддо дар бораи хароб накардани муҷассамаҳо ҷавоби манфӣ дода, 9–11 марти соли 2001 он ёдгориҳои гаронбаҳоро аз байн бурданд. Баъд аз ин, бисёр аз кишварҳо, ки ҷанги Афғонистонро масъалаи дохилӣ мехонданд, ба хубӣ моҳият ва хатари «Толибон»-ро дарк карданд.

Амалҳои «Толибон», нақзи ҳуқуқи башар, махсусан ҳуқуқи занон, хароб кардани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, наслкушӣ сиёсати «замини сӯхта» ва дигар аъмоли зишти онҳо, ҳамзамон бо нуфуз пайдо кардани гурӯҳҳои ифротӣ ва террористии хориҷӣ дар Афғонистон амалӣ мешуд.

---

[1] Паёми зан [Матн]. – 1998. – 25 ноябр.

Ба ҳар як мусулмон равшан аст, ки дини мубини ислом мусулмононро аз озори одамон, ваҳшоният, фитна дар байни мардум комилан манъ менамояд ва ин амалҳоро хилофи ислом мешуморад. Ҳатто истифодаи тамокуро барои мусулмон макруҳ меҳисобад. Вале ин гурӯҳ худро паҳнкунандани ислом мешумориданд ва гӯё давлатро тибқи гуфтаи Худованду расулаш идора менамоянд, вале аз лаҳзаи ба сари қудрат омадани онҳо кишти тарёку озори мардум, таҷовузи одамон зиёд гардид.

Ин буд, ки ҷомеаи байналмилалиро афзоиши кишти тарёк дар Афғонистон низ нигарон кард. Бо вуҷуди изҳороти «Толибон» дар бораи манъ кардани кишти тарёк, деҳқонон озодона ба кишти он машғул буданд. Ҳукумати «Толибон» аз ҳосили тарёк 20% андоз мегирифт, ки ба қавли исломшиносон аз меъёри закоти исломӣ хеле зиёд буд. Ба қавли А. Рашид, дар ибтидо аз ҳисоби андоз аз ҳосили маводди мухаддир фоидаи «Толибон» 20 млн. долларро ташкил мекард, ки дар соли 1998 ин рақам ба 3 млрд. долларии амрикоӣ расид[1]. Ин пул, аз ҷумла барои хариди силоҳу муҳиммоти ҷангӣ сарф мешуд.

Ҷомеаи байналмилалӣ, СММ, Созмони Конфронси Исломӣ ва анҷуману созмонҳои дигари байналмилалӣ аз роҳбарияти «Толибон» даъват ба амал овард, ки барои ҳалли масъалаи Афғонистон ва ташкили давлати фарогир бо Давлати исломии Афғонистон сари мизи гуфтушунид бишинанд, вале «Толибон» ин дархостро рад мекарданд ва ё шартҳое мегузоштанд, ки ҳеч қобили қабули ҷониби дигар набуд. Чуноне дида мешавад, имрӯз ҳам, ки «Толибон» дубора ба қудрат расиданд, талабҳои ҷомеаи байналмилалиро қабул надоранд.

Он вақт ҷомеаи байналмилалӣ маҷбур гардид, то муқобили «Толибон» чораҳои зарурӣ андешад. 15 октябри соли 1999 Шурои амнияти СММ Қатъномаи 1267-ро қабул кард, ки аз «Толибон» даъват мешуд, то Усома

[1] Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000. – С.295

бини Лоданро таслим кунанд[1]. Дар асоси ин қатънома ба муқобили онҳо таҳримҳои байналмилалӣ пешбинӣ мешуд. Парвози ҳавопаймоҳои ширкати ҳавоии «Ориёно» ба хориҷи кишвар манъ гардид ва шумораи ҳисобҳои бонкии «Толибон» дар бонкҳои хориҷӣ баста шуд. Аммо ин даъвату таҳримҳо ба «Толибон» ҳеч таъсире накарданд. Бинобар ин, 19-уми декабри соли 2000-ум Шурои амнияти СММ Қатъномаи 1333-ро қабул карда[2], ба муқобили «Толибон» таҳрими низомӣ муайян намуд. Ин маънои онро дошт, ки ҳамаи кишварҳо уҳдадоранд, ба «Толибон» фурӯхтани яроқ ва дигар воситаҳои ҷангиро манъ кунанд, ба онҳо машвараю маслиҳат дар робита ба умури низомӣ нарасонанд. Манбаъҳои молии Усома бини Лодан[3] дар банкҳои хориҷӣ боздошта шуданд. Бо мақсади мубориза ба муқобили маводди мухаддир ва роҳ надодани сармоягузории терроризм аз ҳисоби маблағи аз маводди мухаддир ба даст омада ба «Толибон» расонидани маводди химиявӣ мамнуъ эълон гардид. Мувофиқи Қатъномаи 1333 Шурои амнияти СММ парвози ҳавопаймоҳои хориҷӣ аз ҳудуди Афғонистон, ба ғайр аз ҳавопаймоҳое, ки аз тарафи Кумитаи муҷозоти СММ иҷозат дода шудаанд, манъ гардид.

Ба навиштаи М.Р. Арунова моҳи августи соли 2000 дар шаҳри Музаффарободи Покистон маҷлиси махфии ҷонибдорони Усома бини Лодан аз созмонҳои «Ал-Қоида» ва гурӯҳҳои тундрави покистонӣ «Ҳаракат-ул-

---

[1] Резолюция Совета безопасности ООН №1267 15.10.1999. [Электронный ресурс]. www.un.org /russian/document/ scresol / res1999/ res1267.htm (Санаи муроҷиат 19.11.2020).

[2] Резолюция Совета безопасности ООН №1333 19.12.2000. [Электронный ресурс]. www.un.org /russian/document/ scresol / res2000/ res1333.htm ( Дата обращения: 22.08.2021).

[3] Усома бини Лодан тибқи маълумотҳо соли 1953 ва баъзе дигар соли 1957 таваллуд шуда, фарзанди ҳабдаҳ (дар миёни 57 фарзанд) - уми Муҳаммад бини Лодани яманӣ буд. Модараш саудитабор ва яке аз 20-умин ҳамсари Муҳаммад ба шумор мерафт. Муҳаммад соҳиби ширкати сохтмонӣ буд ва аз ҳисоби бозсозӣ ва навсозии масҷиди Макка ва Мадина соҳиби сарвати зиёде гардидааст. Ӯ бо шоҳ Файсал робитаи наздик дошт. Усома ҳангоми таҳсилаш дар Донишгоҳи Абдулазиз ба мутолиоти исломӣ шавқ пайдо кард. Падараш аз ҳомиёни муҷоҳиддини афғон буд ва ба онҳо ёри мерасонид. Бинобар ин, вақте Усома тасмим гирифт ба муҷоҳиддин бипайвандад, хонаводааш бо хушнудӣ қабул карданд. Соли 1979 ба Покистон рафта, бо муҷоҳиддин ҳамроҳ шуд ва бо нерӯҳои Шуравӣ мубориза бурд. Соли 1988 ӯ созмони «Ал-Қоида»-ро таъсис дод. Соли 1992 мақомоти Арабистони Саудӣ ӯро аз салтанат берун карданд ва ӯ ба Судон рафт, вале зери фишори Амрико дар соли 1996 маҷбур шуд, ки кишварро тарк кунад. Пас аз расидан ба Афғонистон, ӯ бо ИМА ҷанг эълон кард ва ба як чанд ҳамлаи террористӣ фармон дод. Барои ширкат дар таркишҳои сафоратхонаҳои ИМА дар Кения ва Танзания дар соли 1998, Усома бини Лодан ба рӯйхати даҳ фирорӣ дар ҷустуҷӯ ва террористҳои кофтукови рус (англис) шомил карда шуд. Дар воқеаи 11-уми сентябри соли 2001 низ Усома бини Лодан даст дошт. 2-юми майи соли 2011 Усома бини Лодан дар ҷараёни амалиёти нерӯҳои вижаи Амрико бо фармони Барак Обама дар паногоҳи худ Аббетободи Покистон ба қатл расонида шуд.

ансор», «Ҳизби исломӣ», «Ҳаракат-ул-муҷоҳиддин», «Ҷамоати таблиғ ва даъво», «Лашкари тайиба» ва «Ал-Бадр» бо иштироки роҳбари «Ҳаракати исломии Узбекистон», ки мақсад аз он ба роҳ мондани мубориза бар зидди низомҳои сари қудрат дар кишварҳои Осиёи Миёна буд[1].

Моҳи июни соли 1997 нерӯҳои зидди «Толибон» аз таъсиси «Ҷабҳаи Муттаҳиди Исломӣ», ки бо номи «Эътилофи шимол» машҳур шуд, хабар доданд[2]. Аммо то соли 1998 «Толибон» тақрибан 80 фоизи қаламрави Афғонистонро таҳти назорат гирифтанд. Моҳи августи соли 1998 «Толибон» бори дигар баъди ронда шудан дар соли 1997 аз Мазори Шариф ин шаҳрро забт карданд ва барои пешгирии такрори шуриши соли 1997 мардумро қатли ом карданд[3].

Бо вуҷуди истиқрори сулҳ дар қаламрави таҳти назорат, низоми «Толибон» натавонист иқтисоди Афғонистонро эҳё кунад, ки дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ ба мушкилоти зиёд дучор мешуд. Низоми «Толибон»-ро Покистон аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ мекард. Инчунин, онҳо бо кишварҳои ҳамсоя - Туркманистон ва ҳатто Эрон тиҷорат мекарданд ва аз фурӯши афюни дар Афғонистон истеҳсолшуда маблағҳои зиёд ба даст меоварданд. Бо гузашти вақт, «Толибон» таҳти фишори ҷомеаи ҷаҳонӣ, моҳи июли соли 2000 маҷбур шуданд, ки парвариши кӯкнорро манъ кунанд. Дар натиҷаи ин қарор, истеҳсоли афюн дар ҷаҳон ду баробар кам шуд[4].

Ҳукумати «Толибон» аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ қонунӣ ҳисобида намешуд. Ба истиснои Арабистони Саудӣ, Покистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб, дигар кишварҳо Аморати исломиро ба расмият нашинохтанд. Покистон дастгирии молиявии «Толибон»-ро идома дод ва онҳоро бо силоҳ таъмин кард[5]. Муносибатҳои байни «Толибон» ва Арабистони Саудӣ, ки

[1] Афганистан процессы генезиса международного терроризма 2000-2001 гг. [Текст] // Афганистан на переходном этапе (сентябрь 2001-июнь 2002 г.). – С.22.
[2] Jean-Rodrigue Pare. Afghanistan: UN Intervention [Text] // Library of Parliament of Canada Research Publications. – 2007. – 15 November
[3] Rifaat Hussain. Pakistan's Relations with Afghanistan: Continuity and Change [Text] // Strategic Studies. – 2002. – 1. – №4; Winter 2002
[4] Dave Johns. Who Are the Taliban? [Text] // PBS. – 2007. – 10 April
[5] Pakistan: "The Taliban's Godfather"? [Text] // Global Research. – 2008. – 31 August

аслан ба ин ҳаракат кумак мерасонданд, пас аз робитаи «Толибон» бо бин Лодан, ки аз аввали солҳои 90-ум бо оилаи шоҳи Арабистони Саудӣ бархӯрд мекард, хеле бад шуд. Соли 1998 муносибатҳои Саудӣ ва «Толибон» комилан сард шуданд[1]. Аксари давлатҳои ҳамсоя ҳаракати «Толибон»-ро ҳамчун таҳдид қабул карданд, ки инро дастгирии ҷунбишҳои ҷудоихоҳ ва исломии «Толибон» тасдиқ кард. Аз ҷумла, моҳи январи соли 2000 «Толибон» ҳукумати Чеченистони мустақилро бо сардории Аслан Масхадов ба расмият шинохтанд ва бо ӯ муносибатҳои дипломатӣ барқарор карданд[2]. Мақомоти Эрони ҳамсоя аз оғози мавҷудияти ҷунбиш ба он муқобилат карданд, зеро онҳо «Толибон»-ро василаи дасти Покистон, Арабистони Саудӣ ва Амрико медиданд[3]. Ихтилофи Эрон ва «Толибон» соли 1998 ба авҷи аълои худ расид, вақте ки нерӯҳои «Толибон» дар ҳамла ба Мазори Шариф нуҳ дипломати эрониро куштанд, Эрон қариб буд бо ҳамлаи низомӣ ба Афғонистон посух диҳад[4]. Аммо дере нагузашта робитаҳо байни «Толибон» ва Эрон хуб шуд ва Эрон роҳҳои тиҷоратиро барои онҳо кушод.

Бояд гуфт, ки сиёсати «Толибон» дар соҳаи маориф нигаронии зиёди мардуми Афғонистон ва ҷомеаи ҷаҳониро ба бор оварда буд. «Толибон» дар самти таҳсили духтарон маҳдудиятҳо ҷорӣ намуданд. Аз ин рӯ, вазъи омӯзишу тарбия дар ин давра рӯ ба таназзул ниҳод. Масалан, хондан ва кор кардани зан берун аз муҳити хонавода яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳассос дар низоми «Толибон» буд. Марказҳои олии таҳсилотӣ, мактабҳо, донишгоҳҳо барои занон мамнуъ буд. Муҳаққиқи афғонистонӣ Муҳаммад Шариф Шарифӣ дар китоби худ «Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон» бо такя ба китоби Ваҳиди Мужда «Афғонистон ва панҷ соли султаи Толибон» чунин навиштааст: «Чанд ҳафта

---

[1] Eben Kaplan, Greg Bruno. The Taliban in Afghanistan [Text] // The Washington Post. – 2008. – 7 July

[2] Дунаев, В. Чеченские боевики обзавелись посольством в Кабуле [Текст] / В. Дунаев // Известия. – 2000. – 25 января.

[3] Hamid Hussain. Afghanistan - not so great games [Text] // Defence Journal. – 2002. – 15 April

[4] Rifaat Hussain. Pakistan's Relations with Afghanistan: Continuity and Change [Text] // Strategic Studies. – 2002. – 1. – №4; Winter 2002

баъд аз суқути Кобул ба дасти толибон, додгоҳи толибон дар мавриди таҳсил ва кори занон шадидан мавриди интиқоди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт»[1].

Мухолифати «Толибон» бо маорифи занону духтарон ва мухолифат ба таълиму таҳсили занону духтарон танҳо ба иқдомот ва иҷрооти вазоратҳои маориф ва таҳсилоти олӣ хулоса намешуд. Вазорати амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар умдатарин идора ва мақомоти боздорандаи маориф буд. Вазорати амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар дар Аморати исломии «Толибон» вазифа ва салоҳиятҳои номаҳдудеро дар татбиқи бовар ва дидгоҳи «Толибон» ба номи «шариати исломӣ» дошт.

«Толибон» саъй доштанд, то мадрасаҳои диниро яку якбора ҷойнишини мадрасаҳои умумӣ созанд. Масалан, «дар Кобул литсейи Зарғуна, ки як литсейи духтарона буд, ба дорулҳофиз барои писарон мубаддал карданд». Литсейҳои вилоятҳои Ҳилманд, Лугар, Ғазнӣ ва ғайра баста шуд[2].

«Толибон» қабл аз тасарруфи Кобул дар тамоми вилоятҳое, ки таҳти ишғоли онҳо қарор гирифта буд, макотиби духтаронро бастанд. Дар Қандаҳор – дувумин шаҳри бузурги Афғонистон макотиби писарона низ баста гардид. «Мутобиқи гузориши Юнеско дар соли 1990 теъдоди духтарони дар мактаб таҳсил дошта, 34%-ро ташкил мекард, ин шумора дар соли 1999 ба 7% расид. Миқдори ками духтарон дар мактабҳои хусусӣ низ таҳсил мекарданд»[3]. Бешубҳа, «Толибон» дар самтҳои гуногун таъриф ва амалкарди дигаре аз шариатро доштанд.

Пеш аз омадани «Толибон» занон 40% духтурон, 70% муаллимони Афғонистонро ташкил медоданд, 40 ҳазор зан дар идораҳои давлатӣ кор мекард. Мувофиқи маълумотҳои СММ, соли 1996 дар 158 мактаби шаҳри Кобул 148323 писар ва 103256 духтар дарс мехонданд. Аз 11 ҳазору 308 муаллим 7793 нафараш зан буд. Ба қавли раиси собиқи Донишгоҳи Кобул Ҳасанёр дар ҳамин сол дар ин донишгоҳ 4 ҳазор духтари донишҷӯ машғули

---

[1] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.43.
[2] Ҳамон ҷо. – С.44.
[3]Ҳамон ҷо.

таҳсил буданд[1]. Аммо «Толибон дар баҳори соли 1997 теъдоди 7014 тан аз муаллимони зан ва дар соли 1998 ба теъдоди 27054 тан муаллим ва корманди маорифро, ки аксаран занон буданд, аз вазифаашон сабукдӯш карданд»[2]. Вазорати маорифи «Толибон» расман бастҳои марбути занонро ба шумули муаллими занон дар макотиб ва муассисоти омӯзишӣ барҳам доданд.

«Толибон» дар давраи ҳукмронии худ ба таҳияи қонун дар соҳаи маориф ва муқаррароти дар бораи омӯзиш дар таҳсилоти олӣ ва макотиб, аз ҷумла саводомӯзӣ оғоз карданд. Аммо амалкарди онҳо бо қонун ва муқаррароте, ки худ қабул намуда буданд, дар зиддият қарор дошт. Барномаҳои таълимии мактабҳо низ тавре тартиб гардида буд, ки бештари соатҳо ба улуми динӣ ҷудо шуда буд.

Умдатан афроде, ки дар роҳбарии Вазорати маорифи «Толибон» таъйин мегардиданд, афроди мутаассиб буданд ва ҳар кадом нисбат ба шахси пешина дар самтдиҳии раванди омӯзиш ба сӯйи гумроҳӣ пеша мегирифт. Мавлавӣ Сайид Ғиёсиддин шахсан методи таълими муаллимонро зери назорат дошт ва таълими риёзӣ ва расм низ мамнуъ қарор дода шуд ва маошоте, ки аз тарафи муассисаҳои ғайридавлатӣ ба муаллимон пардохта мешуд, мамнуъ гардид. Шогирдони мадрасаҳо ба монанди ҷангҷуёни ҳарбӣ кор гирифта мешуд. Аъзои мадрасаи Форуқия, ки аз тарафи Мулло Муттақӣ дар минтақаи Институти политехникӣ таъсис гардида буд, аз рафтан ба ҷабҳаи ҷанг худдорӣ карданд ва дар натиҷа ин мадраса баста шуд.

Ба андешаи А. Расулӣ «Вазъи таълим ва рушди фарҳанги ҷомеа ба ҳолати завол расид ва мардум дар зери фишори маънавии миёншикан қарор гирифтанд. Мардуми Афғонистон, махсусан духтарон ба таври куллӣ аз таҳсил дур монда буданд ва маориф аз рушду ташаккул боз монд»[3].

Сиёсати мухолифат бо маорифи навин аз ҷониби «Толибон» танҳо ба бастани макотиби духтарон ва тағйир дар низоми омӯзишӣ ва барномаҳои

---

[1] Забеҳулло, И. Ҷараёни пуршитоби толибон [Матн]. – Кобул, 1999. – С.127-128.
[2] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.45.
[3] Расулӣ, А. Назаре бар завоёи торики таърихи муосири Афғонистон [Матн] / А. Расулӣ. – Теҳрон, 2003. – С.38.

дарсии мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилии писарон маҳдуд намешуд. «Толибон» бастани салларо барои шогирдони тамоми давраҳои мактаб, ҳатто касбӣ, давраи ибтидоӣ ва донишҷуёни муассисоти таҳсилӣ ва касбӣ маҷбурӣ эълон карданд. «Доштани риши баланд ва худдорӣ аз пушидани костюм яке аз шартҳои «Толибон» барои аҳли маориф буд», - навиштааст М. Шарифӣ[1].

Мухолифат ва хусумати «Толибон» бо маорифи нав, ба хусус таълиму тарбияи духтарон сабаби эҷоди макотиб ва муассисаҳои махфии таҳсилии духтарон шуд. Ин навъ мактабҳо дар солҳои ҳокимияти «Толибон» аз тарафи муассиссаҳои ғайридавлатӣ ташкил мегардид ва агар онҳо аз мавҷудияти чунин мактабе иттилоъ ҳосил менамуданд, фавран онро баста, масъулини онро ҷазо медоданд. Мактабҳои духтарона, ки тавассути «Толибон» баста шуданд, инчунин теъдоди муаллимони зан ҳам кам шуд.

Мутахассисон чунин ақида доранд, ки сабаби зиддияти «Толибон» бо маориф ва илми муосир бардошт ва огоҳии нодурусти онҳо аз ислом аст. Дар ҳоле ки ислом ҳеч гоҳе бо илмҳои асрӣ муқобил нест. Асосан, ин гурӯҳ, аз деҳаҳо ва қабоили тақрибан таълимноёфта, бо дидгоҳ ва ҷаҳонбинии танг зуҳур намуда буд, бо шиори татбиқи шариат ва истифода аз эҳсоси поки мардум ақидаи худро болои онҳо таҳмил намуданд. Ин гурӯҳ василае буданд дар дасти душманони сиёсӣ ва таърихии Афғонистон. Онҳое, ки дар ташкили ин гурӯҳи таҷовузкор ва ақибгаро нақши таъйинкунандаро ифо намуда, дар таҷҳиз ва фиристодани онҳо ба кишвар аз тамоми имконот истифода бурданд, решаҳои маорифро хушкониданд.

Мулло Муҳаммад Ғавс вазири корҳои хориҷии «Толибон» дар як нишасте бо намояндагони СММ зиддияти «Толибон»-ро дар масъалаи донишомӯзии занон ба таври мухтасар чунин баён карда буд: «бо афроди низомии хеш созишномае дорем, ки яке аз қисматҳои он манъи мавзуи таҳсили занон аст. Агар мо ин созишномаро иҷро накунем, низомиён марзҳои ҷангиро раҳо карда, ба деҳаҳои худ бармегарданд. Аз ин ҷиҳат, то замоне ки мухолифин дар муқобили мо қарор доранд, мо низ барои ҷанг бо онҳо ниёз

[1] Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С.45.

дорем. Аз ин рӯ, мо маҷбур ҳастем, ки ба ин сиёсати худ то замони ба охир расидани ҷанг идома диҳем»[1].

Ҳамин тавр, бо дур сохтани занон аз низоми маориф, ки аксарияти муаллимони кишварро ташкил медоданд, дар ҳақиқат, низоми маорифи замонавӣ коста гардид. Бояд гуфт, ки дар Аморати исломӣ баъд аз соли 2021 ҳам ин вазъият такрор шудааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки намояндагони боломақоми «Толибон» ҳақиқатро пинҳон дошта, ҷомеаи байналмилалиро фиреб медоданд.

Имрӯз ҳам мисли солҳои 90-ум сабаби кушода нашудани мактабҳои духтаронаро масъалаи иқтисодӣ ба қалам додаанд. Лекин дар он вақт ва имрӯз ҳам, масъалаи на иқтисодӣ, балки таърифи нодуруст аз дин аст. Масалан, давлатҳои аврупоӣ ҳозир буданд, харҷи сохтмон ва таъмини ҳамаҷиҳатаи панҷ мактаби духтаронаро дар Кобул ба уҳда бигиранд[2]. Кишварҳои аврупоӣ омода буданд, 10 мактаби бузургро дар шаҳри Кобул сохта ва таъмир намоянд, ба шарте ки 5 мактаби он барои донишомӯзии духтарон сохта шавад. Аммо «Толибон» ин корро ба ҳар баҳона кашол доданд.

Дар соҳаи тандурустӣ низ Толибон маҳдудиятҳо ҷорӣ намуда, қоидаҳои фаъолияти беморхонаҳои давлатӣ ва хусусиро дар асоси принсипҳои шариат ба роҳ монданд. Масалан, беморони зан бояд ба табибони зан муроҷиат кунанд. Агар табиби мард лозим шавад, занро бояд хеши наздикаш ҳамроҳӣ кунад. Ё ки табиби мард набояд дигар узвҳои бадани занро бинад ва даст нарасонад, ба ҷуз он узве, ки гирифтори ин беморӣ аст, утоқҳои интизории беморони занона бояд бехатар пӯшида шаванд ва шахсе, ки навбати беморони занро идора мекунад, танҳо зан буда метавонад.

Чунин қоидаҳоро Вазорати нигаҳдории тандурустӣ аз номи амирул-муъминин Мулло Мухаммад Умар қабул намуда буд. Ғайр аз ин, «Толибон» дар байни духтуроне, ки дар ИҶШС маълумоти олӣ гирифта буданд, «тозакунӣ» гузаронда, ҳамаи шахсонеро, ки барои хондани хубу аъло

---

[1] Соқиб, М. Афғонистон ва кишварҳои аврупоӣ [Матн] / М. Соқиб. – Теҳрон, 2005. – С. 121.

[2] Кушо, Ф. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушди маорифи Афғонистон (солҳои 2001-2016) [Матн]: Дисс... д-р (Ph.D) / Ф. Кушо. – Душанбе, 2022. – С. 26.

мукофотонида шудаанд, аз кор озод карданд. Ин дар шароите буд, ки духтурон тамоман намерасиданд. Соҳаи тандурустӣ дар мамлакат амалан хароб шуда буд. Аз 31 вилоят танҳо 11-тоаш беморхона ва бунгоҳи тиббӣ дошт. Масалан, дар вилояти Ҳирот ки шумораи аҳолии он тақрибан 800 ҳазор нафар мерасид 30 духтур рост меомад[1].

Ҳамин тавр, «Толибон» баъди ба қудрати сиёсии Афғонистон расидан, гӯё динро дар ҷойи аввал гузоштанд ва мардонро ба пӯшидани ҷомаву салла ва занонро ба пӯшидани ҳиҷоб даъват карданд. Вале он чизҳое, ки умуман ба дин тааллуқ надошт, онҳоро ҳам бар сари мардум бор карданд. Масалан, дини ислом зарар нарасонидан ба дигаронро ё барои марду зан хонданро фарз гардонидааст, аммо «Толибон» бедодгариҳоро нисбати мардум раво дониста, занонро аз ҳаққи хондан маҳрум карда буд.

«Толибон» мехостанд давлати исломиро ташкил диҳанд, аз ин лиҳоз номи давлатро ба Аморати исломӣ иваз карданд. Андешаи динии баргирифтаи онҳо хосси мактаби Девбанд ва омехта бо суннатҳои қабилавии пуштуҳо буд. Ягон барномаи пешрафт ва консепсияҳо барои пешрафти кишвар таҳия нагардид. Дар самти маориф бояд, ки чораҳои зарурӣ андешида мешуд, баръакс тамоми мактабҳои занона баста шуданд. Дар ин радиф, мактабҳои зиёд дар натиҷаи задухӯрдҳо валангор шуда, ба хок яксон гардида буданд. Баъзе мактабҳое, ки дар маҳаллаҳо монда буданд, ба пойгоҳи низомӣ табдил ёфтанд. Вазъи соҳаи тандурустӣ ҳам бисёр ташвишовар гардид, ки сабаби асосиаш дар сиёсати нодуруст ва таассубангези «Толибон» нуҳуфта буд.

Дар умум, афкори «Толибон», ки ба талаботи ҷомеа ҳеч созгор нест у мантиқан ҷомеаро ба қафо, яъне асрҳои миёна бурданист, боис шуд, ки тамоми самтҳои ҳаёти шаҳрвандон ба мушкилот гирифтор шавад. «Толибон» ба одитарин ҳуқуқи афроди ҷомеа арҷ нагузошта, тамоми зулму истисморро нисбати шаҳрвандон раво медиданд ва онро пӯшиши исломӣ мебахшиданд.

---

[1] Малекяец, Г. Новь Афганистана.https://www.medicinform.net/medicina-v-raznych-stranach/medicina-zdravoohranenie-afganistana.html (Санаи муроҷиат 25.04.2022).

Дар ҳоле ки тафаккури солим несту бар ивази он ҷаҳолат ҳукмрон аст, аз ахлоқу ислом ва ҳуқуқи инсонӣ ҳарф задан ғайримкон аст. Хоҷагони хориҷии «Толибон» ҳам ин сиёсатро дастгирӣ намуданд, чун барои онҳо идора намудани афроди аз донишу маърифат дур осон буд. Хурофоту ҷаҳолат дар ин сарзамини тамаддунӣ ба сатҳе расид, ки таърих мислашро ёд надорад. Ҳатто дар аҳди ҳуҷуми муғулҳои ғосиб маънавиёту фарҳанги Хуросон то ин сатҳ осеб надида буд. Дарки нодурусти аҳкоми шариати исломӣ ҷомеаро ба ҷаҳолат рӯ ба рӯ сохт. Чӣ дар назария ва чӣ дар амалия ҳукумати «Толибон» ба ҳеч талаботи ҷомеаи асри нав созгор набуд. Аксари аъзои ин ҳаракати тундгаро худ дарк накарда буданд, ки бо кадом роҳу равиш ҳаракат доранд. Аксаран таълимгирандагони мадрасаҳои Покистону қисми ҷанубу ғарбии Афғонистон буданд, ки дар зери таъсири руҳониёни қавмгаро таълим мегирифтанд. Дарку фаҳмиши нодуруст аз мактаб дур мондан кишварро ба моҷарои сиёсӣ ва майдони амалишавии ҳадафҳои нопоки қудратҳои хориҷӣ гирифтор намуд.

## 3.3. Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ

Пас аз васеъ гардидани доираи нуфуз ва ишғоли бештари қаламрави Афғонистон 26-уми сентябри соли 1996 «Толибон» Кобулро ишғол намуда, пойтахти худхондаи Аморати Исломии Афғонистонро аз Қандаҳор ба Кобул интиқол доданд. «Толибон» бо тарзу усулҳои асримиёнагӣ идораи давлатро ба роҳ монда, зулму истибдодро бештар карданд. Ҳақ бар ҷониби И.Е. Катков аст, ки чунин навиштааст: «ин ваҳшонияти онҳо характери намоишкорӣ дошта, аҳли ҷомеаро ба даҳшат овардан мехостанд»[1].

Зулму истибдод ва ваҳшонияти ҳаракати «Толибон», ҳамчунин тезу тундшавии вазъи дохилии Афғонистон зарурат пеш овард, ки 4-уми октябри соли 1996 роҳбарони Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон ва Узбекистон изҳороти муштарак нашр намоянд. Дар он гуфта мешуд, ки «амалҳои низоми нав дар Афғонистон вазъиятро пуршиддат карда, фоҷиаи умумимиллиро ба вуҷуд оварда, боиси парокандашавии давлати афғонҳо мегардад»[2].

Ишғоли шаҳри Кобул роҳи «Толибон»-ро ба самти шимол ҳамвор намуд. Вале новобаста ба ин онҳо ба як чанд шикаст дучор гашта, маҷбур шуданд, ки 22-юми октябри соли 1996 бо Аҳмадшоҳи Масъуд қарордоди муваққатиро ба имзо расонанд. Ибтидои моҳи ноябри соли 1996 оромии нисбӣ барқарор гашт. Дар ин лаҳза се қувваи асосӣ дар саҳна намоён буд:

- ҳаракати «Толибон»;

- қувваҳои ҳукуматӣ зери фармондеҳии Аҳмадшоҳи Масъуд;

- дастаҳои генерал Абдурашид Дӯстум, ки шаш вилоятро дар шимоли Афғонистон зери дасти худ нигоҳ медошт.

---

[1] Катков, И.Е. Социальные аспекты племенной структуры пуштунов // Афганистан: история, экономика, культура. – М., 1989. – С.44.

[2] Князев, А. Влияние афганского кризиса на безопасность Центральной Азии (1990-е - начало 2000-х гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / А. Князев. – Бишкек, 2004. – С.47

Шурои амнияти СММ аз мураккаб гардидани вазъи Афғонистон ба ташвиш омада, Қатъномаи 1076-ро қабул кард ва аз роҳёбии терроризм дар ин давлат бори нахуст хабар дод[1].

Муҳаққиқи рус Н.И. Козирев дар мақолаи худ дар бораи ишғоли Мазори Шариф аз тарафи «Толибон» чунин зикр намудааст: «24-уми майи соли 1997 «Толибон» Мазори Шарифро ишғол карданд. Генерал Абдурашид Дӯстум ба Туркия фирор кард. Покистон ҳаракати «Толибон»-ро расман эътироф кард. Баъди чанд муддат ба он Арабистони Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб ҳамроҳ шуд. Вале «Толибон» шаҳрро зери нуфузи худ нигоҳ дошта натавонистанд ва 27–28- уми май гурӯҳи «Толибон» дар Мазори Шариф торумор карда шуд»[2]. Аммо ин шикаст муваққатӣ буд ва баъди як сол дар моҳи августи соли 1998 онҳо дубора Мазори Шарифро ишғол карда, 2000 мардуми ҳазораро, ки соли гузашта дар қиёми зидди «Толибон» фаъол буданд, дар давоми 3 рӯз ба қатл расониданд[3].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ҳудуди Афғонистон ҳар сол беш аз 15 ҳазор ифротгаро аз 20 давлати ҷаҳон аз тайёрии ҷангӣ мегузаштанд. Зархаридон тайёрии махсусро гузашта, дар Чеченистони Русия, Эрон, штати ҳиндии Ҷамму ва Кашмир, ноҳияи худмухтори Синзяну Уйғури Чин ва дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар амалиёти ҳарбӣ ва террористӣ иштирок мекарданд.

Оид ба ин масъала Шурои амнияти СММ дар ҷаласаи 3952-и худ моҳи декабри соли 1998 Қатъномаи 1214 (1998) «Оид ба вазъи Афғонистон»-ро қабул намуд. Дар ин Қатънома ба «Толибон» муроҷиат гардидааст, ки онҳо додани паноҳгоҳро ба ташкилот ва террористони байналхалқӣ ва дигар

---

[1] Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С.218.
[2] Козырев, Н.И. Афганистан. Вернутся ли талибы? [Текст] / Н.И. Козырев // Международная жизнь. – М., 2007. – №3. – С.42.
[3] Уильям, М. Афганистан с точки зрения истории и географии [Текст] / М. Уильям // Красного Креста. – 2010-2011. – №880-881. – С.26-27.

гурӯҳҳои афғонӣ хотима диҳанд ва оид ба маҳкама кашидани гунаҳкорони ба терроризм айбдоршаванда ҳамкорӣ намоянд[1].

Дар ин давра ҳар як қисмати Давлати исломии Афғонистон дар алоҳидагӣ бар зидди «Толибон» мубориза мебурданд. Вале ҳеч кадомашон ба муборизаи онҳо тоб оварда наметавонистанд. Хатари бузурги «Толибон»-ро эҳсос намуда, гурӯҳҳои гуногуни низомию сиёсӣ зиддиятҳои байниҳамдигарии худро як сӯ гузошта, дар Ҳинҷон ҷамъ омаданд. Дар Ҳинҷон Аҳмадшоҳи Масъуд, Абдуррашид Дӯстум ва намояндаи аҳзоби шиамазҳабон Карим Халилӣ барои муборизаи якҷоя бар зидди «Толибон» ба як қарор омаданд. Онҳо дар Ҳинҷон «Ҷабҳаи Муттаҳид»-ро бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд ва як чанд роҳбари ҳизбҳо аз қабили Абдуррашид Дӯстум, Карим Халилӣ[2], Муҳаммад Акбарӣ, Абдулраб Расул Сайёф ва Саид Аҳмад Гелонӣ[3] таъсис доданд.

Ба навиштаи муҳаққиқони афғонистоншиноси тоҷик Қ. Искандаров, Р. Давлатов, Р. Абдуллоев то ишғоли манотиқи шимол аз ҷониби «Толибон» нерӯҳои Ҷамъияти исломӣ дар ин вилоятҳо 65000 ҳазора ва узбекҳои Халилӣ ва Дӯстум 50 ҳазор сарбоз дар ҳайати Иттиҳоди шимол доштанд[4].

Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чаро ин роҳбарон ба миқдори зарурӣ сарбоз доштанд, вале бар зидди «Толибон» истодагарӣ карда наметавонистанд? Сабаби асосӣ дар номутаҳидии роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳо

---

[1] Умнов, А.Ю. Общество и государство в Средней Азии и на Среднем Востоке [Текст] / А.Ю. Умнов // Мировая экономика и международный отношения. – М., 1996. – №7. – С.96-103.

[2] Карим Халилӣ – роҳбари як қисми «Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон», (соли 1995 баъд аз ба қатл расидани А. Мазорӣ ба ин мансаб расидааст), соли 1949 дар Майдоншаҳри вилояти Вардак ба дунё омадааст. Миллаташ ҳазора. То ташкил гардидани ҳизби «Ваҳдат» якҷо бо А. Мазорӣ дар ҳайати роҳбарӣ ва муассисини созмони «Наср» дохил мешуд. Дар ташкили ҳизби «Ваҳдат» саҳм гузоштааст.

[3] Сайид Аҳмади Гелонӣ – асосгузор ва раиси «Маҳози миллии исломии Афғонистон», соли 1933 дар шаҳри Кобул, дар оилаи руҳонии маъруф ба дунё омадааст. Таҳсилот: литсейи Абуҳанифаи шаҳри Кобул, фаултети шаръиёти Донишгоҳи Кобул ва мутолиоти шахсӣ дар назди уламоҳои барҷастаи Афғонистон. Дар замони ҳукумронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ бо хонадони ҳукумрон наздикӣ дошт, замин ва амволи манқул ва ғайриманқули зиёд, аз ҷумла намояндагии фурӯши автомобилҳои ширкати «Пэжо»-ро дар ихтиёр дошт. С.А. Гелонӣ баъд аз инқилоби соли 1978 ба Пешовар рафта, Маҳози миллиро ташкил кардааст. Аз солҳои ҷанг то имрӯз ҷонибдори Луйя Ҷирга (Маҷлиси бузург) ва бозгашти М. Зоҳиршоҳ ба сифати роҳбари Афғнистон буд.

[4] Искандаров, Қ., Давлатов, Р., Абдуллоев, Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ [Матн] / Қ. Искандаров, Р. Давлатов, Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2018. – С.167.

аст, ки ботинан дар байнашон ваҳдат вуҷуд надошт. Баъзан омилҳои этникӣ ва мазҳабӣ баратарӣ пайдо мекард.

Қумондонҳо ба якдигар боварӣ надоштанд ва муттаҳидона амал намекарданд. Онҳоро танҳо тарсу ҳарос аз «Толибон» муттаҳид карда буд. Баъзе аз қумондонҳо бо пул харида ва фурӯхта мешуданд. Ин буд, ки бо хиёнати баъзе аз қумондонҳо «Толибон» Мазори Шарифро ишғол намуда, ҳокимияти худро дар тамоми вилоятҳои Шимол ва Шимолу Шарқ ба ғайр аз Бадахшон барқарор карданд.

Аз омӯзиши раванди мубориза бо «Толибон» бармеояд, ки ягона қуввае, ки дар мавқеи худ истода буд, нерӯҳои ҳукуматӣ бо фармондеҳии Аҳмадшоҳи Масъуд ба шумор мерафт. Чуноне ки Қ. Искандаров менависад: «Дар ин айём Аҳмадшоҳи Масъуд маҳорати баланди сарлашкарӣ нишон дода, қувваҳои калони «Толибон»-ро дар назди Солган шикаст дод ва роҳи онҳоро ба самти нақби Солган баст. Агар дигар гурӯҳҳои муқовимат ҳам ба мисли Аҳмадшоҳи Масъуд мутташакилона муқовимат нишон медоданд, Ҷабҳаи муттаҳид метавонист пеши роҳи «Толибон»-ро ба самти Шимол бигирад»[1].

Мутаассифона, бисёре аз роҳбарони ҳизбҳо ба ғайр аз Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҳолати сахти мубориза аз хоки Афғонистон фирор мекарданд ва дар ҳолати муътадил гардидани вазъият дубора бармегаштанд.

Муҳаққиқони тоҷик Ҳ. Қурбонов, Ғ. Ғолиб таъкид менамоянд, ки баъди ба тасарруфи «Толибон» даромадани аксар манотиқи Афғонистон, Покистон пеш аз ҳама ҳукумати «Толибон»-ро ба расмият шинохт ва пуштибонии худро аз он эълон намуд. Вазири корҳои хориҷии Покистон гуфт, ки ба зудӣ раиси давлати Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, генерал Абдурашид Дӯстум ва Аҳмадшоҳи Масъуд аз ҷониби «Толибон» дастгир карда мешаванд[2].

---

[1] Искандаров, Қ. Нури шаҳри офтоб [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе, 2009. – С.47.
[2] Қурбонов, Ҳ., Ғоиб, Ғ. Панҷшер - сарзамини мардхез [Матн] / Ҳ. Қурбонов, Ғ. Ғоиб. – Кулоб, 2011. – С.43.

Бо ишғоли вилоятҳои асосии Шимоли Афғонистон роҳбарони гурӯҳҳои сиёсию низомӣ А. Дӯстум, С.М. Нодирӣ ва дигарон аз Афғонистон ба хориҷа рафтанд. Аммо Б. Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд ба муқовимат идома медоданд.

Маҳз, ҳамин эътимод ба пирӯзӣ ва қаҳрамонии Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддин Раббонӣ ба дигар муборизон боварӣ ва нерӯ мебахшид. Бо вуҷуди Аҳмадшоҳи Масъуд на танҳо ҳамчун фармондеҳи ҳарбӣ, балки сиёсатмадор ва дипломати моҳир буд. Ӯ кӯшиш мекард, ки симои воқеии «Толибон»-ро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ошно созад ва дар байни давлатҳои хориҷӣ дастгирӣ ёбад.

Сафари Аҳмадшоҳи Масъуд ба Аврупо, вохурӣ ва суҳбатҳояш бо сиёсатмадорони барҷаста, баромад дар назди вакилони парлумони Иттиҳоди Аврупо ҳамаи ин ба он мусоидат карданд, ки доираҳои расмии Ғарб аз бобати воқеаҳои Давлати исломии Афғонистон маълумоти ҳақиқӣ гиранд. Дар Аврупо хавфи бузургӣ «Толибон» ба амнияти на фақат Афғонистон, балки ба тамоми ҷаҳон эҳсос карда шуд.

Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддин Раббонӣ тавонистанд, ки дар минтақаҳои мухталифи Афғонистон нуқтаҳои муқовиматро ташкил намоянд. Дигар роҳбарони «Ҷабҳаи муттаҳид» ҳам рӯҳбаланд гашта, аз нав ба мубориза ҳамроҳ мешуданд. Абдурашид Дӯстум, ки ба Туркия фирор карда буд, дубора ба Афғонистон баргашт ва бо Аҳмадшоҳи Масъуд пайваст. Исмоилхон аз зиндони «Толибон» фирор карда, аз нав муборизаро шуруъ кард. Ҳаракатҳои халқӣ дар минтақаҳои гуногун бар зидди «Толибон» авҷ гирифт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд воқеан ҳам муборизи роҳи истиқлоли миллии Афғонистон буд. Дар ин гуфтаҳо ҷавоби Аҳмадшоҳи Масъуд ба кунҷкобии котиби давлатии ИМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ Р. Рейфел бисёр ба маврид ва дақиқ буд. Р. Рейфел аз Аҳмадшоҳи Масъуд суол кард, ки агар «Толибон» Кобулро ишғол намоянд, шумо чи аксуламал нишон медиҳад, Аҳмадшоҳи Масъуд ҷавоб дод: «Ба кӯҳҳо мебароем ва муборизаро

идома медиҳем». Баъди ин Рейфел изҳор кард, ки «Толибон» то қуллаҳои кӯҳҳо ҳам мерасанд. Аҳмадшоҳи Масъуд кулоҳашро аз сар гирифта, ба Рейфел нишон дод ва гуфт: «Агар зери пойи мо ҳамин қадар замин монад ҳам, муборизаро барои истиқлол ва якпорчагии мамлакат идома медиҳем»[1].

Ҷанги «Толибон»-ро Аҳмадшоҳи Масъуд ҷанги Покистон ба муқобили Афғонистон медонист. «Толибон» ба амнияти тамоми минтақа таҳдид мекарданд. Онҳо борҳо изҳор карда буданд, ки баъди ишғоли Афғонистон ҳудудҳои аморати худро то Русияи марказӣ васеъ хоҳанд намуд. Гӯё халқи мусулмони Русия ва Осиёи Марказиро аз низоми ғайриисломӣ озод мекарда бошанд.

Идома кардани ҷанг ҳарчи бештар симои ҳақиқии «Толибон»-ро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекард. Ҷорӣ кардани қойдаҳоии асримиёнагӣ, поймол кардани ҳуқуқи занон, аз байн бурдани осори тамаддуни қадим дар мисоли муҷассамаҳои Буддои 36 метра ва 56 метра дар Бомиён, табдили Афғонистон ба марказӣ тайёр намудани террористони байналхалқӣ бо сарварии Усома бини Лодан, кишт ва истеҳсоли маводди мухаддир, нуқтаи назари бисёр давлатҳо, аз ҷумла ИМА-ро нисбати онҳо дигаргун сохт[2].

Дар Покистон ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки агар «Толибон» сукут кунад, он гоҳ анбӯҳи бузурги ҷангиён ба ҳудуди Покистон паноҳ мебаранд. Он гоҳ барои ҳукумати Покистон масъалаи ҳалли ҷангиёни «Толибон» ба амал меомад. «Ал-Қоида» ба устувории низоми «Толибон» сахт ҳавасманд буд. Афғонистон мамлакате буд, ки Усома бини Лодан дар зери ҳимояи роҳбари «Толибон» Мулло Умар тамоми амалҳои худро анҷом дода метавонист.

Бояд гуфт, ки дар ин раванд Аҳмадшоҳи Масъуд дар Афғонистон нуфӯзи ҳарбӣ ва сиёсии рақами як ҳисоб мешуд, «Толибон» ва умуман пуштуҳо ин гуна пешво надоштанд. Ҳатто аз соли 1747 аз даврони Аҳмадшоҳи Дурронӣ сар карда, пуштуҳо пешвои машҳур надоштанд, ки ба

---

[1] Ёди Давлат Усмон аз воҳӯриҳо бо Масъуд: суҳбат аз Тоҷикистон, Ҳикматёр, хости ИМА ва марг [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://shutnik.ws/EeSg/ (Санаи мурочиат: 25.11.2020).
[2] Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – С.6.

Аҳмадшоҳи Масъуд қувваи баробар дошта бошад[1]. Агар Аҳмадшоҳи Масъуд дар оянда зинда мемонд, дар ташкили дилхоҳ ҳукумат нақши ҳалкунандаро мебозид ва ояндаи сиёсии Афғонистонро муайян менамуд. Аз ин рӯ, бисёре аз муҳаққиқон бар он боваранд, ки идеяи нобудсозии ҷисмонии Аҳмадшоҳи Масъуд маҳз бо роҳбари «Ал-Қоида» Усома бини Лодан тааллуқ дошт. Усома бини Лодан мехост, ки «Толибон»-ро аз рақиби асосиашон – Аҳмадшоҳи Масъуд дар мубориза барои Афғонистон халос намояд.

Бини Лодан мегуфт: «То замоне ки Аҳмадшоҳи Масъуд зиндааст, мо пирӯз нахоҳем шуд»[2]. Ҳамин тавр, 9-уми сентябр соли 2001 Аҳмадшоҳи Масъуд дар маркази фармондеҳиаш дар Хоҷабаҳовуддин аз тарафи террористони араб ба қатл расид.

Доир ба суиқасд ба ҷони Аҳмадшоҳи Масъуд андешаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Танҳо ҳаминаш равшан аст, ки террори Аҳмадшоҳи Масъуд бо як тағйироти бузурге, ки бояд дар Афғонистон рӯй медод, алоқаманд буд. Воситаҳои гуногуни ахбори умум хело пеш аз воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 дар бораи ҳуҷуми густурдаи ИМА бар зидди «Толибон» хабар медоданд. Зеро «Толибон» талаби чандин маротибаи ИМА-ро дар бораи боздошт ва ба Амрико супоридани Усома бини Лодан ба эътибор нагирифтанд.

Таҳлилгари рус Алексей Богловский гуфтааст: «Танҳо қатли Масъуд ба ИМА роҳи Афғонистонро боз намуд ва мувофиқ омадани ду сана, яъне 9-уми сентябр – шаҳодати Масъуд ва 11-уми сентябр – фоҷеаи Ню-Йоркро тасодуфӣ номидан мушкил аст. Амрико намехост, ки бе ёрии нерӯҳои дохилӣ Афғонистонро забт кунад, зеро ин муҷиби талафоти сангине мешуд»[3] аз ин бар меояд, ки дар марги Аҳмадшоҳи Масъуд Амрико низ манфиатдор буд.

---

[1] Искандаров, К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2004. – С.436.
[2] Ёдбуди Шери жаён дар Ирон [Матн] // Миллат. – 2011. – №38. – 21 сентябр. – С.16.
[3] Шафеъ, Б. Аҳмадшоҳи Масъуд: Ошиқ, Пешво, Шаҳид [Матн] / Furthermore Бобоҷони Шафеъ // Нигоҳ. – 2009. – №25. – 8 сентябр. – С.9.

Дар ин хусус, Ҷ. Сайдалиев ишора кардааст: «Амали террористии субҳи 11-сентябри соли 2001 тамоми оламро ба ларза овард»[1]. Ин ҳодисаҳо сабаби шиддат гирифтани муборизаҳо бар зидди терроризми байналмилалӣ гардид, ки дар ин ҷо Америко пешсафиро ихтиёр кард.

Баъд аз марги Аҳмадшоҳи Масъуд «Ҷабҳаи муттаҳид» ҳамчун давомдиҳандаи кори ӯ ба амалиёти худ барои торумори «Толибон» идома дод. Баъди ҳодисаҳои террористии 11-уми сентябр аввалин бор дар таърихи ҷаҳонӣ эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ ташкил гардид, ки ба он 170 давлат, аз 188 давлати аъзои СММ дохил гардида буданд. Тасмими ИМА барои ҳуҷум ба Афғонистон ва ҷанги умумӣ ба муқобили терроризм аз тарафи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ гардид, 17 давлат ба маҳалли Маркази фармондеҳии ИМА беш аз 16500 нафар хидматчии ҳарбии худро эъзом ва 136 давлат ба ин ё он шакл ёрии низомии худро пешниҳод намуданд. Ин «якдилии чаҳонӣ» собиқа надошт[2].

Дар 142 давлат фармон ва қонунҳо дар бораи бастани ҳисобҳои бонкии шахсон ва созмонҳои гумонбар дар ёрӣ ба террористон қабул гардиданд. Рӯйхати 189 созмон, сохторҳо ва шахсони воқеӣ тартиб дода шуда буд, ки ба ин ё он шакл ба терроризм ёрии пулӣ мерасониданд. Дар умум, дар ҳисоби бонкии гуногун 104,8 млн доллари амрикоӣ (34,2 млн. доллар дар ИМА; 70,6 млн. доллар дар хориҷ) боз дошта шуд[3].

Хадамоти махсус ба боздошт ва ҳабси пайравон ва кумаккунандагони «Ал-Қоида» оғоз намуданд. Баъди 11-уми сентябр дар як муддати кӯтоҳ дар 60 мамлакат беш аз ҳазор агенти ин созмони байналмилалии террористӣ боздошт гардид.[4] 22-юми сентябр Аморати Муттаҳидаи Араб ва 25-уми сентябр Арабистони Саудӣ дар пайи ҳамлаҳои террористӣ дар Америко

[1] Сайдалиев, Ҷ. Америко, Америко ва боз ҳам Америко [Матн] / Ҷ. Сайдалиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2001. – №37-38. – С.2.
[2] Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – С.50-51.
[3] Ҳамон ҷо. – С.51.
[4] Центральная Азия до и после 11 сентября: геополитика и безопасность Алматы: КИСИ при Президенте РК, 2002. – С.13.

равобити сиёсӣ ва иқтисодиашонро бо ҳукумати «Толибон» қатъ намуданд[1].

Бо ин тоҷикони Афғонистон бори дигар исбот карданд, ки дар тақдири Афғонистони ҷангзада нақши муҳим доранд. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои муваффақонаи НАТО ва дастгирии «Ҷабҳаи муттаҳид» дар муддати беш аз як моҳ ба иқтидори ҳарбии «Толибон» шикасти бузург расонида шуд. Артиши «Толибон» ба шикасти сахтарин дучор гардида, қобилияти ҷангии худро аз даст дод. Дастаҳои «Толибон» рӯ ба гурез оварда, ба ҳар тараф, аз ҷумла дар хоки Покистон паноҳ бурданд. 12-уми ноябри соли 2001 қувваҳои «Ҷабҳаи муттаҳид» ба Кобул ворид шуданд.

Дар натиҷаи амалиёти якҷояи «Ҷабҳаи муттаҳид» ва қувваҳои Эътилофи байналмилалӣ низоми «Толибон» аз байн бурда шуд. «Толибон» чи гунае, ки ба саҳнаи сиёсӣ бо суръати тез ворид шуда буданд, ҳамон гуна аз саҳна хориҷ шуданд. Баъди сукути «Толибон» Ҳукумати нав ба миён омад. Дар охири моҳи ноябри соли 2001 дар шаҳри Бонн зери роҳбарии СММ конференсияи байналмилалӣ оид ба ташкили Ҳукумати нави Афғонистон баргузор гардид. «Ҷабҳаи муттаҳид» дар ин конфренсия як чанд бартариро дошт:

Якум, бо вуҷуди норозигиҳои баъзе аз гурӯҳҳо «Ҷабҳаи муттаҳид» пойтахти мамлакатро ба зери назорати худ гирифт;

Дуюм, қувваҳои ҳукуматӣ, яъне қувваҳои Бурҳониддин Раббонӣ ва Муҳаммад Фаҳим ворисии содиқи Аҳмадшоҳи Масъуд дар ин лаҳза артиши аз ҳама беҳтарин ва қобилияти ҷангӣ дошта дар Афғонистон ҳисоб мешуданд;

Сеюм, қувваҳои Аҳмадшоҳи Масъуд ягона қувваҳои ҳарбие буданд, ки зидди «Толибон» ва пуштибонони хориҷии онҳо то охир мубориза бурданд ва нагузоштанд, ки «Толибон» ҳокимияти худро дар тамоми ҳудуди Афғонистон ҷорӣ намоянд[2].

Дипломат ва донишманди тоҷик Ш. Имомов зикр менамояд, ки «Дар рӯзҳои баргузории конфронс намояндагони «Ҷабҳаи муттаҳид», гурӯҳи Рим (тарафдорони Зоҳиршоҳ)-ро ба он айбдор мекарданд, ки замоне дар

[1] Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – С.51.
[2] Искандаров, К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2004. – С.438.

Афғонистон шимолиҳо мубориза мебурданд, Зоҳиршоҳ дар Рим ва ИМА тарзи зиндагонии ғарбиро ихтиёр карда, ба кайфу сафо машғул буд, ҳоло ки Шимол то дараҷае ин мушкилиҳоро паси сар кард, Зоҳиршоҳ мехоҳад дубора ба ҳокимият соҳиб шавад»[1].

Воқеан ҳам, чунин фикр ҳоким буд, ки мубориза ва ҷоннисориҳои Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд ба тарафдорони онҳо ҳуқуқи маънавӣ медиҳад, ки дар ҳукумати оянда нақши асосӣ дошта бошад. Аммо дар Конференсияи Бонн намояндагони «Ҷабҳаи муттаҳид» зери фишори давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ қарор гирифтанд ва маҷбур шуданд, ки фикрҳои намояндагони Эътилофи байналмилалиро гӯш кунанд. Дар акси ҳол имконияти охирини сулҳ дар сарзамини Афғонистон аз байн мерафт.

Наврӯзи К., дар ин хусус зикр намудааст, ки «Чун маълум гашт, ки Амрико Афғонистонро ба қасди нобудсозии шабакаи «Ал-Қоида»-и Усома бини Лодан ва ҷунбиши «Толибон» мавриди ҳамлаҳои ҳавоӣ ва мушакӣ қарор медиҳад, Парвиз Мушарраф, Президенти Покистон, муттаҳиди стратегии «Толибон» ва пуштибони онҳо дар хиёнатҳояшон ба манофеи миллии Афғонистон эълон дошт: «Аз умри ҳукумати толибон чанд рӯзи дигар боқӣ мондааст»[2].

Донишманди тоҷик Қ. Искандаров доир ба амалиёти зиддитеррористӣ ва сукути «Толибон» чунин навиштааст: 7-уми октябр ИМА ва ҳампаймононаш амалиёти васеи мусаллаҳонаро дар Афғонистон оғоз карданд. Ҷанг бо бомбаборонкунии шадиди марказҳои стратегии «Толибон» дар шаҳрҳои Кобул, Мазори Шариф, Қандаҳор, Ҳирот, Ҷалолобод ва ғайра оғоз гардид. Дар зарфи якчанд рӯз фурӯдгоҳҳои ин шаҳрҳо, тамоми 80 ҳавопаймои ҷангии «Толибон» (асосан ҳавопаймоҳои русии МИГ-21), системаи мудофиаи зиддиҳавоии онҳо пурра аз кор бароварда шуданд. Зарбаҳои ҳавои ҳамчунон ба марказу пойгоҳҳои «Ал-Қоида», муассиссаҳои давлатӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ

---

[1] Имомов, Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе: Дониш, 2013. – С.256.

[2] Наврӯзи, К.Толибон ба Покистон бармегарданд [Матн] / К. Наврӯзи // Ҷумҳурият. – 2001. – №134. - 15 ноябр.

ва ғайра зада мешуд[1].

Дар рӯзи аввали ҷанг 40 ҳавопаймои ҷангӣ дар амалиёт иштирок намуданд. Ба ҳадафҳо дар ҳудуди Афғонистон аз киштиҳои зериобии амрикоӣ ва англисӣ беш аз 50 мушаки болдор партоб гардид[2].

Марҳалаи аввали амалиёт аз 7-ум то 15-уми октябр давом кард. Дар ин марҳала пойгоҳҳои асосии низомии «Толибон» аз байн бурда шуданд. Дар марҳалаи дувум аз 15-уми октябр то 2-юми ноябр зарбаҳои мушакӣ ва бомбаборонкунӣ ба ҳадафҳои ҳаракаткунандаи «Толибон» зада мешуд. Дар марҳалаи севум аз 2-юм то 15-уми ноябр амрикоиҳо ба манфиати «Ҷабҳаи муттаҳид» амал намуда, мавқеи «Толибон»-ро дар хатти аввали ҷабҳа бомбаборон мекарданд ва ниҳоят марҳалаи чорум аз 15-уми ноябр оғоз шуд[3], ки қӯшунҳои амрикоӣ ва англисӣ баъд аз нобуд сохтани қариб тамоми муассисаҳои муҳимми мулкӣ ва низомии «Толибон» ва зери назорат гирифтани фазои ҳавоии Афғонистон ба тадриҷ ба амалиёти заминӣ гузаштанд, ки мақсад зоҳиран нест кардани душман дар тамоми қаламрави Афғонистон буд, вале дар асл мустақар намудани нерӯҳои низомӣ ва сохтани пойгоҳҳо дар Афғонистон ба ҳисоб мерафт. Амрикоиҳо барои нест кардани террористон ва пахш намудани муқовимати «Толибон» аз нерӯҳои низомии «Ҷабҳаи муттаҳид» истифода намуданд. Аммо ба назари коршиносон ин маънои онро надошт, ки онҳо ба ин Ҷабҳа эътимод пайдо кардаанд ва мехоҳанд дар оянда давлати профессор Раббонӣ ба Кобул рафта, то ташкили як ҳукумати эътилофӣ ва ё ба истилоҳ «ҳукумати бо қоидаҳои васеъ» идораи Афғонистонро ба уҳда бигирад. Не, сухан фақат аз кумак ба амрикоиҳо дар як замони муайян ва дар бадали пул мерафт.

Музокирот (ва ё аниқтараш тиҷорат)-и фармондеҳи нерӯҳои амрикоӣ Томи Фрэнкс бо фармондеҳи «Ҷабҳаи муттаҳид» Муҳаммад Қасим Фаҳим[4]

---

[1] Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – С. 52.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 52.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 53.
[4] Муҳаммад Қасим Фаҳим соли 1957 дар деҳаи Умарзи вилояти Панҷшер таваллуд шудааст. Даврони хурдсолиро дар зодгоҳаш гузаронида, дар назди уламои маҳал илму савод омӯхтааст. Соли 1970 ба Кобул омада, ба мадрасаи Дорулулуми арабӣ шомил гардид. Баъди Инқилоби Савр ба Покистон ҳиҷрат намуд.

дар дохили ҳавопаймои низомии амрикоии С-17 дар фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе дар яке аз рӯзҳои охири моҳи октябри соли 2001 сурат гирифта буд. Муҳаммад Ориф Сарварӣ, ки дар ин музокирот Фаҳимро ҳамроҳӣ мекард, ба муҳаққиқи афғон М.И. Андешманд чунин гуфтааст: «... ду мавзуъ оҷандҳои (рӯзномаи) музокираро ташкил медод: яке барнома ва нақшаи амалиёт ва бомбаборонҳои амрикоӣ ва дувум имконоти «Ҷабҳаи муттаҳид». Дар мавзуи бомбаборонҳо назари ҳар ду тараф мутафовит буд. Фаҳимхон мехост, ки хатҳои ҷанг дар Шимолӣ ва Толиқон барои пешравӣ бошиддат бомбаборон шавад ва Мазори Шариф бо дигар нуқот таҳти ҳамалоти масруфкунанда гирифта шавад. Томи Фрэнкс баръакси онро мегуфт. Ӯ пофишорӣ дошт, ки аввал Мазори Шариф суқут кунад. Гап сари бомбаборонҳо ба натиҷа нарасид ва амрикоиҳо ҳамон кори худро карданд, то охир аз бомбаборони хати аввали ҷанг бо «Толибон» дар Тахор ва Шимолӣ худдорӣ карданд. «Ҷабҳаи муттаҳид» бо имконоти худ бидуни кумаки ҳавоии амрикоиҳо Тахор ва Кобулро озод намуд»[1].

Дар музокироти фармондеҳи «Ҷабҳаи муттаҳид» М.Қ. Фаҳим бо Томи Фрэнкс фармондеҳи нерӯҳои амрикоӣ дар Афғонистон дар фурӯдгоҳи Душанбе масъалаи ба Кобул рафтани «Ҷабҳаи муттаҳид» мавриди баҳс қарор гирифта буд ва Фаҳим ваъда дода буд, ки бидуни иҷозаи амрикоиҳо ин корро нахоҳанд кард. Аммо «Толибон» аз муқовимати ҷиддӣ даст кашида, нерӯҳои худро барои оянда ҳифз мекарданд. Баъди 9-уми ноябр, ба дасти нерӯҳои «Ҷабҳаи муттаҳид» гузаштани шаҳри Мазори Шариф, «Толибон» ба тадриҷ тамоми шаҳрҳои шимоли Афғонистонро тарк намуданд. Зери бомбаборонҳои шадиди амрикоиҳо ва англисҳо, ҳуҷуми нерӯҳои «Ҷабҳаи муттаҳид» ҳазорон

---

Аммо дар соли 1979 ба вилояти Кунарҳои Афғонистон баргашта, дар минтақаи Шигал ба муқобили низоми коммунистӣ ба мубориза оғоз намуд. Баъд аз чанд муддат дубора ба Покистон рафт ва аз он ҷо бо Аҳмадшоҳи Масъуд ба Панҷшер омада, дар манотиқи гуногун ҳастаҳои муқовимат ташкил намуданд. Пас аз пирӯзии муҷоҳиддин вазири амнияти миллӣ таъйин гардид ва 1-уми январи соли 1994 фармондеҳии умумии нерӯҳои давлатиро ба муқобили Абдурашид Дӯстум ва Гулбиддин Ҳикматёр, ки мехостанд Бурҳониддин Раббониро аз қудрат сарнагун кунанд, ба уҳда гирифт. Пас аз марги Аҳмадшоҳи Масъуд роҳбарии тамоми нерӯҳои муқовиматро ба душ гирифт. Дар конфронси Бонн ҷонишини раиси Идораи муқовимат ва вазири дифоъ интихоб гардид, ки ин мақомро дар Луя Ҷиргаи изтирорӣ низ ҳифз кард. Муҳаммад Қасим Фаҳим бо рутбаи олии низомӣ-маршал сазовор гардонида шудааст.

[1] Андешманд, М.И. Амрико дар Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2007. – С.221-222.

нафар толиб, араб, покистонии дар шимоли Афғонистон дар шаҳри Қундуз ҷамъ шуда буданд. Парвиз Мушарраф дар як суҳбати телефонӣ аз сарвазири Британияи Кабир Тони Блэр ва котиби давлатии ИМА Колин Пауэл дархости кумак кард, то аз қатли омми хориҷиҳо дар Қундуз ба дасти нерӯҳои шимол пешгирӣ шавад. Ба қавли донишманди афғон М.И. Андешманд ҳавопаймоҳои низомии покистонӣ дар парвозҳои шабонаи худ афсарони артиш ва аъзои Созмони ҷосусии артиши Покистонро, ки солҳо дар шимол ба муқобили Аҳмадшоҳ меҷангиданд, ба Покистон интиқол доданд[1].

12-уми ноябр фармондеҳи «Ҷабҳаи муттаҳид» М.Қ. Фаҳим мухолифати фармондеҳии қӯшунҳои эътилоф ва Покистонро ба назар нагирифта, нерӯҳои худро вориди Кобул намуд. Аз ин саркашии Фаҳим амрикоиҳо ва махсусан, Покистон хеле нигарон шуданд. Амрикоиҳо талаб карданд, ки Фаҳим нерӯҳояшро аз Кобул хориҷ кунад, аммо вақте Фаҳим аз хатари бозгашти «Толибон» ба Кобул иттилоъ дод, онҳо ба ин амали рӯхдода маҷбур шуданд, розӣ шаванд.

Баъд аз суқути Кобул шаҳри Қундуз 26-уми ноябр озод гардид. 7-уми декабр пойгоҳи асосии «Толибон» дар шаҳри Қандаҳор фатҳ гардид ва 3 ҳазор сарбози амрикоӣ ба фурӯдгоҳи шаҳр фурӯд омаданд[2].

Ҳамин тавр, дар зарфи 2 моҳ (аз 7-уми октябр то 7-уми декабр) низоми «Толибон», ки 5 сол дар Кобул ҳокимият дошт ва ҳазорон террористи байналмилалӣ ва тундравони исломиро аз тамоми кишварҳои исломӣ паноҳ медод ва Афғонистонро ба як пойгоҳи умдаи тарбияи онҳо мубаддал намуда буд, сарнагун карда шуд.

Дар тамоми дунё ба ҳабси дороиҳо ва ҳисобҳои бонкии созмонҳои террористӣ идома дода, дар 1,4 ҳазор ҳисоби бонкӣ маблағи 200 млн. доллари амрикоӣ, ки ба 300 созмони ба террористон робита дошта тааллуқ доштанд, масдуд гардид[3]. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи амалиёти муштарак тамоми ҳаракати «Толибон» пароканда шуданд.

---

[1]Андешманд, М.И. Амрико дар Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2007. – С.91.
[2] Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – С.61-62.
[3] Ҳамон ҷо. – С.55.

Баъди сарнагун намудани низоми «Толибон» кишварҳои зиёде дахолатро ба масъалаи ташкили ҳукумати баъдӣ дар Афғонистон оғоз карданд ва дар рафти Конфронси Бон як ҳукумат бо номи Идораи муваққат бо роҳбарии Ҳомид Карзай интихоб гардид. Албатта, бо гузашти солҳо баъзеҳо ба ин ақида омаданд, ки «Бузургтарин иштибоҳи устод Бурҳониддин Раббонӣ дар зиндагиаш ин буд, ки ба Конфронси Бон мувофиқа намуд ва ҳукуматро зери фишори хориҷиҳо таслим кард. Иштибоҳе, ки ба қиммати ҷони устод тамом шуд. Ӯ бояд ҳаргиз чунин кор намекард ва агар ҳам кард, бояд бо ҳукумате, ки таҳти ишғоли Амрико қарор дорад, ҳамкорӣ намекард». Аммо чунин гуфтан осон аст. Дар асл вазъият бисёр мураккаб буд ва Б. Раббонӣ дар зери фишори сахти амрикоиҳо ва ҳам дӯстони дирӯзааш қарор дошт. Ба андешаи Л. Пидром «баъди даргузашти Аҳмадшоҳи Масъуд, устод Раббонӣ натавонист ба дурустӣ ин наҳзатро идора кунад»[1].

Новобаста аз кӯтоҳмуддатии ҳукумати «Толибон» мардуми Афғонистон дар муддати қариб 5 сол дар натиҷаи сиёсати золимонаи «Толибон» хисороти зиёди ҷонӣ ва моддию маънавӣ диданд. Афғонистон ба яке аз марказҳои асосии паноҳгоҳи террористони ҷаҳонӣ табдил ёфт. Терроризми ҷаҳонӣ дар ин сарзамини таърихан тамаддуни ғановатманддошта аз боиси хуруфоту ифроти қавмҳои муҳоҷиршудаи аз маърифат дур роҳ ёфт. Гурӯҳҳои қавмгаро аввал худ ва баъдан бо дасти «Толибон» ба мардуми кишвар зарари зиёд расониданд. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тамоми кишварро таҳдид мекард. Инчунин, ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақа хатарҳои зиёд ба бор овард.

Амалан сиёсати «Толибон» хусусияти намоишкорнаро таҷассум мекард. Масалан, қатли М. Наҷибулло ва ба дор овехтани ӯ дар маркази шаҳр, аз байн бурдани муҷассамаҳои Буддо, ки таърихи фарҳанги қадимаи сарзаминро муаррифӣ мекард. Ҳамаи ин сабаб шуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ зидди «Толибон» чораҳои зарурӣ андешанду онҳоро аз қудрати сиёсии Афғонистон дур созад.

---

[1] Раббонӣ Фирдавсии замона ва Масъуд Рустами қаҳрамони ӯ буд [Матн] // Миллат. – 2011. – №38. – 21 сентябр.

Қудратҳои ҷаҳонӣ дар ибтидо, гӯё зулму ситами «Толибон»-ро нисбати мардуми азияткашидаи Афғонистон намедиданд. Он созмону ниҳодҳои аз ҳуқуқи инсон ҳимоякунанда низ муддати 5 сол хомӯш буданд, дар ҳоле ки шаҳрвандони зиёде ба қатл расонида шуданд. Бозиҳои геополитикии Амрико, Покистон, Арабистони Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб тавассути истифодаи саркардаҳои қавми пушту дар аввал ва баъдан «Толибон» Афғонистонро аз тамоми лиҳоз ба мушкилоти ҷиддӣ гирифтор намуд. Таҷрибаи раванди мубориза бо «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ дар Афғонистон исбот намуд, ки ягона қуввае, ки баҳри мардуми Афғонистон ва ҳифзи истиқлолу суботи он талош намуд, нерӯҳои Аҳмадшоҳи Масъуд ба шумор мерафт. Ӯ новобаста аз таҳдидҳои зиёд то охирин лаҳза давлатӣ худро тарк накард, дар ҳоле ки баъзе роҳбарони гурӯҳҳои сиёсию низомии дигар ба хориҷи кишвар гурехтанд. Суиқасди ин қаҳрамони Афғонистон ва ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 тасодуфӣ набуда, ба ҳам тавъам мебошанд. Аввал ягона роҳбари мудофеи истиқлоли кишвар нест карда шуду баъдан бо эҷоди баҳонаи фоҷиаи 11-уми сентябр Амрико ба Афғонистон ворид шуд. Таҷрибаи минбаъда нишон дод, ки ин ҳама баҳона ва бозиҳои сиёсии абарқудратҳо дар ин кишвар аст. Албатта, шикасти низоми «Толибон» падидаи бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт, ки то як муддате суботи нисбӣ дар кишвар таъмин гардид. Вале маълум аст, ки ҳеҷ қудрати хориҷие ба Афғонистон сулҳу субот оварда наметавонанд, ба ҷуз мардуми Афғонистон. Танҳо ваҳдати қавмҳо ва ташкили ҳукумати ҳамашумул кафили суботи сиёсӣ ва зиндагии шоистаи ин мардум шуда метавонад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии бадастомадаи таҳқиқот

Таҳлили манбаъҳо ва адабиёти мавҷуда доир ба равандҳои муосири Афғонистон нишон дод, ки масъалаи мавриди пажуҳиш ниҳоят муҳим аст. Барои мо равшан гардид, ки воқеан Афғонистон беш аз дусад сол боз зери таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ қарор дошта, дар он масъалаи давлатсозӣ то имрӯз ҳал нашудааст ва дар солҳои 1992–2001 марҳалаи бисёр муҳимму сарнавиштсозеро сипарӣ намуд. Ин марҳала паёмадҳоеро ба бор овард, ки на танҳо ба Афғонистон, балки ба минтақа таъсири амиқи худро расонид. Ин на танҳо интиҳои асри ХХ ва ибтидои асри ХХI, балки охири як марҳалаи бузурги таърихӣ ва оғози марҳалаи дигари сиёсатбозиҳои қудратҳои ҷаҳонӣ дар Афғонистон ба шумор меравад.

Аз омӯзиши маводди дастрас ва назари донишмандону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба чунин натиҷаҳо расидем:

1. Берун шудани артиши шуравӣ аз Афғонистон ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ як навъ шикасти тавозун на танҳо дар минтақа буд, балки дар сатҳи байналмилалӣ гардиши куллиро ба вуҷуд овард, ки аз ин раванд Амрико ва муттаҳидонаш хостанд ба манфиати худ истифода намоянд. Яке аз чунин минтақаҳои таъсиррасон ва калидӣ дар роҳи таҳкими нуфузи байналмилалии онҳо Афғонистон буд. Шиддат гирифтани муборизаҳои қавмӣ ва гурӯҳӣ дар Афғонистон барои ҳокимият раванди ташаккули буҳрони сиёсиро тезонид. Ҳар як қавм акнун сарвар ва ё пешвои худро дошт, ки ҷиҳати ба даст овардани ҳокимияти олӣ бар зидди ҳамдигар муборизаро оғоз намуданд. Бо берун шудани нерӯҳои хориҷӣ дар раванди мубориза рӯз то рӯз таъсири қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ зиёд мегардид. Қавмҳои сершумору ҳукуматхоҳ, махсусан пуштуҳо акнун сарпарасти наверо дар симои Амрико ва Покистон дарёфт намуданд [2-М], 4-М];

2. Қавмгароӣ, тундгароии динӣ ва падидаҳои дигари номатлуби дар дохили Афғонистон ба миёномада сади роҳи ташкили ҳукумати ҳамашумулро мегирифт. Ин зиддиятҳо имкон намедод, ки давлати

мутамарказ ва босубот ташкил карда шавад. Ҳар гурӯҳ бо истифода аз имконоти худ мехост мақоми шоиста дошта бошад. Ҳукумати ташкилшуда бо сарварии С. Муҷаддадӣ дар зарфи ду моҳ барои ҳалли мушкилоти кишвар нотавон буд. Дар радифи низоъҳои дохилӣ, инчунин дахолати кишварҳои хориҷӣ ва пуштибонӣ аз нерӯҳои ифротӣ аз ҷониби онҳо монеи ба ҳам омадан ва ташкили ҳукумати ҳамашумул мегардид. Давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо назардошти манфиатҳои хеш ба равандҳои сиёсии Афғонистон назар менамуданд. Аксар роҳбарони сиёсию низомӣ ҳадафи пуштибонӣ аз манфиатҳои умумӣ надошта, бо назардошти манофеи этникии худ амал менамуданд.

Пас аз ҳукумати С. Муҷаддадӣ, ки ба муҳлати ду моҳ интихоб гардида буд, зимоми қудрат ба ихтиёри Б. Раббонӣ расид. Аммо мухолифони Б. Раббонӣ ва А. Масъуд бо ҳар баҳона ба ҷанг идома бахшида, имкон надоданд, то як ҳукумати мутамарказ таъсис шавад.

Мунокишаҳои байниҳизбӣ барои қудрат шиддат гирифта, Г. Ҳикматёр, А. Дӯстум, С. Муҷаддадӣ ва А. Мазорӣ ШҲИИ-ро таъсис доданд, ки бевосита аз тарафи Покистон ба Г. Ҳикматёр пешниҳод шуда буд. Покистон, ки аз Г. Ҳикматёр ноумед шуд, бар ивази ӯ «Толибон»-ро ба майдон ворид намуд.

Бешубҳа ихтилофоти байни роҳбарони гурӯҳҳои этникии Афғонистон дар ташкили давлати босубот таъсири манфӣ гузошт. Инчунин, афкори ҷамъиятӣ низ дар ин раванд ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафи қудратҳои хориҷӣ ва бозингарони онҳо муосидат менамуд, ки воқеияти масъаларо дарк накарда буданд. Манфиатҳои қавмию миллӣ боло гирифта, манфиатҳои умумии мардуми Афғонистон аксаран ба эътибор гирифта намешуд. Аз шуҳратпарастии роҳбарони сиёсии Афғонистон кишварҳои ҳамсоя ва хориҷӣ истифода намуданд. Ба ҳар сурат дар масъалаи ташкили ҳукумати ҳамашумул гурӯҳҳои сиёсӣ натавонистанд ба мувофиқа бирасанд [4-М];

3. Новобаста аз мушкилоту норасоиҳо раиси ДИА Б. Раббонӣ кӯшиш кард, ки мардум аз илму фарҳанг то ҳадди имкон бархӯрдор бошанд. Б.

Раббонӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳо барномаҳо таҳрезӣ карда буд, вале шиддат гирифтани ҷанги дохилӣ ва мудохилаи кишварҳои хориҷӣ нагузоштанд ҳадафҳои давлати навташкил дар амал татбиқ шаванд. Ташаккули ҳаракати «Толибон» ва ба воситаи он амалӣ гардидани сиёсати абарқудратҳо ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои геосиёсию геостратегӣ садди роҳи тамоми пешравиҳо дар Афғонистон гардид. Аз зиддиятҳои сиёсию идеологӣ ва қавмӣ истифода намуда, қувваҳои хориҷӣ бештар ба он гурӯҳҳое ёрӣ мерасониданд, ки барои онҳо манфиати аксарият аҳаммият надошт. Ҳадафи Бурҳониддин Раббонӣ, ки ташкили ҳукумати ҳамашумул ва саҳм доштани тамоми ақвом дар идораи давлатӣ буд, ба манфиати сиёсати қудратҳои хориҷӣ мутобиқат намекард. Барои онҳо дастаҳои тундгарое чун Гулбиддин Ҳикматёру «Толибон» лозим буд, ки бо пул харида ва фурӯхта мешуданд ва аз манфиатҳои онҳо дифоъ мекарданд. Мушкилоти қавмгароӣ дар ин кишвари мусибатдида заминаи мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гардид. Кишварҳои абарқудрати хориҷӣ, ки барои бунёди давлати исломӣ ба нерӯҳои тундгаро ёрӣ мерасониданд, ба итмом расидани моҷарои сиёсии Афғонистон ҳеч манифате надошт. Аз эҳсоси динию мазҳабии ин мардум истифода намуда, дар аввал Англия баъдан Амрико тавассути Покистону Арабистон ба ҳамон қувваҳои қавмгарою дорои мафкураи асримиёнагӣ такя менамуданд. Аз таҳлили осори муҳаққиқон ва равандҳои имрӯзи Афғонистон баремояд, ки дар навбати аввал низоми маориф шикаста шуд, ки мушкилоти дигарро дар ин замина ба вуҷуд овард. Дар маҷмуъ, тамоми нерӯҳои ифротӣ, ки дар зери сарпарастии қудратҳои хориҷӣ вазъи давлатро мураккаб намуданд, муқобили тоҷикон амал мекарданд. Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд новобаста аз он ки тоҷик буданд, вале ҳадафи асосиашон ташкили ҳукумати исломии муътадил ва ҳамашумул ва аз зери асорати қудратҳои хориҷӣ озод намудани Афғонистон ва мардуми он ба ҳисоб мерафт. Аммо гурӯҳҳои пурқудрати қавмгарои пушту, ки зери шиорҳои исломӣ сохта баромада буданд, ба ҳеч ваҷҳ ба ин розӣ набуданд [8-М];

4. Зуҳури «Толибон» омилҳои дохилӣ ва хориҷии худро дошт. Омили дохилии он бесуботӣ, зулму ситам, сатҳи пасти зиндагии мардум буд, ки давлат натавонист садди роҳи беадолатӣ ва қатлу ғорат шавад. Дар натиҷа, эътироз дар кишвар вусъат пайдо карда, боиси ташкили ҷунбиши нав бо номи «Толибон» гардид. Аммо як нуқтаро бояд зикр намуд, ки қабл аз гунаҳкор намудани қудратҳои хориҷӣ, мушкилот ва сабаби онро дар дохили худи Афғонистон ҷустуҷӯ намуд. Махсусан, дар ростои омили дохилӣ бояд ба тафаккури ҷомеаи Афғонистон, ки суннатгароӣ бештар дар шакли қавмгароӣ ва тундгароии динӣ мушоҳида мешуд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Аслан, қавмгароӣ дар ташаккули ин падидаи номатлуб бештар таъсир расонидааст. Вақте ба решаҳои ташаккули он таваҷҷуҳ зоҳир менамоем, аз бунёдгузораш – Мулло Умар сар карда, то сарварони имрӯзи «Толибон» ҳамагӣ аз манфиатҳои қавми пашту ҳимоя менамоянд. Бадбинӣ ва хусумат нисбат ба қавмҳои дигар дар тафаккури роҳбарони «Толибон» аз ибтидо то имрӯз вуҷуд дошт ва дорад. Махсусан, онҳо дар симои ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ ва талошҳои Аҳмадшоҳи Масъуд гӯё як навъ поймол намудани ҳуқуқи мардуми паштуро медиданд. Дар муносибат бо ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ «Толибон» аз роҳбари дигари қавми пашту – Гулбиддин Ҳикматёр, ки дар қавмгароӣ ҳамто надошт, ҳеч фарқе надоштанд ва надоранд. Дар ибтидои ташаккули ин ҳаракати хусусияти тундгароии динӣ ва қавмгароӣ дошта, иштироки ҳеч аз шаҳрвандони тоҷиктабори Афғонистонро немебинем. Баъдан, аксар ҷавонони дар мадрасаҳои динии Покистон таҳсилкарда гароиши ифротӣ пайдо карда, аз таърифи хосси талаботии дини ислом пайравӣ мекарданд. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии Афғонистон фақат хосси ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ набуд. Тамоми айбро ба сари ҳукумати Раббонӣ бор намудани «Толибон»-у Ҳикматёр ҳеч асосе надошт. Ҳадафи Раббонӣ ин ташкили ҳукумати ҳамашумул ва босубот дар Афғонистон буд, ки истиқлолу озодии онро таъмин намояд. Аммо қуввае дар ин давраи ҳассос аз Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд пуштибонӣ намекард. Ба ақидаи мо мушкилот дар афкори худи

ҷомеаи Афғонистон буд, ки аз маорифи асрӣ дур шуданду бо ҷомеаи мутамаддин ҳамқадам набуданд. Бухрони маърифатӣ заминаи ташаккули ҷоҳилиятро дар ин сарзамин гузошт [1-М];

5. Омили хориҷии ташаккули ҳаракати «Толибон» саҳми қудратҳои хориҷии манфиатдор аст, ки мехостанд тавассути намояндагони худ дар Афғонистон ҳукмронӣ намоянд, вале ба ҳадафи худ нарасида буданд. Аз ин рӯ, хостанд, ки тавассути ҳаракати «Толибон» ҳадафҳои худро дар ин сарзамин амалӣ созанд. Баъди заволи давлати Шуравӣ, Амрико барои устувор намудани мақомаш дар минтақа тавассути Афғонистон аз шарикони стратегиаш – Покистон ва Арабистони Саудӣ истифода намуд. Аз Покистон барои манфиат доштан дар дастгирии қавми пушту ва аз Арабистони Саудӣ барои зиддият бо Эрон. Заминаи асосии хориҷии ташаккули ҳаракати «Толибон» ин Покистон буд, ки аз тамоми лиҳоз онро дастгирӣ менамуд. Покистон баъди ноумедӣ аз Гулбиддин Ҳикматёр ба «Толибон» умед баст, то ҳукумати Афғонистонро вобастаи худ созад. Аз ҳавасмандии Покистон дар масъалаи ҳамаҷониба ёрӣ расонидан бар саркардаҳои толибон Амрико ҳам дар навбати худ истифода намуд. Дар умум, тавассути «Толибон» бояд ҳукумат ва мардуми Афғонистон пурра пойбанди нерӯҳои қудратманди хориҷӣ мешуд, ки натиҷаашро имрӯз мушоҳида намуда истодаем. Дар баробари ин, афкори «Толибон», ки ба талаботи ҷомеа ҳеҷ созгор несту мантиқан ҷомеаро ба қафо, яъне асрҳои миёна бурданист, боис шуд, ки тамоми самтҳои ҳаёти шаҳрвандон ба мушкилот гирифтор шавад. «Толибон» ба одитарин ҳуқуқи афроди ҷомеа арҷ нагузошта, тамоми зулму истисморро нисбати шаҳрвандон раво медиданд ва онро пӯшиши исломӣ мебахшиданд. Дар ҳоле ки тафаккури солим несту бар ивази он ҷаҳолат ҳукмрон аст, аз ахлоқу ислом ва ҳуқуқи инсонӣ ҳарф задан ғайриимкон мебошад [1-М, 8-М ];

6. Новобаста аз дер давом наёфтани ҳукумати «Толибон», мардуми Афғонистон дар муддати қариб 5 сол дар натиҷаи сиёсати золимонаи «Толибон» хисороти зиёди ҷонӣ ва моддию маънавӣ диданд. Дар натиҷа, Афғонистон ба яке аз марказҳои асосии паноҳгоҳи террористони

байналмилалӣ табдил ёфт. Мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тамоми кишварро фаро гирифта буд. Инчунин, ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақа хатарҳои зиёд таҳдид менамуд [1-М].

## ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Решаҳои буҳрони сиёсиро дар дохили Афғонистон бояд дарёфт, ки он дар анъанаҳои номатлубе чун қавмгароӣ, ихтилофоти мазҳабӣ ва тундгароӣ бештар мушоҳида мешавад. Ба хотири аз байн бурдани чунин падидаҳои номатлуб зарур аст, ки тафаккури ҷомеаро тавассути ислоҳоти бузург дар соҳаи маориф рушд бахшид. Дар ин самт созмонҳои ҷаҳонии дахлдор бештар бояд кор баранд;

2. Афкори ҷомеаи Афғонистонро нисбат ба падидаҳои ҷаҳони муосир, махсусан арзишҳое чун демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати дунявию ҳуқуқбунёд бояд мутобиқ сохт, ки ин ҳам ислоҳоти ҷадиду бузургро дар соҳаи таълиму тадрис талаб менамояд;

3. Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳамчун ниҳоди посдорандаи сулҳу субот дар ҷаҳон ба шумор меравад, тавассути фишори лозимии сиёсӣ ба Покистон ва шарикони ӯ, ҷиҳати дахолат накардан ба корҳои дохилии Афғонистон чораҳои заруриро бояд дар амал татбиқ намояд;

4. Давлатҳои минтақа, махсусан кишварҳои ҳамҷавори Афғонистонро зарур аст, ки мавқеи худро дар доираи манфиатҳои умумии ҷомеаи ин кишвари ҷангзада ва муносибатҳои тарафайн дуруст ва мушаххас муайян намоянд. Таҷриба нишон дод, ки чи дар соли 1996 ва чи имрӯз мавқеи кишварҳои ҳамҷавори Афғонистон баъди ба ҳокимият расидани «Толибон» мушаххас нест. Зарур аст, ки паёмади ин хатар аз ҷониби тамоми кишварҳои минтақа, ки оқибати ногувор дорад, дарк карда шавад;

5. Ҷиҳати ташкили ҳукумати ҳамашумул дар Афғонистони касирулмиллат зарур аст, ки давлатҳои минтақа ва созмонҳои ҷаҳонии дахлдор ташаббус нишон диҳанд. Дар ин самт таҷриба нишон дод, ки бо дарназрдошти манфиатҳои умумии ҷомеаи Афғонистон дурусттарин мавқеъро ҷониби Тоҷикистон то имрӯз ихтиёр намудааст. Ҳамеша роҳбарияти Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи ташкили ҳукумати ҳамашумул ва нест намудани решаҳои терроризм ва экстремизм дар ин давлати мусибатзада даъват менамояд;

6. Бо ҷалби кишварҳои абарқудрату таъсиррасон ва давлатҳои ҳамсояи Афғонистон зарур аст, ки ҷиҳати ҳаллу фасли ин қазияи доманадор як иттиҳод ва ё эътилоф ташкил карда шавад. Дар доираи ин иттиҳод масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон бо ҷалби ҳукумати он бо назардошти манфиатҳои мардуми ин кишвар ҳаллу фасл карда шаванд. Зеро таҷриба нишон дод, ки мавҷуд набудани ҳамоҳангӣ дар сиёсати кишварҳои ҳамҷавор ва хориҷӣ дар масъалаи Афғонистон то рафт боиси тезутундшавии буҳрони сиёсӣ дар ин кишвар шуда истодааст.

# РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меёрии ҳуқуқӣ:

1. Всеобщая декларация прав человека: принята и провозглашена резолюцией 217 А (III) Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1948 г. [Текст]: – Минск: Амалфея, 2012. – 28 с.

2. Заявление Председателя Совета Безопасности. ООН по вопросу «Положения в Афганистане» от 30 ноября 1994 г. [Электронный ресурс]: – UN Security Council Resolution 1267 (1999) (umn.edu).(дата обращения 01.12.2019).

3. Резолюция 1076 (1996) принито Совета Безпасности на его 3706 – м засидании 22 октября 1996 года. [Электронный ресурс]: – N9628428.pdf (un.org) .(дата обращения 12.01.2024).

4. Заявление перседателя Совета Безпасности ООН по вопросу «Положения в Афганистане» от 16 декабря 1997 г. [Электронный ресурс]: – N9736878.pdf (un.org) .(дата обращения 12.01.2024).

5. Резолюция 1214 (1998) принито Совета Безпасности на его 3952 – м засидании 8 декабря 1998 года. [Электронный ресурс]: – N9838783.pdf (un.org) .(дата обращения 12.01.2024).

6. 15 октябри соли 1999 Шурои амнияти СММ Қатъномаи 1267-ро қабул кард, ки дар он аз толибон даъват мешуд то Усома бини Лоданро таслим диҳанд. - [Манбаи электронӣ]: UN Security Council Resolution 1267 (1999) (umn.edu). (Санаи муроҷиат 11.10.2020).

7. 19 декабри соли 2000-ум Шурои амнияти СММ Қатъномаи 1333-ро қабул карда, ба муқобили «Толибон» таҳрими низомӣ муайян кард. - [Манбаи электронӣ]: UN Security Council Resolution 1267 (1999) (umn.edu). (Санаи муроҷиат 11.10.2020).

8. Резолюция 56/58. Меры по ликвидации международного терроризма / Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 12 декабря 2001 г. № 56/58. - [Электронный ресурс]: UN Security Council Resolution 1267 (1999) (umn.edu). (дата обращения 12.05.2020).

9. Государственная Дума полностью подерживат содержание и дух резолюции Совета Безпасности ООН 1368 от 12 сетября 2001 года.- [Электронный ресурс]: UN Security Council Resolution 1267 (1999) (umn.edu). (Санаи мурољиат 11.10.2020).

10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ 1994 с. ИМА [Электронный ресурс]: – Режим доступа: http//www.president.tj/ru/node/4324 (Санаи муроҷиат: 20.09.2021)

**Бойгонӣ:**

11. Архив Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Управление информации, прессы, анализа и внешнополитического планирования. Папка «Афганистан» (Матералы за 1992-2001 гг.). Информационный бюллетень // Издания Департамента информации Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. 1994-1999. 54183. – Центральная Азия. (1997-2005).

12. Маводи бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. «Афғонистон» (маводди солҳои 1992 - 2001).

**Мусоҳибаҳо:**

13. Мусоҳиба бо сафири Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Заҳири Ағбар октябри соли 2019.

14. Мусоҳиба бо собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Афғонистон Шарофиддин Имомов октябри соли 2019.

15. Мусоҳиба бо собиқ раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдамир Зуҳуров январи соли 2020.

**Адабиёти илмӣ:**

16. Азимӣ, Н. Урду ва сиёсат [Матн] / Н. Азимӣ. – Кобул, 1994. 640 с.

17. Аймоқ, Ҳ. Таърихи маорифи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Аймоқ. – Кобул, 2008. – 464 с.

18. Али, Х. Шурои сартосарии қумандонони Афғонистон [Матн] / Х. Али. – Кобул, 1991 – 324 с.

19. Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳидин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷамъахон Алимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 339 с.

20. Андешманд, М.И. Амрико дар Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 2007. – 388 с.

21. Андешманд, М.И. Наҳзатҳои исломии Афғонистон [Матн] / М.И. Андешманд. – Кобул, 1392 (2014). – 350 с.

22. Ансорӣ, Х.Б. Афғонистон дар оташи ҷанг [Матн] / Х.Б. Ансорӣ. – Кобул, 2003. – 521 с.

23. Арунова, М.Р. Афганская политика США в 1945-1999 гг. [Текст]: Краткий очерк / М.Р. Арунова; Ин-т изученияи Израиля и Ближ. Восток, Ин-т востоковидения РАН. – М., 2000. – 127 с.

24. Арунова, М.Р. Афганский кризис и проблема формирования региональной системы безопасности в Центральной Азии [Текст] / М.Р. Арунова. – М.: РУДН, 2010. – Вып.1. – 105 с.

25. Арунова, М.Р. Граница России с Афганистаном [Текст]: Исторический очерк / М.Р. Арунова; РАН. Ин-т востоковидения. – М.: ИВ РАН, 1998. – 108 с.

26. Арунова, М.Р. Очерк истории формирования государсвенных границ между Россией, СССР и Афганистаном / М.Р. Арунова; Рос. Цетр стратег. и междунар. Исслед., Ин-т востоковедения Рос. АН. – М.: РЦСМИ, 1994. – 115 с.

27. Арунова, М.Р. Очерк средновековой и новой истории Афганистана [Текст]: Монография / М.Р. Арунова; Ин-т Востоковидения Рос. АН. – М.: Российский ун-т дружба народов, 2010. – 264 с.

28. Асозода, Х., Афғонистони инқилобӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 400 с.

29. Басов, В.В., Поляков, Г.А. Афганистан [Текст]: Трудные судьбы революции / В.В. Басов, Г.А. Поляков. – М.: Знание, 1988. – 63 с.

30. Беги, А. Афғанистан бад аз пирӯзии инқилоби исломӣ то суқути шимол ба дасти толибон (1991-1998) [Матн] / А. Беги. – Пешавар, 2002. – 356с.

31. Бойко, В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX-начале XXI вв. [Текст]: Учебное пособие / В.С. Бойко. – Барнаул: АлтГПУ, 2016. – 136 с.

32. Громов, Б. Ограниченный контингент [Текст] / Б. Громов. – М. 1994. – 127 с.

33. Забеҳулло И. Ҳақоиқи пушти пардаи таҳоҷуми Шуравӣ бар Афғонистон [Матн].– Кобул, 1998.– 332 с.

34. Забеҳулло, И. Ҷараёни пуршитоби толибон [Матн] / И. Забеҳулло. – Кобул, 1999. – 618с.

35. Зокиров, Г.Н. Минтақаи кӯҳистон (таҳқиқоти геополитикӣ) [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2016. – 152 с.

36. Илмӣ, Ҳ. Дар масири пирӯзӣ [Матн] / Ҳ. Илмӣ. – Кобул, 2008. – 218 с.

37. Имомов, Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 267 с.

38. Имомов, Ш. Усул ва роҳҳои дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Афғонистон [Матн] / Ш. Имомов. – Душанбе, 2000. – 37 с.

39. Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 2010. – 236 с.

40. Искандаров, К. Молодежное движения ва Афганистане (1945-1990 гг.) [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Дониш, 1992. – 148 с.

41. Искандаров, К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 500 с.

42. Искандаров, Қ. Афғонистон: Толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 132 с.

43. Искандаров, Қ. Нури шаҳри офтоб [Матн] / Қ. Искандаров. – Душанбе, 2009. – 123 с.

44. Искандаров, Қ., Давлатов, Р., Абдуллоев, Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ [Матн] / Қ. Искандаров, Р. Давлатов, Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2018. – 216 с.

45. Князев, А.А. Афганистан и безапасность Центральной Азии [Текст] / А.А. Князев. – Бишкек: ИД «Prinhovse», 2010. – 159 с.

46. Князев, А.А. История афганской войны 1990-х гг. и превращение Афганистана в источник угроз для Центральной Азии [Текст] / А.А. Князев. – Бишкек: Изд-во КРСУ, 2002. – 246 с.

47. Коргун, Г.В. Россия и Афганистан: Исторические пути формирования образа Росии в афганистане [Текст] / В.Г. Коргун. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. – 320 с.

48. Қурбонов, Ҳ., Ғоиб, Ғ. Панҷшер - сарзамини мардхез [Матн] / Ҳ. Қурбонов, Ғ. Ғоиб. – Кулоб, 2011. – 280 с.

49. Латифов, Дж. Афганистан: семена надежды Урегулирование политической ситуации, укрепление государственных основ и проблемы посконфликтного Афганистана [Текст] / Дж. Латифов. – Душанбе, 2007. – 127 с.

50. Ляховский, А.А., Некрасов, В.М. Гражданин, политик, воин. Памяти Ахмад Шаха Масуда [Текст] / А.А. Ляховский, В.М. Некрасов. – М.: 2007. – 360 с.

51. Марде устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур [Матн] – Машҳад, 1999. – 318с.

52. Махмадшоев, Р. Процессы этнополитического и социокультурного развития таджиков Афганистана [Текст]: Монография / Р. Махмадшоев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 390 с.

53. Мубориз, А.Х. Ҳақоиқ ва таҳлили вақоеи сиёсии Афғонистон (1973-1999) [Матн] / А.Х. Мубориз. –Кобул, 2000.-420с.

54. Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи толибон [Матн] / В. Мужда. – Пешовар: Майванд, 2002. – 480 с.

55. Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдурраҳмон то Карзай) [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул, 2016. – 750 с.

56. Муродӣ, С. Аҳмадшоҳи Масъуд ва таҳаввулоти даҳаи ҳаштод дар Афғонистон [Матн] / С. Муродӣ. – Кобул: Бунёди Шаҳид Масъуд, 1385 (2006). –318с.

57. Назаров, Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1998. – 656 с.

58. Нуриддинов, П.Р. Кто есть, кто в Афганистане. Второе дополненое издание [Текст] / П.Р. Нуриддинов. – Душанбе, 2017. – 400 с.

59. Нуриддинов, П.Р. Политические партии и партийная система Афганистана [Текст] / П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 416 с.

60. Ориёнфар, Ш. Дидгоҳҳои Аҳмадшоҳи Масъуд [Матн] / Ш. Ориёнфар. – С.42.

61. Панҷшерӣ, Ғ.Д. Зуҳур ва заволи Ҳизби халқии демократии Афғонистон [Матн] / Ғ.Д. Панҷшерӣ. – Пешовар, 1377 (1998). – 619 с.

62. Паҳлавон, Ч. Афғонистон, асри муҷоҳидин ва баромадани толибон [Матн]: – Теҳрон, 1999. – 268 с.

63. Примаков, Е. Мир после 11 сентября [Текст] / Е. Примаков. – М.: Мысл, 2002. – 188 с.

64. Пулод, И. Террористические события 11 сентяьря и вмещательство США в Афганистане [Текст] / И. Пулод. – Исп., 2006. – 200 с.

65. Расулӣ, А. Назаре бар завоёи торики таърихи муосири Афғонистон [Матн] / А. Расулӣ. – Теҳрон, 2003. 360 с.

66. Расулӣ, Н. Паймонҳои стротегии маориф бо кишварҳои ғарбӣ [Матн] / З. Расулӣ. – Пешовар, 2007. – 130 с.

67. Расулиён, Қ.Р. Тоҷикони Афғонистон: дирӯз ва имрӯз/ Қ.Р. Расулиён // Осори Мунтахаб. Ҷ. 4. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2022. – С. 449–458.

68. Рашид, А. Толибон, ислом, нафт ва бозии бузурги ҷадид [Матн] / А. Рашид. – Теҳрон, 2000.- 336 с.

69. Руа, О. Афғонистон, Толибон ва сиёсатҳои ҷаҳонӣ [Матн] / О. Руа; Тарҷумаи Абдулғаффор Муҳаққиқ. – Машҳад, 1999. – 220 с.

70. Саидов, Х.С. Афганистан в поисках путей национально – государственного развития [Текст] / Х.С. Саидов. – М., 2011. – 440 с.

71. Саидов, Х.С. Маунстюарт Эльфинстоун английский дипломат и политик. Этнос, общества и власт в Афганистане [Текст] / Х.С. Саидов. – Душанбе, 2012. – 202 с.

72. Соқиб, М. Афғонистон ва кишварҳои аврупоӣ [Матн] / М. Соқиб. – Теҳрон, 2005. – 320 с.

73. Султон, Х. Аз Ардашер то Шери Панҷшер [Матн] / Х. Султон. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 100 с.

74. Сушенцов, А.А. Очерки политика США в региональных конфликтах 2000-х годов [Текст] / А.А. Сушенцов. – М.: МГИМО-Университета, 2013. – 249 с.

75. Фарҳанг, М. Афғонистон дар панҷ қарни охир [Матн] / М. Фарҳанг. – Кобул, 1394 (2016). – Ҷ.1-2. – 1354 с.

76. Филатов, В.И. Люди долга [Текст]: Из афганского дневника / В.И. Филатов. – М.: Красная Звезда, 1987. – 80 с.

77. Ҳикматёр, Г. Дасоиси пинҳон ва чеҳраҳои урён. Аз хуруҷи қувваҳои русӣ то сукути ҳукумати эътилофӣ [Матн] / Г. Ҳикматёр. – Теҳрон, 2000. – 523 с.

78. Шарифӣ, М. Омӯзиш ва парвариш дар шароити низоъҳои низомӣ дар Афғонистон [Матн] / М. Шарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 180 с.

**Мақолаҳо:**

79. Алимӣ, Ҷ. Аҳмадшоҳи Масъуд кист? [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 30 август.

80. Алимӣ, Ҷ. Бурхониддин Раббонӣ кист? [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 9 март.

81. Алимӣ, Ҷ. Гулбиддин Хекматиёр кист? [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 2 феврал.

82. Алимӣ, Ҷ. Покистон дӯст ва ҳомии Толибон [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 19 октябр.

83. Алими, Ҷ. Толибон кистанд? [Матн] / Ҷ. Алимӣ // Миллат. – 2011. – 28 апрел.

84. Амор, Ҳ. Таъсири фурӯпошии Шуравӣ бар Афғонистон, пас аз бист сол [Матн] / Ҳ. Амор // Би-би-си. – 2011. – 26 август.

85. Армон, А. «Льва» Панджшера [Матн] / А. Армон // Фараж. – 2009. – 21 мая.

86. Афганистан процессы генезиса международного терроризма 2000-2001 гг. [Текст] // Афганистан на переходном этапе (сентябрь 2001-июнь 2002 г.). – Москва, 2002 – С.22.

87. Владимир, Е. Ахмадшах Масуд: Афганская война прекращается в Пакистан [Текст] / Е. Владимир // Известия. – 2000. – 2 декабря.

88. Давлат, Н. Ахмадшах Масуд: 20 сол дар сангар [Текст] / Н. Давлат // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1998. – 16 март.

89. Давлат, Н. Толибон вориси Ҳикматёр ҳастанд [Матн] / Н. Давлат // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 31 август;

90. Давлатов, Н. Толибон: аз пайдоиш то сукут [Матн] / Н. Давлатов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2002. – 15 март.

91. Давыдов, А. Д. Режим талибов в Афганистане [Текст]: жесткая исламизация / А. Давыдов // Афганистан: война и проблемы мира. – М.: Наука, 1998. – С.47-59.

92. Ёдбуди Шери жаён дар Ирон [Матн] // Миллат. – 2011. – №38. – 21 сентябр. – С.16.

93. Ёди Давлат Усмон аз вохӯриҳо бо Масъуд: суҳбат аз Тоҷикистон, Ҳикматёр, хости ИМА ва марг [Манобеи электронӣ]: – Низоми дастрас: https://shutnik.ws/EeSg/ (Санаи муроҷиат: 25.11.2020).

94. 11 сентябр оғози асри нав дар сиёсати ҷаҳонӣ [Матн] // Маҷмӯаи мақолот, рӯзшумории 11 сентябр. – С.18.

95. Инсиҷом [Матн]. – 1380 (2001). - №12-14. – С.2004.

96. Искандаров, К. Афганистан в начале XXI века [Текст] / К. Искандаров // Миллат. – 2012. – 8 августа.

97. Исо, М. Ҷамъияти исломӣ дар як нигоҳ [Матн] / М. Исо // Уммат. – 2000. – №3. – август. – С.43.

98. Катков, И.Е. Социальные аспекты племенной структуры пуштунов // Афганистан: история, экономика, культура. – М., 1989. – С.37-57.

99. Козырев, Н.И. Афганистан. Вернутся ли талибы? [Текст] / Н.И. Козырев // Международная жизнь. – М., 2007. – №3. – С.42.

100. Косов, Г.В. «Исломофобия» и «этнофобия» в контексе политического конфликта [Текст] / Г.В. Косов, А.А. Вартумян // Социально-гуманитарные здания. – 2010. – №7. – С.321-335.

101. Кто такие талибы? [Текст] // Агрументи и факты. – 2000. – №41. – 11 октября.

102. Кузнецов, В. Врачи едут в кишлаки [Текст] / В. Кузнецов // Известия. – 1987. – №137 (21944). – 17 мая. – С.4.

103. Махмадшоев, Р. «Талибан» и таджико – пуштунский вопрос [Текст] / Р. Махмадшоев // Международная конференция «Афганистан и региональная безопасность: пять лет после «Талибан», Душанбе, 11, 12 декабря 2006 г. // Афганистан и безапасность: Центральной Азии. – 2006. – №3. – С.155-167.

104. Махмадшоев, Р. Духовная культура таджиков Афганистана и необходимость её изучения [Текст] / Р. Махмадшоев // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия история и филология. – 2009. – С.84-87.

105. Меликянц, Г. Новь Афганистана [Текст] / Г. Меликянц // Известия. – 1982. – №287 (20268). – 14 октября. – С.5.

106. Наврузи, К. Толибон ба Покистон бар мегарданд [Матн] / К. Наврузи // Ҷумҳурият. – 2001. – №134. – 15 ноябр.

107. Новое время [Текст]. – 1992. – №35. – С.21-26.

108. Нуриддинов, П.Р. Методологические проблемы зарождения и эволюции идеологических установок и практической деятельности террористических дивижения [Текст] / П.Р. Нуриддинов // Терроризм: моҳият, хосият ва раванди ташаккулу инкишоф: маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12-13 январи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С.41-49.

109. Паёми зан [Матн]. – 1998. – 25 ноябр.

110. Плешов, О.В. Движение «Талибан»: истоки фундаментализма [Текст] / О.В. Плешов // Афганистан: война и проблемы мира. – М.: Наука, 1998. – С.39-46.

111. Раббонӣ Фирдавсии замона ва Масъуд Рустами қаҳрамони ӯ буд [Матн] // Миллат. – 2011. – №38. – 21 сентябр.

112. Сайдалиев, Ҷ. Амрико, Амрико ва боз ҳам Амрико [Матн] / Ҷ. Сайдалиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2001. – №37-38. – С.2.

113. Толибон, Б. Раббониро ба қатл расониданд [Матн] / Б. Толибон // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 22 сентябр.

114. Уильям, М. Афганистан с точки зрения истории и географии [Текст] / М. Уильям // Красного Креста. – 2010-2011. – №880-881. – С.23-27.

115. Умнов, А.Ю. Общество и государство в Средней Азии и на Среднем Востоке [Текст] / А.Ю. Умнов // Мировая экономика и международный отношения. – М., 1996. – №7. – С.96-103.

116. Устод Бурҳониддин Раббонӣ террор шуд [Матн] // Миллат. – 2011. – №38. – 21 сентябр. – С.7.

117. Холбек, Ф. Афсонаҳои Афғонӣ [Матн] / Фахриддини Холбек // Нигоҳ. – 2011. – №16. – 6 июл. – С.9.

118. Ҳафтаномаи Паёми муҷоҳид [Матн]. – 1373 (1995).

119. Цаголов, К., Херисон С.С.. Афганская война: взгляд из сегодняшнего дня [Текст] / К. Цаголов, С. С. Херисон // Восток. – 1991. – №3. – С.53.

120. Шарифов, Р.Я. Этно-социальные предпосылки формирования современной системы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/7. – С. 79-85.

121. Шарифов, Р.Я. Историография проблемы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Педагогического университета им. Садриддина Айни. – 2018. – №2 (74). – С. 180-187.

122. Шарифов, Р.Я. Состояние системы образования в Афганистане в период республики (27.07.1973-27.04.1978 гг.) [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/7. – Ч.II. – С. 3-6.

123. Шарифов, Р.Я. Социально-экономические предпосылки формирования современной системы образования в Афганистане [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017. – №3/5. – С. 126-130.

124. Шафеъ, Б. Аҳмадшоҳи Масъуд: Ошиқ, Пешво, Шаҳид [Матн] / Furthermore Бобоҷони Шафеъ // Нигоҳ. – 2009. – №25. – 8 сентябр. – С.9.

**Мақолаҳо бо забони англисӣ:**

125. Afghan gunmen seize Italian journalist – report [Text] // Reuters. – 2006. – 14 October.

126. Afghan people suffer while big powers manipulate and bomb [Text] // The Guardian. – 2001. – 21 November.

127. Amir Shah. Taliban leader outlaw’s poppy growing in Afghanistan [Text] // The Associated Press. – 2000. – 28 July.

128. Analysis: Who are the Taleban? [Text] // BBC News. – 2000. – 12 December

129. Christopher Thomas. Kabul Army Routs Taleban Students In Dawn Attack [Text] // The Times. – 1995. – 20 March

130. Danger - Devil [Text] // The Shadow. – 2009. – 22 April

131. Dave Johns. Who Are the Taliban? [Text] // PBS. – 2007. – 10 April

132. Dexter Filkins. The Legacy of the Taliban Is a Sad and Broken Land [Text] // The New York Times. – 2001. – 31 December

133. Dua H.K. Americans commit blunders, not mistakes [Text] // The Tribune. – 2009. – 10 March

134. Eben Kaplan, Greg Bruno. The Taliban in Afghanistan [Text] // The Washington Post. – 2008. – 7 July

135. Edith M. Lederer. UN Adopts Sanctions Against Taliban [Text] // The Associated Press. – 2002. – 17 January

136. Emily MacFarquhar. Genie in Kabul [Text] // U.S. News & World Report. – 1996. – 7 October

137. Emily MacFarquhar. The rise of Taliban: A new force of Muslim fighters is determined to rule Afghanistan [Text] // U.S. News & World Report. – 1995. – 6 March

138. Hamid Hussain. Afghanistan - not so great games [Text] // Defence Journal. – 2002. – 15 April

139. Jason Burke. Taliban army seals fate of siege city [Text] // The Independent. – 1998. – 10 August

140. Jean-Rodrigue Pare. Afghanistan: UN Intervention [Text] // Library of Parliament of Canada Research Publications. – 2007. – 15 November.

141. Jon Swain. Terror chief found behind Taliban lines [Text] // The Sunday Times. – 1996. – 27 October

142. Kamal Matinuddin. The Taliban Phenomenon: Afghanistan 1994-1997 [Text]. – Oxford University Press, 1999.

143. Kathy Evans, Phil Goodwin. The Kabul Coup - Kabul Falls To Islamist Taliban Militia [Text] // The Guardian. – 1996. – 28 September

144. Kathy Gannon. Islamic Student Militia Overruns Strategic Western City [Text] // The Associated Press. – 1995. – 5 September

145. Kawun Kakar. An Introduction of the Taliban [Text]. – Institute for Afghan Studies. – Fall, 2000.

146. Major Hezb stronghold falls in Afghanistan [Text] // Agence France-Presse. – 1995. – 10 February

147. Mary Anne Weaver. The Real Bin Laden (Clinton Incompetence) [Text] // The New Yorker. – 2000. – 24 January

148. Michael Rubin. Who is Responsible for the Taliban? [Text] // Middle East Review of International Affairs. – 2002. – Vol.6. – №1. – 15 March

149. Nahid Suleman. Ethnic Discrimination in Afghanistan [Text] // Intermedia

150. Pakistan: "The Taliban's Godfather"? [Text] // Global Research. – 2008. – 31 August

151. Richard Lardner. Drug trade, extortion financing Taliban-led insurgency in Afghanistan, Treasury official says [Text] // The Associated Press. – 2009. – 13 October

152. Simon Jenkins. Stop killing the Taliban – they offer the best hope of beating Al-Qaeda [Text] // The Sunday Times. – 2008. – 22 June

153. Taleban change name of Afghanistan to Emirate [Text] // Reuters. – 1997. – 26 October

154. Taliban declare Afghanistan an Emirate [Text] // Agence France-Presse. – 1997. – 27 October

155. The Taliban: Afghanistan's fundamentalist leaders [Text] // CBC News. – 2006. – 21 March

156. Tim McGirk. Kabul Learns to Live with Its Bearded Conquerirs [Text] // The Independent. – 1996. – 6 October

**Сомонаҳои интернетӣ:**

157. http// www.president.tj/ru

158. http://mts.tj./.ru

159. http:// www afganistan. ru

160. http://shutnik.

161. http://BBC

162. http://wikipedia. Org

**Диссертатсияҳо:**

163. Аҳмад, А.А. Таҳаввули шаклҳои идоракунии давлати Афғонистон пас аз касбияти истиқлолияти давлатӣ [Матн]: Дисс... ном. илм. ҳуқ. / А.А. Аҳмад. – Душанбе, 2019. – 233 с.

164. Гудоз, М.А. Ташаккул ва рушди савдои дохилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) [Матн]: Дисс... ном. илм. иқ. [Матн] / М.А. Гудоз. – Душанбе, 2021. – 176 с.

165. Давлатов, Р.М. Ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон (1992-2015) [Матн]: Дисс... ном. илм. таъ. / Р.М. Давлатов. – Душанбе, 2019. – 208 с.

166. Казаков, Р.С. Станавления и развитие политических, торгово-экономических и культурных отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан [Текст]: Дисс... канд. истор. наук [Текст] / Р.С. Казаков. – Душанбе, 2014. – 197 с.

167. Князев, А. Влияние афганского кризиса на безопасность Центральной Азии (1990-е - начало 2000-х гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / А. Князев. – Бишкек, 2004. – 326 с.

168. Кушо, Ф. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушди маорифи Афғонистон (солҳои 2001-2016) [Матн]: Дисс... д-р (Ph.D) / Ф. Кушо. – Душанбе, 2022. – 202 с.

169. Қодиров, Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. таъ. / Д.С. Қодиров. – Душанбе, 2020. – 192 с.

170. Мамадғафуров, И.Э. Тағирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / И.Э. Мамадғафуров. – Душанбе, 2020. – 199 с.

171. Муроди С. Кабул в исторических источниках [Текст]: Дисс... канд. истор. наук / С. Муроди. – Душанбе, 2002. – 171 с.

172. Муҳаммад, Ҷ.Т. Афғонистон дар матбуоти даврии замони истиқлоли Тоҷикистон [Матн]: Дисс... ном. илм. фал. / Ҷ. Т. Муҳаммад. – Душанбе, 2018. – 181 с.

173. Ҷалол, Ф. Нақши қудрати сиёсӣ дар таъмини ваҳдати миллӣ дар Афғонистон [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / Ф. Ҷалол. – Душанбе, 2019. – 178 с.

174. Шарифов, Р.Я. История современного образования в Афганистане (1919-1978 гг.) [Текст]: Дисс... д-ра истор. наук / Р.Я. Шарифов. – Душанбе, 2012. – 338 с.

175. Шарафёр, Ш. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба он [Матн]: Дисс... ном. илм. сиё. / Ш. Шарафёр. – Душанбе, 2021. – 295 с.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### 1. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон дар охири асри XX ва оғози асри XXI [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.100-102.

[2-М]. Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С.216-220.

[3-М]. Абдусаматов, Б.Б. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳ дар Афғонистон [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №2. – С.258-261.

[4-М]. Абдусаматов, Б.Б. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши низоъҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва таъсири онҳо дар низомӣ давлатдорӣ [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С.283-287.

### 2.Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои хориҷа чоп шудаанд:

[5-М]. Абдусаматов, Б.Б. Роль Республики Таджикистан в поиске решения афганской проблемы (1992-2021 гг.) [Текст] / Б.Б. Абдусаматов // Наука и современное образование: актуальные вопросы, достижения и инновации, Сборник статей III международной научно-практической конференции, состоявшейся 30 октября 2021г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.34-38.

[6-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмад Шаха Масуда за единство в Афганистане [Текст] / Б.Б. Абдусаматов // Интеграция науки в условиях глобализации и цифровизации XIII международной научно-практической

конференции 29 сентября 2021. в г. Ростов-на-Дону. – Ростов на Дону, 2021. – С.259-261.

[7-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмада Масуда против внутренних и внешних врагов Афганистана за единство страны [Текст] / Б.Б. Абдусаматов // Инновационная парадигма развития современных гуманитарных и общественных наук. Сборник статей III Международной научно-практической конференции, состоявшейся 11 ноября 2021 г. в г. Петрозаводск. – Петрозаводск, 2021. – С.117-122.

[8-М]. Абдусаматов Б.Б. Жизнь и политическая деятельность профессора Бурханиддина Раббани [Текст] / Б.Б. Абдусаматов // Международный центр научного сотрудничества «Наука и просвещение» Сборник статей XXXIV Международной научно-практической конференции, состоявшейся 7 декабря 2021 г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.83-85.